ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ АЗ ФАННИ ПЕДАГОГИКА

(Барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии фанни педагогика дар муассисаҳои таълимии ғайрипедагогӣ)

Душанбе 2024

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМӢ ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ
# АЗ ФАННИ ПЕДАГОГИКА

Барнома дар кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон» омода шудааст.

Мураттиб:

номзади илмҳои педагогӣ З. Ҷ. Наимов

Муқарризон:

доктори илмҳои педагогӣ,  профессор К.  Қодиров

доктори илмҳои педагогӣ,  профессор Б.  Маҷидова

Муҳаррир:

доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Мирализода

Зери назари узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои тиб, профессор А. Ахмедов

Ҳуруфчин Муҳаммадиқболи З. Н.

Барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии фанни педагогика дар муассисаҳои таълимии ғайрипедагогӣ пешбинӣ шудааст.

Бо қарори Шурои маркази илмӣ - методии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» аз «____» ____ 2024с. №_______барои нашр тавсия шудааст.

**НАҚШАИ**
**кори фанни педагогика барои курсҳои омӯзишӣ**

| № | НОМГӮИ МАВЗУҲО | лексия | амалӣ | ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| **Боби 1. Назарияи тарбия дармактаби олӣ** | | | | |
| 1 | Предмат, махсусият ва вазифаҳои асосии фанни педагогика | 2 | - | 2 |
| 2 | Принсипҳои асосии педагогика дар мактаби олӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ | 2 | 2 | 4 |
| 3 | Муаллими мактаби олӣ-тахассусӣ, хусусиятҳо, омодагӣ, одоби касбӣ ва сифатҳои арзишманди ӯ | 2 | - | 2 |
| 4 | Асосҳои назариявии ташкили тарбия дар мактабҳои тахассусӣ-касбӣ | 2 | - | 2 |
| 5 | Фаъолият ва имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии инсон | 2 | 2 | 4 |
| 6 | Масъалаҳои тарбиявии инсон дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт аз нигоҳи педагогӣ | 2 | - | 2 |
| 7 | Норасоиҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули шахсияти мутахассиси ҷавон | 2 | - | 2 |
| 8 | Имкониятҳои тарбияи иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён ва ҷавонон бо истифода аз воситаҳои ахбори омма (ВАО) | 2 | - | 2 |
| 9 | Маданият ва маданияти педагогии корманди мактабҳои тахассусӣ-касбӣ | 2 | - | 2 |
| **Боби 2. Назарияи таълим дар мактабҳои олии тахассусӣ (дидактика)** | | | | |
| 10 | Ҷараёни педагогӣ ва роҳҳои мукаммалшавии он дар мактабҳои тахассусӣ | 2 | 2 | 4 |
| 11 | Назарияи фаъолияти таълимии педагог чун сомонаи донишҳои илмӣ | 2 | - | 2 |
| 12 | Таълим ҳамчун системаи функсионалӣ ва қисми таркибии системаи педагогӣ | 2 | | 2 |
| 13 | Фаъолияти таълимӣ ва масъаланокии раванди таълим | 2 | 2 | 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14 | Мафҳуми тасавур ва тахаюл (хаёлот) сомонасози ҷанбаҳои ҷараёни эҷодӣ | 2 | - | 2 |
| **Боби 3. Ташкили бозиҳои дидактикӣ–эвристикӣ дар мактабҳои олӣ** | | | | |
| 15 | Банақшагирии системаи бозиҳои дидактикӣ барои ташаккули малакаи касбӣ-педагогии донишҷӯён | 2 | 2 | 4 |
| 16 | Имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ | 2 | - | 2 |
| 17 | Сохтори ташкил ва технологияи бозиҳои озмоишӣ-таҳқиқотии эвристикӣ | 2 | 2 | 4 |
| 18 | Методи бозӣ дар системаи такмили ихтисос ва тайёр намудани кадрҳо дар мактаби олӣ | 2 | - | 2 |
| | **Дар маҷмуъ: лексия 36с, амалӣ 12с, ҳамагӣ 48с**. | **36** | **12** | **48** |

## Пешгуфтор

*Тақдириояндаи миллатро омӯзгорон ва шогирдони омодакардаи онҳо муайян мекунанд (Бисмарк)*

Яке аз масъалаҳои асосии замони муосир дар назди ҷомеаи инсонӣ ин қобилияти дарки масъалаҳои рӯзмарра ва ҳалталаб аст. Пайдо намудани роҳҳои ҳалли онҳо аз мо серҳаракатӣ ва тафаккури инкишофёфтаи созандаро тақозо менамояд. Вақти он расидааст, ки барои пешрафти миллату давлат аз ҳама гуна имкониятҳои мавҷудаю нобуда истифода барем. Барои ин моро пеш аз ҳама зарур аст, ки рӯй оварем ба низоми таълиму тарбия дар мактабҳои олии тахассусии мамлакат, ки дар тайёр кардани мутахассисони ҳамаи соҳаҳо масъул ҳастанд. Барои ҳама бояд равшан бошад, ки ҷои асосии фаъолият, ҳатто бо дарназардошти он, ки натиҷааш ками андар кам баъди 15-20 сол ба даст меояд, боз ҳам мактаб, мактаб ва боз мактаб аст! Шарҳ ин аст, ки роҳи мактаб ва махсусан мактаби олӣ оғози шоҳроҳи зиндагонӣ, аз ҷумла оғози роҳи иқтисодиёту иҷтимоъ, сиёсату ҳуқуқ, роҳи адабиёту санъат, илму фарҳангу маданият, роҳи коинот ва сари ҳама роҳҳои дигар аст.

Давраи муосири ташаккули ҷомеа дар Тоҷикистон ба соҳаи маориф ва илм дигаргуниҳои куллӣ ворид намуда, водор сохтааст, ки фаъолияти системаи маориф ва илми кишвар сифатан баланд бардошта шавад. Ислоҳоти соҳаи маориф ва илм, ки дар ҷумҳурӣ ҷараён дорад, маҳз ҳамин мақсадро ҳадафи худ қарор додааст.

Чӣ хеле, ки маълум аст илми педагогика танзимгари таҳсилот аст. Аз ин рӯ мутахассисони соҳаи педагогикаро зарур аст, ки ба ин илм назари ҷадид андохта, онро мувофиқан ба талаботи замони муосир баррасӣ намоянд. Дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ бошад илми педагогика бояд ташаккули ҳаматарафаи шахсияти мутахассиси ояндаро мувофиқ ба талаботҳои бозори ҷаҳонии меҳнат таҳлилу баррасӣ намуда, пешкаши ҷомеа намояд.

Таҷрибаи муосири таълим, тайёр ва бозомӯзии кадрҳои соҳаҳои мухталифи мамлакат муккамалшавии ҳамешагии кадрҳои мактабҳои миёна ва олии тахассусиро, ки ҷавобгӯи талаботҳои таълимию тарбиявӣ бошанд, тақозо дорад.Ин ҳолат дар навбати худ аз мо талаб менамояд, ки андаке бошад ҳам дар сохтори мазмун ва мундариҷаи таълиму тарбияи касбӣ таъғири (тағйири) назар намоем. Аз ин сабаб моро зарур

аст, ки ба ҷомеа мутахассисонеро пешбарӣ намоем, ки тафаккури созандаи эҷодӣ дошта бошанд.

Дар барномаи таълимии мазкур нақшаи мавзуҳо дар ҳаҷми дастраси донишҳои муқаддимавӣ оид ба фанни педагогика дар мактабҳои олии тахассусӣ барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии кадрҳои мактабҳои тахассусии кишвар пешбинӣ шудаанд. Дар он мутобиқи тағйиротҳо дар соҳаи педагогика, метод ва усулҳои педагогии таълими ин фан бо дарназардошти ғояҳои муосири инкишофи шахсияти мутахассис мушикофона баррасӣ мешаванд, ки маҳз барои ташаккули шахсияти эҷодкор пешбинӣ шудаанд.

Моҳият ва муҳтавои таълими фанни педагогика дар мактабҳои олии тахассусӣ ташаккули донишҳои илмӣ ва шахсияти мутахассисро ташкил медиҳад, ки тавониста бошад донишҳои гирифтаашро дар ҳаёти воқеӣ ва дар маърифати шахсияти худ ва атрофиён истифода барад.

Барномаи таълимӣ иборат аз 3 боб буда, дар ҳаҷми 48 соат, аз ҷумла, 36 соат дарсҳои лексионӣ ва 12 соат дарсҳои амалӣ пешниҳод мешавад.

# БОБИ 1. НАЗАРИЯИ ТАРБИЯ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

## Мавзуи №1

### *Предмет, махсусият ва вазифаҳои асосии назария ва амалияи фанни педагогика*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

*1. Мафҳум, объект, субъект ва предмети педагогикаи мактаби олӣ*

*2. Мафҳумҳои асосӣ, ҳадаф ва вазифаҳои педагогикаи мактаби олӣвааҳамияти омӯзиши он ҳамчун фан дар муассиса□ои таълимии □айрипедагогӣ*

*3. Усул ва роҳҳои омӯзиши таҷрибаҳои иҷтимоии педагогика дар мактаби олӣ*

*4. Барномаҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти педагогикаи мактаби олӣ дар ИМА.*

**Адабиёт:**


1) *Асозода Х. Достони зиндагӣ. (ҷилди 2) Душанбе 2018с*
2) *Бочарова В. Г. Педагогика высщей школы – М.,1994.*
3) *Мудрик А. В. Введение в педагогику. 1994 г.*
4) *Социальная педагогика: теория, местодика, опыт исследования. – Свердловск. 1988.*


**I.** Мафҳуми педагогика ифодагари ду маънист. Аввал – соҳаи донишҳои илмӣ ва илм, дуюм – соҳаи фаъолияти амалӣ, ҳунармандӣ ва санъат. Тарҷумаи «таҳт-ул-лафзӣ» аз забони юнонӣ «роҳнамои тифл» ба маънии санъат, «санъати роҳнамоии кӯдак ба ҳаёт» яъне таълим додан, тарбия намудани ӯ ва роҳнамоӣ ба рушди ҷисмонӣ ва маънавӣ. Дар аксар маврид таҳти мафҳуми «педагог» асосан касби муаллимиро дар назар мегиранд. **Муҳаммад Раҷоӣ – донишвари бузурги иронӣ оид ба ин касб чунин мегӯяд: «Муаллимӣ ишқ аст, агар ӯро воситаи рӯзгузаронӣ пиндоштаӣ раҳояш кун ва агар ишқи туст муборак аст».**

Талаботи рӯзафзуни ҳаёти ҷомеа ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар мустақилона ва алоҳида шакл гирифтани педагогика ҳамчун илм сабаб гардид, ки дар аввал ба тариқи «стихиявӣ» пайдо шуда буданд. Аз

ин рӯ метавон чунин шумурд, ки системаи таълиму тарбияро талаботи объективонаи ҷомеа ба вуҷуд овард, ки дар оянда сабабгори асосии рушди ҷомеа гардид. Мустақилияти ҳама гуна илм дар нисбати фанни (предмети) тадқиқотии ӯ муайян мешавад, ки аз ҷониби дигар илмҳо таҳқиқ намешавад. Дар системаи умумии илмҳо ва системаи умумии «ашё ва дониш» педагогика ягона илмест, ки предмети тадқиқоташро **тарбияи инсон** интихоб намудааст.

Ҷаҳон ин сон шуду, инсон ҷаҳоне,
Аз ин покизатар набвад баёне.

Омӯзиши ҳама гуна илм аз таърихи пайдоишу инкишоф ва масъалаҳои баррасикунандаи он ибтидо мегирад. Дар ҳақиқат ҳама гуна илм таърих ва нуқтаи назари табиӣ ва ҷамъиятии хешро дорад, ки омӯзиши масъалаҳояш аҳамияти бештареро барои сарфаҳм рафтани асосҳои назариявии он фан пайдо менамоянд. Рушди педагогика ҳамчун илм дар бораи тарбияи инсон бо мурури замон сарҳади таъсироташро васеъ намуда, дар ҳаёти ҷомеа ба ҳайси илм дар бораи қонуниятҳои умумии раванди таълиму тарбияи инсон новобаста аз синну сол ва дигар хусусиятҳои инсонӣ шинохта шудааст ва имрӯз вобаста аз талаботи замон илми педагогика вазифаҳои хеле зиёдро аз қабили тадбиқ ва муайянсозии қонуниятҳо дар соҳаи таълиму тарбия, идораи низоми таълим ва тарбия, омӯзиш ва ҷамбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, пешбинии инкишофи минбаъдаи системаҳои таълим, таҳия ва такмили роҳҳо, воситаҳо ва шаклҳои нави таълиму тарбия, ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқотҳои педагогӣ дар амалияи омӯзиш ва ғайраро ба зиммаи худ гирифта барои инсоният хизмат намуда истодааст.

**Педагогика илмест, ки роҳи дурусти доро шудан ба ахлоқи накӯ, таълими дурусти ба талаботи замон ҷавобгӯй ва маълумоти ҳарҷӣ бештари фарогири ҳама ҷанбаҳои ҳаётро ба сӯи тафаккури созанда ва хизмат барои башарият нишон медиҳад. (З. Ҷ. Наимов)**

Инсон шудан хулосаи тамоми сайру сулук ва барномаву тариқатҳои рӯҳонист, ки бузургони олам барои шинохтани ҳамин асолат талош кардаанд ва дар ҳамин қаламрави ошнову ношинос то абад пуёву поё мондаанд. Каломи хуҷастаи «Эй Инсон» борҳо дар китобҳои муқаддас аз ҷумла дар Қуръони Карим муқаррар шудааст ва Инсон аст, ки бори амонат дар дӯш ва гавҳари муҳаббат дар дил мавриди хитоби қудсӣ қарор гирифтааст.

Инсон аз нигоҳи илмӣ ин маҷмуи омилҳои биологию иҷтимоӣ мебошад. Дар ташаккули шахсияти ӯ нақши асосиро муҳити иҷтимоӣ мебозад. Дар ҳар давру замон фалсафаи Инсон ин воридшавӣ ба марҳилаи инсонӣ ва мақсади фалсафаи маориф ташаккули шахсияти олӣ буд ва мебошад.

Педагогика аз ҷумлаи илмҳое мебошад, ки моро аз нигоҳи тарбият ба доруссаломи дили Инсон даъват мекунад, яъне ба хилватсарои номакшуфе, ки дар он розҳою овозҳою эъҷозҳо зиндагонии ҷовидон доранд ва муаллим аст, ки бояд камари ҳиммат барои зоҳир кардани ин розҳою овозҳою эъҷозҳо барбандад.

Мавзуи ҷавҳарии илми педагогика низ ҳамин «нуктаи кӯчактарин»-у бузургтарин аст: Ҷаҳону Инсон! Ҷаҳони инсон, ки вусъати нуҳ фалакро кашф мекунаду меспарад ва боз ҳам худро дар панҷараҳои масдуд асир мебинад.

Ҷомеаи инсонӣ, ки тобеи қонунҳои умумитарин ва махсуси инкишофи ҷамъият мебошад дар ҳама марҳилаҳо вобаста ба талаботи ҷомеа ташаккули шахсиятҳоеро ба миён меоварад, ки онҳо боиси рушди ҷомеа гарданд.

Инсон бо тафовут аз дигар махлуқот ба дунё бе тайёрӣ ба зиндагӣ ворид мешавад ва маҷбур аст, ки ҷараёни воридшавӣ ба ҷомеа ва инсониятро аз сар гузаронад. Ин аст, ки фалсафаи иҷтимоӣ зарурати пайдоиши фанни педагогикаро ба вуҷуд овард. Агар фалсафаи иҷтимоӣ

ҳамчун назарияи ташаккули шахсият дар ҷомеа бошад, пас педагогика роҳҳои амалии тарбияти чунин шахсиятро дар ҷомеа бояд нишон диҳад. Аммо мавзуи педагогикаи мактаби олӣ болотар аз ин, яъне тарбияти инсон – мутахассисро ба роҳ мемонад, ки тамоми пешрафти иҷтимоӣ маҳз аз фаъолияти ӯ вобаста аст. Бо назардошти ин талабот дар илми педагогика шохаи нав - яъне ***педагогикии мактаби олӣ*** арзи вуҷуд кард.

**Педагогикаи мактаби олӣ** – ***ин назария ва амалияи дониш, танзим ва бароҳандозии таълиму тарбияест, ки шахсияти инсон-мутахассисро ба шаклу рафтори дуруст дар ҷомеа ба роҳ мемонад.***

**Объекти педагогикаи мактаби олӣ -** ин *инсон-мутахассис бо хусусиятҳои фардӣ ва раванди иҷтимоикунонияш мебошад.*

**Предмети педагогикаи мактаби олӣ -** *ин раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи муассисаҳои таълимие мебошанд, ки дар онҳо шахсияти мутахассиси оянда тавлид ёфта, мақоми (статуси) иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷтимоии ӯ муайян мегарданд.*

***Арзишҳои олии иҷтимоӣ-педагогӣ* -** *идеалҳо, талабот ба тарбияи маънавии инсон, мутобиқи принсипҳои ҷамъиятию давлатӣ муайян карда мешаванд.* ***Тарбияи маънавӣ*** ҷанбаҳои бевоситаи таъсиргузориро ба *мазмун ва мундариҷаи* асоситарин самти тарбияи иҷтимоӣ – *яъне тайёр намудани субъект ба зиндагӣ дар ҷомеа* равона месозад. Инсон наметавонад аз пеши худ шахсияти маънавӣ гардад. Ӯ аз хурдсолӣ эҳтиёҷ ба касоне дорад, ки дар тарбияи ӯ кӯмак расонанд (волидайн, муаллимон, ҷомеа ва ғ.). Мавқеи маънавии ин одамон аз бисёр ҷиҳат мундариҷаи тарбияи наврасро муайян мегардонад. Тарбияи маънавӣ дар мактаби олӣ бояд васеътар ба роҳ монда шавад, чун дар ташаккули шахсияти мутахассиси оянда ва ҳам тибқи талаботи мақоми маълумоти олӣ, ки иҷозати фаъолияти меҳнатиро дар тамоми инфрасохторҳои иҷтимоӣ фаро меорад, саҳми босазоеро ишғол мекунад.

Худбинӣ ва ё худхо□ии инсон аз хурдӣ, вақте, ки ҳама (хонавода, муҳит) барои қонеъ гардонидани талаботҳои ӯ кӯшиш менамоянд, оғоз меёбад. Ин албатта фаҳмост, чун кӯдак маъсум аст. Бо гузашти айём дар зери таъсироти тарбиятӣ ин тағйир мехурад.

Педагогикаи мактаби олиро метавон аз мавқеи: *а) давлат ва муҳити фаъолияти инсон; б) тарбияи иҷтимоии шахсият-мутахассис; в) инсон ҳамчун фарди ҷамъиятӣ; г) мавқеи шахсӣ ва фаъолнокии инсон дар худмукамалшавӣ баррасӣ намуд.*

***Педагогикаи мактаби олӣ** – ин фаъолияти илмӣ ва амалии давлат, институтҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ барои ташаккули идеология ва таъмини тарбияи мутахассиси ҷавон аст.*

***Педагогикаи мактаби олӣ** – назария ва амалияи мукаммалшавии илмӣ ва шахсиятии мутахассис дар ҷараёни таълиму тарбия дар **мактаби олӣ** мебошад.*

***Педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун назария** – ин системаи мафҳумҳо, қонун ва қонуниятҳои тасдиқшудае, ки ҷараёни мукамалшавии шахсияти мутахассисро бо назардошти таъсиротҳо мекушояд, мебошад.*

***Педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун амалия** – ин фаъолияти мақсадноки (фаъолияти таҷрибавӣ) субъект (фарди фаъолияти тахассусибаранда) барои ташхис ва пешгӯии инкишофи ҷомеа мебошад.*

***Педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун фанни таълимӣ** – ин ҷузъиётҳои махсуси тайёрии касбии мутахассис барои танзим ва роҳандозии ӯ ба фаъолият дар ҳама инфрасохторҳои иҷтимоӣ мебошад.*

Он аз қисматҳои асосӣ ва зерқисматҳое, ки дар онҳо мундариҷаи педагогикаи муҳит ва педагогикаи *мактаби олӣ* баррасӣ мегардад, иборат аст. Ҳар яке аз зерқисматҳо мундариҷаи худро доро буда, дар алоқамандӣ бо якдигар коркард мешаванд. ***Нақшаи №1.***

***Сохтори фанни педагогика барои мактабҳои олии тахассусӣ ҳамчун фанни таълимӣ***




**II.** Асосҳои методологии педагогикаи мактаби олӣ дар маънии васеъ ин назария, ҳолатҳои фарзиявӣ (консептуалӣ) ва донишҳое мебошанд, ки дар муносибат ба донишомӯзони мактаби олӣ функсияҳои методологиро иҷро менамоянд. Онҳо аз ҷониби илмҳои фалсафӣ – фалсафаи маориф, фалсафаи иҷтимоӣ, педагогика, психология, психологияи иҷтимоӣ, кори иҷтимоӣ, этнография, сотсиология, медитсина ва дигар илмҳо коркард мешаванд. Дар маънии маҳдуд бошад – ин мақсад, принсипҳои сохторӣ ва шаклҳои ташкили усулҳои илмии азхуднамоии донишҳои педагогии мутахассиси оянда мебошад.

*Мафҳумҳои асосии педагогикаи мактаби олӣ инҳоянд:*

- *Ҷараёни педагогии ташаккули шахсият-мутахассис;*
- *Фаъолияти илмӣ- педагогӣ дар мактаби олӣ;*

*-Инкишофи илмҳои педагогӣ бо дарназардошти талаботҳои маълумоти олӣ;*

- *Тарбияи шахсият- мутахассиси оянда;*

- *Мутобиқшавӣ ва номутобиқат;*

- *Иҷтимоишавии шахсияти мутахассис;*

- *Азнавтарбиянамоӣ ва бозомӯзӣ дар таҷриба;*

- *Ислоҳшавии иҷтимоӣ-педагогӣ дар ҷараёни кору фаъолият;*

- *Азнавтарбиянамоӣ.*

Моҳияти ин мафҳумҳо вобаста аз фаслҳои (бобҳо) барнома дида баромада хоҳанд шуд.

***Вазифаҳои педагогикаи мактаби олӣ:***

1. *Бароҳмонии ташхиси иҷтимоӣ-педагогии фаъолияти давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, муасиссаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ (синфҳо);*
2. *Таҳлили таъсири омилҳои муҳит дар инкишоф ва тарбияи шахсияти мутахассис;*
3. *Истифодаи омилҳои муҳит дар инкишоф ва тарбияи инсон-мутахассис барои ҳалли вазифаҳои муайяни иҷтимоӣ-педагогии ҷомеа;*
4. *Таҳлили таъсири омилҳои алоҳида (масалан оила, воситаҳои иртиботии ҷомеа)ба шахсияти мутахассис.*

Месазад қайд намуд, ки кори иҷтимоӣ ва педагогикаи мактаби олӣ мақсад, объект ва предмети худро доранд, ки дар баъзе маврид ба ҳам бархурд мекунанд (нигаред ба ҷадвали №1). Мақсадҳои худро онҳо ба воситаи метод ва воситаҳои худ амалӣ мегардонанд.

***Таблитсаи №1.***

| | Кори иҷтимоӣ | Педагогикаи мактаби олӣ |
|---|---|---|
| Мақсад | Ҳимояти иҷтимоӣ, кӯмаки иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоии ҷомеа | Баҳо ва ташхисҳои иҷтимоии рушди ҷомеа ва тарбияи мутахассис вобаста ба талабот |
| Объект | Инсони масъалаҳои иҷтимоидоштае, ки мустақилона онҳоро ҳал карда наметавонад. | Ниёзи ҷомеа ба инсон- мутахассиси дараҷаи баланд, олӣ. Пешгӯиҳои иҷтимоии ҷомеа |
| Предмет | Расонидани ёриҳои моддӣ, ҳимояти иҷтимоии инсон, чараёнҳои машваратӣ, ҷараёнҳои хизматрасонии инсонҳои талаботҳои махсусдошта | Ҷараёнҳои рушди педагогии мактабҳои ихтисосӣ Методҳо ва методи гузаронидани ташхис ва баҳогузории дурусти талаботҳои ҷомеа |

Аҳамияти педагогикаи касбӣ дар ташаккули инсони соҳибихтисосшаванда калон аст. Албатта бояд қайд намуд, ки мақсад ва вазифаҳои инсон бо гузашти айём, ивазшавии ҷомеа, синну сол ва фаъолият, ҳамчунин мавқеъи ӯ дар ҷомеа тағйирпазир аст. Бинобар сабаби дар гузаштаи на чандон дур узви ҷомеаи сотсиалистӣ будани сарзамини Тоҷикистон, ки инсон дар он волотарин мақоми иҷтимоиро доро буд, наистода, дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии баъзе кишварҳои Ғарб, ки усулан кишварҳои сармоядорӣ бо иқтисоди бозаргонӣ ба ҳисоб меравад мулоҳиза меронем, чунки ҷумҳурии мо низ дар ҳолати гузариш қарор дорад ва аз таҷрибаи ҷаҳон истифода накарданаш ғайриимкон аст.

**III.** Омӯзиши таҷрибаҳои кишварҳои хориҷиро ба якчанд усул ҷудо мекунанд:

*1) Усули таърихӣ* – имконияти муқоиса, ҷараёни барқароршавӣ ва инкишофи корҳои тайёр намудани мутахассисро дар ин ё он мамлакат омӯхта, роҳҳои ба вуҷуд овардани инкишофёбии ҷомеаро нишон медиҳад;

*2) Усули муқоиса* – имконият медиҳад, ки объектҳои муқоисаро аз он ҷумла мамлакатҳоро бо назардошти инкишофи дараҷаи ҷомеавӣ –

сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиашон мавриди омӯзиш қарор диҳад;

*3) Усули сомонавӣ* (системный) – имконият медиҳад, ки кори тайёр кардани мутахасисро аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун сомонаи ягонае, ки дар худ элементҳоеро ба мисли объект ва субъект, мундариҷа, восита, роҳнамоӣ, мақсад ва вазифа дар бар гирифтааст биомӯзад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ аз қабили гузаронидани *конфренсияҳои байналмилалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, рафтан ба сафарҳои хизматӣ, кор ва таҳсил дар муасиссаҳои таълимии мутахассистайёркунӣ ва шуъбаҳои онҳо* аз манфиат холӣ нестанд. Фақат дар ҳамин мавриид китобҳои илмии асоси пешрафти иҷтимоидошта пайдо шуда, аҳамияти умумибашарӣ пайдо мекунанд. Таҷрибаҳои дар мактабҳо гузаронида, ки бо хоҳиш ва таваҷҷӯҳи худи хонандагон ташкил мешаванд нишон медиҳанд, ки усули амалии таълиму тарбияи бачаҳои дар роҳи зиндагӣ роҳгумро ба роҳи дуруст даровардан имкон дорад.

*Таълими амалии истеҳсолӣ бошад*, чунин шакли таълимест, ки наврас ва ҷавононро ба ҳаёти фаъоли эҷодӣ ворид сохта, онҳоро аз нигоҳи иҷтимоӣ таъмин мегардонад. Муносибати онҳоро ба ҳаёт дигаргун месозад. Хонандагоне, ки аз чунин намуди таълим бархурдор шудаанд ба интихоби дурусти роҳи зиндагӣ ва тахасуси худ соҳиб мешаванд, ки ин фаъолияти мутахассисони мактаби олиро ниҳоят осон мегардонад.

**IY.** Дар ИМА як қатор корҳои аҷиби иҷтимоӣ аз қабили муасиссаҳои махсуси иҷтимоии ёрии наврасон ва ҷавонон мавҷуданд, ки хизматрасонии зерринро ба ӯҳда доранд (ба оилаҳои камбизоат бепул):

*1. Ташкили гурӯҳҳои махсуси тахассусии таълимӣ барои волидайн;*

*2. Расонидани ёрӣ барои кортаъминкунӣ;*

*3.Бароҳандозӣ ва назорат ба наврасоне, ки волидайнашон ба корҳои рӯзонаю шабона машғуланд;*

*4. Ташкили марказҳои саломатӣ дар шаҳрҳо барои модарони бешавҳар;*

*5. Ташкили марказҳои муҳофизати кӯдакон аз зуроварӣ;*

*6. Ташкили хонаҳои бачаҳо;*

*7. Кор бо оилаҳое, ки кудакони ятимро фарзанд хондаанд;*

*8. Назорат ба созгоршавии кӯдакон ба оилаҳои нав;*

*9. Инкишофи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ёрии кӯдакон барои гирифтани маълумот;*

*10. Расонидани кӯмакҳо ба волидайн барои гузаронидани ҳаёти солим.*

Дар мавриди хизматрасониҳои озмоишӣ бошад, бачаҳоро новобаста аз манбаҳои даромади оилаҳояшон зери назорат ва озмоиш қарор медиҳанд.

Истифода аз усули сомонавӣ ба кӯдак, оила ва муҳити иҷтимоии атроф имконият фароҳам меорад, ки кӯдак дар тамоми соҳаҳои хаёт зери назорат гирифта шавад. Мактаб ягона ҷоест, ки фаъолияти инфиродӣ, гурӯҳӣ ва оилавиро шароит фароҳам меорад.

Вазифаи аввалиндараҷаи таҳсилот ин ба вуҷуд овардани шароитҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва маданӣ барои истифодаи нерӯ (потенциал) ва хусусиятҳои нуҳуфтаи инсон аст, ки ӯ бояд бархурдор шавад. Ҳамчун аъзои шурои ташхисӣ - психологии мактаб бояд созгоршавии кӯдак ё наврасро баҳогузорӣ намояд. Дониши онҳо бояд ба назарияи сомонаҳо, инкишофи оила ҳамчун аъзои фаъоли ҷомеа ва алоқаманди хона – мактаб – муҳит – ҷомеа васеъ истифода шавад.

Нақши муаллими мактаби олӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи муносибатҳои байналмилалӣ низ калон аст. Чунки наврасон ва ҷавонон

узви осебпазири ҷомеа ба ҳисоб рафта, вобаста аз дараҷаи тафаккур ба ин ё он восита ба мунокишаҳои байналмилалӣ алоқаманд мешаванд.

Асоси барномаҳои таълимии мактаби олиро дар Амрико фарогири шаш ҷиҳат медонанд:

*1) Рафтори инсон дар муҳити ҷомеава ҷаҳон;*

*2) Сиёсати давлат;*

*3) Назария ва амалияи тахассусӣ;*

*4) Тадқиқот;*

*5) Қадршиносии мамлакат;*

*6) Тайёр намудани инсон барои ҳаёт дар ҷомеаи озоди демократӣ;*

Умуман дар ИМА ҳоло ҳам инфрасохторҳои тайёр кардани мутахассис дар ҳолати рушд ва бозҷӯйӣ қарор доранд.

## Мавзуи №2

***Принсипҳои асосии педагогика дар мактаби олӣ аз ниго□и иҷтимоӣ***

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Қонуниятҳои объективӣ ва хусусиятҳои принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ;*
2. *Принсипҳои асосии педагогикаи мактаби олӣ вобаста ба ташаккул ва инкишофи шахсияти мутахассис;*
3. *Зарурати донишҳои тавсиявии принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ дар фаъолияти кории корманд;*

**Адабиёт:**

*1. Виенанд М. Основные принципы и функции социальной работы и социальной педагогики // Социальная работа. 1992. №6.*

*2. Галагузова М. А. Профессиональная подготовка социальных педагогов // Социальная работа.1992 №6.*

*3. Никитин В. А. Понятие и принципы социальной педагогики. М., 1996*

*4. Социальная педагогика / под ред. В. А. Никитина. М., 2000.*

Масъалаҳои ***принсипҳои*** педагогика дар мактаби олӣ ба коркарди назариявӣ - методологии асосҳои он алоқаманд аст. Коркарди онҳо барои муайянсозии ҳолатҳои базавие, ки ба манфиатнокии чараёни педагогӣ дар мактаби олӣ таъсир мерасонанд, имконият фаро меорад.

Ин мавзуъ баррасии масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. *Мафҳум ва моҳияти* ***принсип□ои*** *педагогӣ дар мактаби олӣ;*

2. *Хусусиятҳои умумии принсипҳои асосии педагогика дар мактаби олӣ ва талаботи онҳо.*

**1.**Ҷузъи асосӣ барои поксозии дониш дар сомонаи назариявӣ ин поя, асос (принсип) мебошад. *Принсип - аз лотинӣ– маънояш ибтидо, асос аст.* Сутун ва асоси (принсип)-и назария бошад дар асоси ғоя (идея) пайдо мешавад. Ғоя ва принсип асоси назарияро ташкил дода замина ва таҳкурсии боэътимоди он мегарданд. Меъёри дигар барои ин - мафҳум, *қонун ва қонуниятҳост.* Ҷанбаҳои дигари принсип *натиҷа ва қоидаҳо* ҳастанд, ки дар ҳошияҳои меъёрҳои номбаршуда ба вуҷуд омадаанд. Ва оқибат таркиби назарияро далелҳое ташкил мекунанд, ки аз як тараф ҳамчун *ашёи аввалӣ барои пайдоиши назарияҳои абстрактӣ дар воридшавӣ ба моҳияти дониш хизмат кардаанд ва аз тарафи дигар объекти назарияи фаҳмондадиҳӣ ва муҳокимаҳое,* ки барои сохтори ғоявии сомонаи дониш дар асоси принсипи назария ва қоидаҳои он истифода шудаанд, ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тариқ ***ҷавҳари назарияро ғоя, принсипи назария, мафҳум, қонун ва қонуниятҳо*** ташкил менамоянд.

*Пояи асосии ҷузъҳои васлкунандаро ба як сомона дар назарияи илмӣ асос (**принсип**) меноманд, ки бо такя ба ғоя ташкил шудааст. Ва ҳамин принсип аст, ки маҷмӯи донишҳоро дар шакли назарияҳои илмӣ ба ҳамдигар муттаҳид месозад.*

Ташаккули мақсадноки назария баъд аз ташаккули принсип ибтидо мегирад.

Донишҳои назариявӣ бо мурури замон метавонанд ба назария фақат дар ҳолати пок (синтез) шудани *принсип* табдил ёбанд. Бояд қайд намуд, ки дар асоси як ғоя метавонад якчанд *принсип* ба вуҷуд биояд, лекин муҳим нест, ки меъёри умумиятҳои онҳо якхела бошанд. Дар ин ҳолат набояд *принсипҳо* дар бархурди мантиқӣ ба якдигар қарор гиранд, балки *принсипи* умумияти хурддошта таҳкимбахши *принсипи* умумияти калондошта гардад. Аз ин бармеояд, ки назария метавонад дар асоси на фақат як *принсип* балки дар асоси якчанд *принсип* сохтор гирад.

Дар илми педагогикаи мактаби олӣ ***принсипҳо*** ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

- ***Принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун илм.*** Онҳо хусусияти умумиметологӣ дошта, хоси фанҳои илмӣ мебошанд. Ба ин гуна принсипҳо дохил мешаванд:

*1. Ҳолатҳои ибтидоии илмӣ;*

*2. Ҳолатҳои умумие, ки дар асоси қонунҳо арзи вуҷуд кардаанд;*

*3. Натиҷаи пайдоиши қонун. (илмият, воқеият, таърих,алоқа бо таҷрибаҳо ва гайра).*

- ***Принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун таҷриба*** *(принсипҳое, ки шароити фаъолияти иҷтимоӣ-педагогиро ташкил намудаанд).* Онҳо таҷассумгари ҳолатҳои ибтидоӣ ва базавӣ ҳастанд, ки иҷрои онҳо имконияти ташкил ва таъмини фаъолияти самараноки педагогиро ба

вуҷуд меорад. Ин принсипро бештар аз ҳама ба ***принсипи педагогикаи иҷтимоӣ*** шабоҳат медиҳанд.

- ***Принсипҳои фаъолияти таҳсилотӣ дар тайёр намудани мутахассисони соҳа.*** Онҳо хусусиятҳои умумӣ дошта, иниъкосгари қонуниятҳои мактабҳои олӣ ҳастанд, ки талаботҳои онҳоро бояд дар вақти тайёр намудани мутахассисони соҳа дар назар гирифт.

*Принсипҳо* ҳамчунин хусусиятҳои объективонаро соҳиб мебошанд. Хусусиятҳои хоси онҳо дар он таҷассум мегардад, ки агар мутахассиси соҳаи педагогикаи мактаби олӣ муфовиқи талаботҳо корашро ба роҳ монад, имконияти ба натиҷаи дилхоҳ дастрас шуданаш васеъ мегардад. Ҳангоми таҷрибаи корӣ мутахассис ба бисёре аз тавсияҳои назариявӣ вомехурад, ки онҳо иниъкосгари *принсипҳои фаъолияти педагогӣ* буда, дар кори ӯ мададгор мешаванд. Дар ин ҳолат онҳо ба шакли меъёр ва қоидаҳои муайянкунандаи таҷрибаи фаъолияти мутахассис истифода мешаванд. Омӯзиши бомароми *принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ* ба мутахассиси оянда имконият медиҳанд, ки дар ҷараёни азхуднамоии касб ҳамчунин бо онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза вохурда, ба амалияи онҳо шинос гардад.

**II.** ***Принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун амалия***. Онҳо аз рӯи мантиқ ба гурӯҳҳое, ҷудо мешаванд, ки вобаста аз фаъолиятҳои махсус ба ҷараён ва натиҷаи он таъсир мерасонанд.Ҳар кадоми он дар навбати худ ба қонуниятҳое, ки мувофиқи принсипи амалкунанда ба иҷро мерасад, вобаста аст. Дар педагогикаи мактаби олӣ ин омилҳои (фактор) ***объективӣ, субъективӣ, муҳитӣ ва технологӣ*** ба шумор мераванд.

*Омили объективӣ* – ин омили бавуҷудовардаи шахс (гурӯҳ) аст, ки дар муносибат ба фаъолияти педагогӣ ба иҷро мерасад. Вай ҳамеша хусусияти мавқеӣ ва мақсаднок дошта бештар ба шахсияти объект ва ё хислатҳои гурӯҳ вобастагӣ дорад. Дар ин самт бештар *принсипҳои табиӣ-фитрӣ, шароитҳои инфиродӣ ва инсонпарварӣ* маъмул ҳастанд.

***Принсипи табиӣ-фитрӣ.*** Инсон зодаи табиат аст ва мутобиқи қонуниятҳои табиӣ-иҷтимоӣ инкишоф меёбад. Ин ба он маънист, ки дар шароити муайян роҳҳои муайяни инкишоф ва тарбияи инсони мушаххас вуҷуд дорад. *Моҳияти ин принсип* дар он зоҳир мегардад, ки муносибат ба инсон ҳамчун муносибат ба як махлуқи табиӣ, аниқтараш иҷтимоӣ-табиӣ бояд сурат пазирад. Инсонро фақат бояд бо назардошти имкониятҳои табиӣ инкишоф ва мукаммал сохт. Дар ҳолати ғайр мо метавонем ба инкишофи шахсияти ӯ халал ва ё умуман шикастанаш мусоидат намоем. *Принсипи табиӣ-фитрӣ* аз мо тақозо менамояд, ки ҳангоми фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ қонуниятҳои умумии инкишофи табиии инсонро, ё ба тарзи дигар имкониятҳои вуҷуддоштаи инсонро дар мадди назар бигирем. Иҷрои бечунучарои ин қонуниятҳо ба мо имконият медиҳанд, ки нерӯҳои табиии ҳар як донишҷӯро дар ҷараёни корҳои тахассусӣ мақсаднок барои инкишофи ҳаматарафаи ӯ истифода намоем.

### III.*Зарурати донишҳои тавсиявии принсипҳои педагогикаи мактаби олӣ дар фаъолияти корӣ корманд*

Дар ин самт талаботҳои асосӣ чунинанд:

- *Қонун ва қонуниятҳои инкишоф ва тарбияи инсонро дониста, мутобиқи он ба роҳ мондани ҳамаи корҳои педагогӣ;*

- *Омӯзиш ва донистани на фақат хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсӣ балки имкониятҳои осонтарин ваояндадори корҳои педагогӣ барои инсон-объект;*

- *Ба ҳам овардани мақсади корҳои педагогӣ мутобиқи нерӯи донишҷӯй, воситаҳои ба мақсадрасӣ бо назардошти имкониятҳои инфиродӣ;*

- *Омӯзиши хусусиятҳои инфиродӣ, инфиродӣ-танзимӣ, танзимӣ-ҷубронии инкишоф ҳангоми кор бо донишҷӯён ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди мукаммалшавии инфиродии онҳо;*

*- Ба инобат гирифтани на фақат инкишоф ва тарбияи табиӣ-фитрӣ ҳангоми бурдани корҳои педагогӣ, балки ба инобат гирифтани имкониятҳои худи табиат барои ноил шудан ба мақсад.*

***Принсипи вобастагии инфиродӣ (муносибати инфиродӣ).***

*Инсон – ин ҷаҳони беканори инфиродии махсус бо мазмуну мундариҷа, имкониятҳои инкишоф, таъсири муҳит ва фаъолияти зиндагӣ мебошад.* Аз ин бармеояд, ки дар муносибат бо дилхоҳ инсон муносибати махсус, тарз ва усулҳои фаъолияти иҷтимоӣ-педагогиеро бояд истифода бурд, ки барои инкишоф ва тарбия дар кушодани нерӯ ва имкониятҳои инфиродии шахс роҳкушо гарданд.

***Принсипи инсонпарварона (гуманизм)****-вожаи гуманизм аз калимаи лотинии (humanus – инсонгароӣ) бар маънии системаи ҷаҳонбиние, ки инсонро ҳамчун арзиши олӣ ва шахсият бо ҳуқуқҳои озодӣ, хушбахтӣ, ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ қабул дорад,* пазируфта шудааст. Ин принсип дар илми педагогикаи иҷтимоӣ ба инсон ҳамчун махлуқи иҷтимоӣ, ташкили шароит барои ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ, инкишоф ва тарбия, кӯмак барои худмуайянсозӣ ва ба ҷомеа ворид сохтанаш волоият қоим аст.

**Талаботҳои асосии ин принсип**:

*- Ба роҳ мондани инкишоф ва тарбияи инсон мутобиқи таваҷҷӯҳи худи инсон, ки созгори худмукаммалшавии ӯ бошад;*

*- Тарбия бояд инсонро ба шароитҳои муайяне, ки мувофиқи табъи ӯ ва имкониятҳои инфиродиаш фаро оварда шудаанд ва ба шикасти шахсияти ӯ созгор нестанд, рӯ ба рӯ созад;*

*- Гуманизм набояд бозичаи талаботи мутлақи инсон гардад;*

*- Дар назар доштани ҳуқуқҳои донишҷӯй ва қадру манзалати ӯ дар муносибат.*

*Моҳияти ин принсип* дар он аст, ки ба донишҷӯй дасти ёрӣ дароз карда, ӯро дар шароитҳои мушкил *(сарбориҳои иловагӣ, албатта на дар ҳама ҳолат)* вале созанда тарбия намоем.

## Мавзуи №3
## *Муаллими мактаби олӣ, хусусиятҳо, омодагӣ, одоби касбӣ ва сифатҳои арзишманди ӯ*

Тамоми донишмандони соҳаи тарбия иттифоқи назар доранд, ки шоҳсутуни амали таълимӣ ва тарбиявӣ омӯзгор ба ҳисоб меравад. Сирри муваффақият ба ҳама маъно дар шахсияти омӯзгор нуҳуфта аст. Дуруст қайд карда мешавад, ки ҷомеаҳоро на мутахассис балки муаллими мактабе, ки онҳоро тайёр мекунад ба пеш бурда ба муваффақият мерасонад. Аз ин нуқтаи назар бояд муаллим ва мураббӣ аз нигоҳи хусусиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ комилан омода бошад, то ба ин восита вазифаи пурмасъулияти худро ба таври аҳсант иҷро намояд.

Шайхурраис Ибни Сино вобаста ба ин масъала чунин мегӯяд: «Тарбиякунандаи кӯдак бояд дорои сифоти зерин бошад: оқил, бодиёнат, донандаи хуби масоили тарбияи нафс, донандаи хуби роҳҳои тарбияи кӯдакон, бовиқору ҷиддӣ, хушахлоқу нармхӯ, зирак, ҷавонмард ва поксурату поктинат».

Мутахассисони соҳа маҷмуае аз хусусиятҳои касби омӯзгориро зикр кардаанд, ки мавҷудияти он барои ҳар муаллим ва мураббӣ лозим ва зарурӣ шуморида мешавад.

**Якум: хусусиятҳои ҷисмӣ**

Хусусияти ҷисмии омӯзгор ба се нуктаи асосии зерин ҷудо мешавад:

1. Комилан солим бошад, то тавонад бо муваффақияти комил вазифаи касби омӯзгориро ба анҷом расонад;
2. Аз айбҳои чашмрас ва ошкор, монанди коҷчашм, лакнати забон ва ғайра, солим бошад. Зеро дар сурати мавҷудияти айбҳои зикргашта

омӯзгор мавриди таҳқир ва масхараи шогирдон қарор мегирад. Билохира, дар адои вазифаи омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин сабаб аслан бояд устод тандуруст ва солим бошад;

3. Омӯзгор бояд нисбат ба сару либос ва сурати худ диққати ҷиддӣ зоҳир намояд. Бо сурати муносиб ва сару либоси тозаву озода ба дарсгоҳ ҳозир шавад, зеро шогирдон одатан омӯзгорро барои худ идеал мешуморанд.

**Дуюм: хусусиятҳои ақлӣ ва илмӣ**

Бузургтарин ҳиссаи муваффақияти омӯзгор ба заковат, ҳозирҷавобӣ ва жарфнигарии ӯ вобаста аст. Муаллим бояд мулоҳизакор ва нозукбин буда барои мунокиша, мубоҳиса ва қаноатманд кардани шогирдон қудрат дошта бошад.

Зери мафҳуми хусусиятҳои ақлӣ ва илмии муаллим ва мураббӣ нуқтаҳои зерин дохил мешавад:

1. Заковат. Омӯзгор дар тамоми мароҳили таълим бояд соҳиби заковати баланд бошад, то ин ки барои расонидани маълумот ба зеҳни шогирдон аз беҳтарин ва саҳлтарин метод истифода намояд. Бо ин амал ӯ дар назди шогирдон соҳиби эҳтироми фавқулода мегардад ва шахсан худи омӯзгор дар баробари пурсиши шогирдон оҷиз намемонад ва эҳсоси шармсорӣ намекунад;

2. Омӯзгор бояд нисбати фанне, ки ба шогирдон таълим медиҳад огоҳии комил дошта бошад. Инчунин дар раванди таълим аз методҳои ҷадиди таълимӣ ба таври фаровон истифода намояд. Зеро методикаи таълим барои хидмати маводи дарсӣ ба вуҷуд омада аст;

3. Омӯзгори муваффақ ва боҳуш як-як шогирдонашро меомӯзад. Ҳолати равонӣ, ақлӣ, майлу рағбат ва истеъдоду қудрати онҳоро ба хубӣ аз худ мекунад. Бо ин васила тарзи муоширатро бо онҳо омӯхта, рисолати омӯзгории худро ба таври бояду шояд ба анҷом мерасонад;

4. Бояд омӯзгор аз соҳаи педагогикаи синнусолӣ огоҳ бошад, то шогирдонро вобаста ба синну сол ва марҳилаҳои омӯзиш таълим диҳад. Ин амал дар сурате имконпазир мегардад, ки муаллим аз тамоми роҳу усули таълиму тарбия бохабар бошад. Дар баробари ин устод бояд ба тариқи ҳамешагӣ кӯшиш ба харҷ диҳад,ки маълумоти фанниаш ҳамеша боло равад. Таълимоти қуръонӣ ҳам чунин аст, зеро Худованд ба Паёмбараш таълим додаст, ки чунин дуо кунад: «Ва бигӯ: «Худоё, илми маро бештар гардон»».*(Сураи Тоҳо, ояти 114).*

**Сеюм: хусусиятҳои ахлоқӣ:**

Шубҳае нест, ки шахсияти омӯзгор дар ақлу равони шогирдон таъсири ниҳоят бузург мерасонад. Зеро онҳо зери таъсири шакли зоҳирӣ, ҳаракат, ишора, гуфтор ва ахлоқи ӯ қарор мегиранд. Шояд беҳтарин сухан дар робита ба ин мавзӯъ он ривояте аст, ки Ҷоҳиз аз каломи Уқба ибни Абӯсуфён ривоят карда аст. Уқба ибни Абӯсуфён ба мурабии писараш чунин гуфта аст: «**Якумин ислоҳоте, ки ту нисбат ба фарзандони ман роҳандозӣ мекунӣ бояд ислоҳи худат бошад. Аввал худро ислоҳ кун, зеро чашми онҳо танҳо аъмоли туро мебинад. Дар назари онҳо хубӣ ҳамон аст, ки ту онро хуб мепиндорӣ ва амали зишт он аст, ки ту онро қабеҳ донӣ».**

Омӯзгор барои касби ахлоқи нек ниёзманд аст, зеро ӯ барои шогирдон намунаи ибрат шуморида мешавад. Шогирдон ба ӯ пайравӣ мекунанд. Аз нигоҳи равонӣ, фаъолтарин омили таъсиррасон барои шогирдон ин омӯзгор ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар касби омӯзгорӣ низ аз соҳибаш ин сифоти ҳамидаро тақозо мекунад, то устод дар амали худ муваффақ гардад.

Муҳимтарин сифоте, ки мавҷудияти он барои муаллим зарурӣ ҳисобида мешавад, ба таври зерин аст:

1. Омӯзгор бояд ба андозаи лозимӣ аз фанни ахлоқ, сиёсат, ҷомеашиносӣ ва иқтисод бохабар бошад. Чунки ӯ барои ҷомеа хидмат мекунад ва шогирдонро ҳамчун узви фаъол ва судманд барои ҷомеа ба

воя мерасонад. Барои омӯзгор бидуни огоҳӣ аз вазъи иқтисодӣ, ҳолати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа адо намудани рисолати устодӣ имконнопазир аст. Ӯ бояд аз тамоми ин улум огоҳ бошад, то дар раванди амали таълимӣ ва тарбиявӣ тамоми ин ҷанбаҳоро ба инобат гирад;

2. Омӯзгор бояд нисбат ба шогирдони худ мушфиқу меҳрубон ва дилсӯз бошад. То бо ин роҳ дили шогирдонашро ба асорат гирад. Набояд сангдил ва сахтгир бошад, ки шогирдон аз ӯ нафрат дошта бошанд. Зеро ин амал ба он оварда мерасонад, ки ӯ дар миёни шогирдон эҳтиромро аз даст медиҳад ва шогирдон нисбати ӯ нобовар мегарданд. Риояи низом аз ҷониби шогирдон танҳо болои эҳтиром ва итоат асос ёфта аст на болои сахтгириҳои бемаҳали омӯзгор;

3. Қобили зикр аст, ки набояд устод бештар аз ҳадди лозим нармхӯ бошад, зеро баъзан шояд шогирдон аз ин рафтори ӯ сӯистифода намоянд, балки омӯзгор ин гуфтаи ҳакими сухан ва муаллими тарбия, Саъдии Шерозиро барои худ шиор қарор диҳад: **«Дуруштиву нармӣ ба ҳам дарбеҳ аст»!;**

4. Устод ҳамеша аз сифоти ҳикмат, зиракӣ ва ҷиддият бояд истифода барад. Дар чунин сурат шогирдон эҳсос мекунанд, ки ба омӯзгор ниёз доранд ва ҳатман барои рафъи мушкилоти худ ба назди устодашон ҳозир мешаванд. Ҷиддияти устод дар қалби шогирдон ниҳоли эҳтиромро нисбат ба тамоми амалкарди ӯ месабзонад. Ҷиддият ба он маъно аст, ки ӯ бояд дар ҳар коре, ки азм кард онро ба субут расонад ва барои иҷрои он чандфикра нашавад. Вобаста ба алоқаи устоду шогирд баъзе аз донишмандон чунин гуфтаанд: «Иртиботи устоду шогирд пеш аз ҳама монанди алоқаи бародари бузург бо додаракони хурдӣ ва дӯстона аст. Соати дарсӣ танҳо барои бохабар шудан аз мушкилоти шогирдон ва роҳи ҳал пайдо кардан барои он мебошад»;

5. Дар адои рисолати омӯзгорӣ ихлоси комил дошта бошад. Ӯ бояд мақоми рисолати омӯзгориро ба инобат гирад. Аз ин нуқтаи назар бояд барои адои ин масъулият амин ва боихлос бошад. Аз худ садоқат нишон дихад ва маълумоти муфидро барои шогирдон интиқол дода, аз маълумоти зараровар худдорӣ намояд. Олими ҳақиқӣ касе аст, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму маърифат камар баста худро аз сафи шогирдон боло намедонад. Вақти шогирдон ба назар гирифта шавад ва набояд фаромуш кард, ки омили асосӣ дар рӯ овардани шогирдон ба илм вобаста ба ихлоси омӯзгор аст.

**Хусусиятҳои касбии омӯзгор:**

1. Эҳтироми одоб ва қонуниятҳои касби омӯзгорӣ;

2. Омӯзиши мавод вобаста ба одобу ахлоқи омӯзгорӣ;

3. Инкишофи ҳамешагии маҳорати касбӣ (Ин сифат аз роҳи иттилооти бештар ҳосил кардан ва рӯз ба рӯз ба касби интихобкардаи худ ҳусни тоза бахшидан ба даст меояд);

4. Иртиботи доимӣ бо муҳити муассисаи таълимие, ки дар он фаъолият дорад. Ин хусусият чунин нуқтаҳоро дар бар мегирад:

- Иштироки фаъолона дар муносибатҳои сиёсӣ-миллӣ барои баланд бардоштани сатҳи шуурнокии шаҳрвандон ва донишҷӯён;

- Дар муассисаи таълимие, ки фаъолият дорад бо раёсати он доим дар тамос бошад ва кӯшиш кунад, ки миёни раёсат ва муҳити он муассисаи таълимӣ алоқаи доимӣ барпо гардад;

- Ба қадри тавон роҳбарияти он муассисаро барои инкишофи сатҳи маърифатии шогирдон аз нигоҳи касбӣ ва илмӣ роҳнамоӣ намояд;

- Бояд барои ҳалли мушкилот дар тамоми эҳтиёҷоти муҳити шогирдон ширкат намуда, бо онҳо ҳамкории доимӣ дошта бошад;

- Барои намоиш додани ахлоқи каримона бояд намунаи ибрат бошад ва аз маконҳои шубҳаангез парҳез намояд;

- Бо мудирияти муассисаи таълимӣ барои боз ҳам равнақ додани ҷиҳатҳои таълиму тарбия ҳамкорӣ дошта бошад.

**Омодагии касбии омӯзгор**

Ҷойи шубҳа нест, ки бурду бохти масоили марбут ба таълиму тарбияи шогирдон ба омӯзгори муваффақ бастагии ниҳоят қавӣ дорад. Барои боз ҳам хубтар иҷро гаштани касби омӯзгорӣ аз ҷониби муаллим ва мураббӣ қаблан бояд шахсан худи ӯ омодагии касбӣ дошта бошад. Ӯ бояд дар раванди фаъолияти доимии худ бо як қатор барномаҳое, ки раёсат онро муҷаҳҳаз месозад, ошно гашта, тамрин дода шавад. Албатта мудири муассисаи таълимӣ ин барномаҳоро барои такмили маҳорати омӯзгорӣ бо мутахассисони соҳа омода менамояд.

Барои омӯзгори асил ва мутахассис гаштани шахс бояд барномаҳои таълимӣ ва тарбиявиро, ки аз се пояи асосӣ иборат аст аз худ намояд:

1. **Омодагии умумии илмӣ (ҷаҳонбинӣ)**

Муваффақияти омӯзгор дар ҳаёти умумии худ ва фаъолияти омӯзгориаш то як андоза ба ин нуқтаҳо бастагии зич дорад: васеъ будани доираи маълумоти умумии ӯ дар ҳар боб, аз мушкилоти ҷомеа, миллат ва олами бузурге, ки ӯро иҳота дорад огоҳ будан ва □айра.

Бояд ӯ дараҷаи маърифатӣ, фалсафа ва ҳадафҳои ҷомеаеро, ки дар он ҳаёт ба сар мебарад бо тамоми паҳлӯҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ омӯзад. Илова бар ин аз маълумоти асосии асри худ, махсусан фарҳангу тамаддуни он бохабар бошад. Бо тамоми ин имкониятҳо ӯ метавонад, ки шогирдонашро аз фалсафаи ҳаёт, мубориза алайҳи мушкилоти он кӯмак намояд, то барои онҳо бо ин восита тавофуқи психологӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад. Шогирдон низ дар навбати худ бо ин роҳ барои тараққиёти ҷомеа метавонанд саҳмгузор бошанд. Аз ин сабаб бояд

маърифатнокӣ ва маълумоти умумӣ дар ҳар боб бояд ҷузъи асосии барномаҳои тайёрии касбии омӯзгор бошад;

**2. Омодагии илмии тахассусӣ (тарбияи тахассусӣ)**

Ин омодагӣ ба навъи тахассусе вобаста аст, ки онро муаллим бо дарназардошти қудрат ва имкониятҳои илмии худ интихоб карда аст. Қабл аз он ки омӯзгор по ба майдони фаъолият гузорад, бояд вобаста ба маводе, ки онро таълим медиҳад огоҳии комил дошта бошад, то барои таълими он фан салоҳият пайдо кунад ва бо методҳои нав ба нав онро ба шогирдон таълим диҳад. Шоистагии илмии омӯзгор дар ҳар фан ба андозаи огоҳии ӯ аз он фан вобаста аст. Махсусан фанҳое, ки бо забони хориҷӣ аст ӯ бояд ба андозаи лозимӣ аз ин забон огоҳ бошад;

**3. Омодагии касбии тахассусӣ (тарбияи касбӣ)**

Барои омӯзгори муваффақ гаштан танҳо иттилои васеъ доштан, маълумоти умумӣ касб кардан ва дар доираи тахассуси худ маҳорат пайдо кардан кифоя намекунад, балки илова бар ин омӯзгор бояд аз донишҳои тарбиявӣ, психологӣ ва таҷрибаҳои амалии таълим огоҳ бошад. Маҳз бо ин восита ӯ барои ба вуҷуд овардани донишҳо, мафҳумҳои илмӣ, маҳоратҳо ва самтҳои тарбиявӣ ва тахассусии лозим дар фаъолияти омӯзгорӣ роҳ меёбад ва аз усули касби омӯзгорӣ, асосҳои таърихӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва психологии ин касб бохабар мегардад. Дар маҷмӯъ ӯ бояд аз донишҳои педагогӣ огоҳ бошад, то барои роҳнамоии шогирдон, идораи синф ва қудрат доштан барои истифодаи воситаҳои диданӣ ва шуниданӣ роҳ ёбад, яъне ниҳоятан барои ба вуҷуд овардани фалсафаи тарбиявии фаъол қудрат дошта бошад. Зеро чи тавре донишмандон мегӯянд: «Ҳеҷ касбе ба андозаи касби омӯзгорӣ барои инкишоф ёфтан аҳамиятнок нест, чунки касби мазкур аз шахс талошҳои пай дар пайи махсусро талаб мекунад».

Қобили зикр аст, ки пеш аз дохил кардани омӯзгор ба муассисаҳои таълимӣ бояд интихоби дуруст сурат гирад. Омӯзгорон санҷида шаванд ва ин санҷиш бояд дар асоси сифатҳои беҳтарини омӯзгори муваффақ

сурат гирад. То ин ки ба касби омӯзгорӣ шахси ноаҳл ва ноӯҳдабаро хонда нашавад. Таҳқиқотҳои илмии соҳа тақрибан мавҷудияти бисту панҷ сифатро барои як омӯзгор ҳатмӣ нишон дода аст, ки он сифот ба таври зерин мебошад:

1. Қудрати иҷрои амали касбӣ;
2. Шахсияти ҷаззоб;
3. Соҳиби майли васеъ (майлба ҷомеа, касби интихоб карда ва майл ба шогирдон);
4. Нисбати касб диққати ҷиддӣ доштан;
5. Соҳиби завқи баланд, адаб ва ҳикмат;
6. Ҳамкорӣ бо ҳама;
7. Устуворӣ дар иҷрои касб;
8. Донишҳои васеъи воситаҳои методии шавқбарангезии дарс;
9. Худамал будан (яъне набояд касе ӯро барои иҷрои масъулияташ маҷбур кунад);
10. Шуҷоъ, ҷиддӣ, соҳибҳадаф;
11. Дурандеш ва бедордил;
12. Тандуруст;
13. Амонатнигоҳдор;
14. Дӯстдори касби омӯзгорӣ;
15. Мураббии ғамхор;
16. Ширингуфтор ва меҳрубон;
17. Покизарӯ, покизагуфтор, покизарафтор ва сухангӯи росту беибо;
18. Дорандаи уфуқи ақлии васеъ;
19. Нобиға;
20. Пешрав дар ҷиҳати амал;
21. Риояи низом;
22. Соҳибмаърифат ва дорои ахлоқи ҳамида;
23. Навҷӯ ва навовар;

24.Соҳибирода ва ботаҳаммул;

25.Парҳез аз зиёдаравӣ ва саҳлангорӣ.

Дар асоси он чи зикр гашт метавон гуфт, ки вазифаи асосии муаллим аз тарбият иборат аст, яъне муаллим пеш аз ҳама тарбиятгар аст ва таълим ҷузъе аз касби тарбиявӣ ва ё воситаи тарбия ба ҳисоб меравад.

Тамоми ислоҳотеро, ки мо дар амали таълимӣ ҷустуҷӯ дорем ва ҳамеша дар орзуи ба даст омадани он ҳастем ин аст, ки муаллим саропо мураббӣ бошад. То барои ба даст овардани камолот ва расидан ба он барои сохтани шогирдони тавонои равшанфикри хушахлоқ кӯшиш намояд. Маҳз барои тарбияи инсоне кӯшиш намояд, ки ватандӯстдор аст ва барои ватани худ ҷоннисор буда, доим барои пешрафти он кӯшиш менамояд.

Шоёни зикр аст, ки барои иҷро кардани масъулияти омӯзгорӣ бояд соҳиби шахсияти инсонии хос буда аз сифатҳои рӯҳӣ, имонӣ ва ахлоқӣ баҳраманд бошад. Набояд фаромӯш кард, ки «як карда аз сад гуфтор беҳ» гуфтаанд, яъне таъсири амалӣ даҳчанди таъсири тарбияи қавлӣ аст.

**Сифатҳои шахсии муаллим ва мураббӣ**

Муаллим ва мураббӣ будан дар айни ҳоле, ки пуршарафтарин вазифа аст, инчунин масъулияти бузургеро аз соҳибаш талаб мекунад.

Таълиму тарбия танҳо бо донистани методҳои дурусти он самараи дилхоҳ намедиҳад, балки шахсияти худи муаллим ва мураббӣ низ дар он нақши бузург мебозад. Ӯ дар раванди таълиму тарбия яке аз рукнҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, метавонад, ки ҳам сабаби ободкориҳо ва ҳам сабаби харобкориҳои донишҷӯй гардад. Зеро вазифаи ӯ танҳо бо расонидани маводи таълимӣ ба шогирдон ба анҷом намерасад.

Аз ин сабаб дар дараҷаи аввал шахсияти худи муаллим лозим ва зарурӣ аст, ки соҳиби якчанд сифатҳо ва хусусиятҳо бошад.

Донишмандон роҷеъ ба сифатҳои шахсии муаллим ва мураббӣ дар таълифотҳои худ бобҳои махсусеро ба он ихтисос додаанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби «Футувватномаи Султонӣ»-и худ барои соҳиб гаштани дараҷаи устодӣ бист сифатро шарт ва зарурӣ медонад.

Яке аз донишмандони дигар бо номи Фуод ибни Абдулазизи Шалҳуб китоберо таҳти унвони «Паёмбар нахустин омӯзгор» таълиф намуда, нуҳ сифати шахсии муаллим ва мураббиро бо тафсил зикр намудааст.

Сифатҳои зарурӣ барои устод аз ин қароранд:

1. Ихлос, садоқати муаллим;
2. Мувофиқати гуфтор ба кирдор;
3. Адл ва баробарӣ;
4. Ахлоқи ҳамида;
5. Тавозуъ ва шуҷоат;
6. Ҳазлу шӯхӣ бо шогирдон;
7. Сабр ва фурӯ бурдани тавонистани хашм;
8. Дурӣ ҷустан аз суханони зишт ва беҳуда;
9. Машваратпурсии ӯ аз дигарон.

**Сифатҳои арзишманди омӯзгор (Таблитсаи №2)**

| № | Сатҳи муносиб | Сатҳи қобили қабул | Сатҳи бурҳонӣ |
|---|---|---|---|
| **1. Хусусиятҳои равонии шахс ҳамчун фард** | | | |
| | **Намуди пурзӯри дар мувозинатбудаи системаиасаб** | **(Намуди зӯри дар мувозинат набудаи) системаи асаб** | **Намуди сусту камҳаракати системаи асаб** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1.1<br>1.2<br>1.3<br>1.4<br>1.5<br>1.6 | Тамоюл ба пешво будан<br>Боварӣ ба худ<br>Талабот<br>Некдилӣ ва дилсӯзӣ<br>Фишоромезӣ<br>Эҳсосзадагӣ | Ҳокимиятталабӣ<br>Худбоварӣ<br>Оштинопазирӣ<br>Мустақилияти нокифоят<br>Хӯрдагирӣ<br>Дармондагӣ | Золимӣ<br>Худдӯстдорӣ<br>Бераҳмӣ<br>Конформизии аз андоза берун<br>Парешонҳолӣ |
| **2. Омӯзгор дар сохтори муносибати байни шахсҳо** | | | |
| 2.1. | Тарзи бартарии демократии муошират | Бартарии тарзи авторитарии муошират | Тарзи бартарии либералии муошират |
| 2.2. | Танҳо низоъҳои амалӣ дар сари масъалаҳои усулӣ | Набудани низоъҳо бо хонандагон ва ҳамкорон Саъю кӯшиш барои | Мавҷудияти низоъҳои доимӣ дар аксари масъалаҳо |
| 2.3 | Саъю кӯшиш барои ҳамкорӣ бо ҳамкасбон Худбаҳодиҳии миёна | рақобат бо ҳамкасбон Худбаҳодиҳии аз меъёр паст | Кӯшиши доимӣ ба муросо ва созиш намудан |
| 2.4 | Дараҷаи ҷудоӣ аз рӯи миқдор баробар ба 0 | Дараҷаи ҷудоӣ дар ҳудуди 10% | Худбаҳодиҳии аз меъёр баланд |
| **3. Хусусиятҳои касбии шахсияти омӯзгор** | | | |
| 3.1 | Пурдонӣ ва баёни озоди мавод | Танҳо донистани фанни худ | Кор аз рӯи хулосаматнҳо |
| 3.2. | Маҳорати баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ ва син-нусолии хонанда | Донистани психологияи синнусолӣ ва педагогии хонанда | Набудани донишу ма-лака доир ба псих-яи синнусолӣ ва пед-гӣ |
| 3.3. | Суръати нутқ - 120-130 калима дар як дақиқа, лаҳни равшан, саводи умумӣ ва махсус | Суръати нутқ - камтар аз 120 калима дар як дақиқа, овози «гирифта» | Суръати нутқ болотар аз 150 калима дар як дақиқа, номутаносибии нутқ, |
| 3.4. | Намуди бовиқори зоҳирӣ, ҳаракати ифоданок | Намуди зоҳирии стандартӣ | Намуди зоҳирии номураттаб. |
| 3.5. | Аксуламали лаҳзавӣ ба вазъият, ҳозирҷавобӣ | Аксуламали оҳиста, ҳозирҷавобӣ | Набудани ҳозирҷавобӣ, аксуламали суст |
| 3.6. | Бо ном ба хонандагон муроҷиат кардан | Ба хонандагон бо насаб муроҷиат кардан | Муроҷиат бахонанда-гон бе истифодаи насаб |
| 3.7. | Ҳадафҳои шахсиро дуруст тарҳбандӣ карда тавонистан | Ҳадафҳои умумиро муайян карда тавонистан | Набудани маҳорати дақиқи ҳадафмандӣ |
| 3.8. | Кори таълими ҳамаи хонандагонро якбора ташкил карда тавонистан | Кори аксари хонандагонро ташкил карда тавонистан | Ғайрифаъол будани аксарият ташкил карда натавонистани кор |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3.9. | Доимо дарачаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро тафтиш мекунад | Дарачаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро давра ба давра тафтиш мекунад | Ҳеҷ гоҳ дарачаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро тафтиш намекунад |
| | | | |
| **4. Самаранокии фаъолияти касбӣ** | | | |
| 4.1. | Самаранокии машғулиятҳои таълимӣ 80 % ва болотар аз он | Самарнокии машғулиятҳои таълимӣ 68 – 84 % | Самаранокии машғулиятҳои таълимӣ 60-64 % |
| 4.2. | Аз рӯи талаботи сатҳи олӣ кор кардан | Аз рӯи талаботи сатҳи миёна кор кардан | Аз рӯи талаботи сатҳи паст кор кардан |
| 4.3. | Сатҳи ҳақиқии таҳсил дидагӣ 64 % | Сатҳи ҳақиқии таҳсилдидагӣ 36-63 % | Сатҳи умумии таҳсилдидагӣ -36 % |
| 4.4. | Рейтинги омӯзгор - 4,4 хол | Рейтинги омӯзгор -4,3 хол | Рейтинги омӯзгор 3,8 хол |
| | Микдори холҳо 100 | 75 | 50 |

Ҳамин тариқ дида, мешавад, ки сифатҳои касбии омӯзгор ба чунин хусусиятҳои фаъолияти психологӣ – педагогии ӯ вобастагии зич доранд: а) ба шогирд ҳамчун ба инсон – ба шахсият эҳтиром бигзор (ин иҷрои қоидаи тиллоии қадимӣ аст, ки мефармояд: ба дигарон тавре бархурду муносибат кун, ки аз дигарон бар худ мехоҳӣ);б) доимо дар ҷустуҷӯи имкониятҳои худинкишофдиҳӣ ва худкомилсозӣ бош (равшан аст, ҳар ки худ намеомӯзад, наметавонад эҳтиёҷу завқи хонданро дар дигарон бедор кунад; в) ба хонанда донишро ба гунае бидеҳ, ки ӯ бихоҳад ва тавонад онро фаро бигирад ва омода бошад онро дар шароитҳои мухталиф истифода намояд.

Ин дастурҳо моҳияти мақоли асосии педагогиро инъикос мекунад: «танҳо шахсияти инсонро бояд тарбият ва ташаккул дод».

## Мавзуи №4

### *Асосҳои назариявии ташкили тарбия дар мактаби олӣ*

*Адабиёт:*

*1. Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении. (Логико – психол. Проблемы построения учеб.предметов). – М.:Педагогика, 1972. – 424 с.*

*2. Деятельность преподавателя педвуза: проблемы совершенствования: Учебное пособие/Под ред. И.Е.Курова. - Горький: ГГПИ им. М.Горького, 1988. I 100с.*
*3. Назаров Р. Философии образования таджикского народа. Душанбе: 2010 -216 с.*
*4.Назри Яздонӣ. Ҳикмати озодагон. – Душанбе, 2009. – 276 саҳ.*
*5. Шарифзода Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ./Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон,2012,- 562с.*

Тадқиқотҳои психологӣ-педагогии даҳсолаи охир шаҳодат аз он медиҳанд, ки системаи маълумоти олӣ дар кишвари мо инкишофи қобили қабули донишҷуёнро вобаста аз талаботҳои замони муосир ба роҳ монда натавониста истодааст. Аз ин рӯ яке аз консепсияҳо дар модерникунонӣ ва нававарии таҳсилоти олӣ бояд дар алоқамандӣ ба инкишофи интеллектуалӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии донишҷӯёни мактабҳои олӣ бошанд. Мо бояд ба донишҷӯён мустақилият, бархурдҳои мусбат ба илм ва дигар иттилоотҳо ва аз ҳама муҳим ба онҳо қобилияти фикр кардан, яъне дар раванди таълим инкишоф додани асосҳои муосири фикррониро ташаккул диҳем. Вобаста аз талаботҳои замони муосир ба мо системаи таҳсилоти характери инкишофидошта лозим аст. Барои мустаҳкам ва мукаммал сохтани системаи таҳсилот моро зарур аст, ки ба масъалаҳои педагогӣ-психологии мафҳумҳои «дониш» «тафаккур» «фаъолият» ва «педагогикаи инкишофӣ» дуруст сарфаҳм рафта муносибатамонро ба онҳо аз нуқтаи назари фаҳмишҳо муайян созем. Табдили донишҳои илмӣ, аз ҷумла донишҳои педагогӣ ба як қувваи асосӣ ва универсиалии лозим барои фаъолияти ҳаёти самаранок ва бомаърифати ҷомеаи муосир бебаҳс таваҷҷӯҳи олимонро ба тадқиқотҳои ҳаматарафаи илмӣ боло мебарад. **Илм дар бораи «Педагогика» дар шароити имрӯз ин на фақат дониш, балки ин институти иҷтимоӣ, фаъолияти гуру□ҳои мухталифи тадқиқотӣ ва яке аз тарзҳои муайяншудаи таъсироти байниҳамдигарии олим ва ҷомеа мебошад.** Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳама

гуна таълим хусусияти тарбиявӣ дошта бо мақсади тарбия дода мешавад.***Нақшаи №2. Хусусиятҳои тарбия дар мактаби олӣ***




Дар замони муосир ҳамаи ҷанбаҳои вуҷудияти илми педагогӣ дар бораи шахсияти инсон аз тарафи мутахассисони соҳаи физиология, психология, иқтисод, сотсиология, биомеханика, менеджмент ва дигар соҳаҳои донишҳои фаннӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Бо дарназардошти инкишофи

«Педагогикаи мактаби олӣ» ҳамчун предмет моро мебояд баҳамоварии ҳар як ҷузъи инкишофи онро бо ҷараёни азхуднамоии донишҳои назариявии донишҷуёни мактабҳои олӣ  таҳлил ва баррасӣ намоем. Масъалаҳои сифати дониш дар илми дидактика ва психологияи педагогӣ омузонида мешаванд. Норасоии умумӣ дар баррасии ин масъалаҳо дар он аст, ки баҳои сифати азхуднамоии мафҳумҳо ба донишҷуён берун аз баҳои сифат ва меъёри ташаккули ҳаракатҳои фикрии онҳо ба вуҷуд меояд. Ё ба тарзи дигар мундариҷаи дониш берун аз хусусиятҳои тафаккур омӯзонида мешавад. Вобаста аз оне, ки инсон донишро дар ҷараёни мухталифи фаъолият ва шаклҳои муошират бо дигар инсонҳо мегирад, мазмуни фаъолияти таълимии донишҷӯ бояд ҳамчун асоси назариявие бошад, ки азхуднамоии онҳо инкишофи асосҳои назариявии шуур ва таффакурро ба вуҷуд биоварад.  Ба ақидаи В. В. Давидов тафаккури назариявӣ ва ё боақлона аз якчанд хусусиятҳои хосе иборат аст, ки онҳо дар материалҳои мутааллиқ ба шаклҳои мухталифи шуури ҷомеа ба мушоҳида мерасанд ва таффакур дорои таҳлиле ҳаст, ки муайянсозандаи асосҳои генетикии аввалӣ ва умумиятҳост. Ҳамчунин пайдосозандаи рефлексияе, мебошад, ки инсон тавассути вай ҳамеша ҳаракатҳои тафакурии худро таҳлил намуда, ҳамҷоя муносибатҳои дохилиашро муайян месозад. Ӯ қайд менамояд, ки тафакури назариявӣ асосан дар нақшаи озмоиши фикрие ба вуҷуд меояд, ки мутаалиқи баиҷрорасонии ҳаракатҳои тафакурӣ ва банақшагирии инсон аст. Бо назардошти мавқеъи Давидов нисбати мафҳуми «тафакур» ба мақсад мувофиқ аст, ки нуқтаи назари Ю. В. Громикоро, ки намояндаи мактаби методологии тафакури гурӯҳии Шедровский мебошад дида бароем.  Ба ақидаи ӯ тафакур ин фаъолияти рӯҳиест, ки ашёи вай созиш ва азнавсозии ашёи идеалиест, ки имконияти ҷудо ва назар намудани алоқа ва муносибати объекти таҳти омӯзиш қарордоштаро дар шакли таҳлил ва дар асоси мутаҳидсозии синтетикии нақшаҳои пураҳамияти мухталифи объект нишон медиҳад. Дар қатори ба таври васеъ паҳн шудани тассавурот дар бораи тафаккури фардӣ, аҳамиятнок гардидани методҳои ташкили тафакури гурӯҳӣ

низ ба мушоҳида мерасад, ки минбаъд мо ба мафҳуми ташкил ва ташаккули таффакури гурӯҳӣ бармегардем, чунки сохтор ва мазмуну мундариҷаи фаъолият аз бисёр мавқеъҳо имконияти сухан гуфтанро дар бораи «Педагогикаи мактаби олї» ҳамчун фанн фаро меорад. Файласуфи бузург Ф. Т. Михайлов мегуяд: «Дар бораи ҳеҷ чиз нашояд андеша кард; андеша ин маънои онро дорад, ки инсон мақсаднок ва беихтиёр тафаккури умумии ҳосилкардаашро дар бораи он чизе, ки андеша дорад тағйир дода, ба тарзи рефлексивӣ ба он чизе, ки дар андешааш сохтааст муносибат менамояд». Михайлов хусусиятҳои асосии тафаккурро ба се қисм ҷудо менамояд:

1) шакли ибтидоӣ ва моҳиятан ҷудонопазири истифодаи тарз ва воситаҳои худташаккулёбӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва муносибати худ бо худ;

2) тафаккури рефлексивӣ фақат дар эҷоди худташаккулёбист;

3) тафаккур аз рӯи муайянсозӣ диологист.

Ҳар як донишҷӯи мактаби олиро зарур аст, ки дар бораи хусусиятҳои логикии назариявӣ ва эмпирикии тафаккур тасаввуроти кофӣ дошта бошад, чунки ин дар тадқиқотҳои педагогӣ ва психологӣ бисёр аҳамияти калон дорад. Инро С. Л. Рубинштейн, ки фарқияти тафаккури назариявӣ ва эмпирикиро муайян сохта, хизматрасониҳои ин намудҳои тафаккурро дар абстрактсия ва умумиятҳо медид, хуб фаҳмида буд, ки донишҳои бавуҷудомада ва ё гирифташудаи натиҷаи ин намуд тафаккурҳо таъминсозанда ва муайянсози шаклҳои фаъолиятанд. Барои мисол фаъолияти таълимӣ ва ё варзишӣ. Суръатнок гардонидани дониш дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ худ аз худ шуур ва тафаккури донишомӯзонро васеъ менамояд, вале инкишоф намедиҳад. Инкишофи донишҷуён дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ба вуҷуд меояд. Хусусан замоне, ки азхуднамоии донишҳои назариявӣ ба вуҷуд омада,

шаклгирии ҳаракатҳои таълимӣ ва тафаккурӣ шурӯъ мешавад. Моро зарур аст, ки тамоми шароитҳои лозимаро барои ташаккул ва инкишофи фаъолияти таълимии донишҷуён ба вуҷуд биоварем, ки дар натиҷа донишҷӯ дорои маълумоти мукаммали тахассусӣ шуда дар ӯ таҳаввулотҳои ҷиддии инкишофи ҳолатҳои мухталифи психологӣ низ ба вуҷуд биоянд. Аз ин рӯ дар назарияи таълимоти инкишофӣ ба масъалаи ташаккул ва инкишофи ин намуди фаъолият аҳамияти калон медиҳанд.

## Мавзуи №5
### *Фаъолият ва имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии инсон*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1) *Фаъолият ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогӣ*
2) *Намудҳои фаъолият ва таъсири мусбату манфии ӯ ба шахсият*
3) *Тағйирпазирии касбии шахсият: мафҳум, моҳият ва мундариҷа*
4) *Омилҳои фаъолияти касбии таъсиррасон ба шахсият*
5) *Роҳҳои пешгирӣ ва гузаштан аз таъсири манфии таъғирпазирии шахсияти корманд*

**Адабиёт:**


1) *Мардахаева Л.В. Профессиональная деятельность и деформация личности. М.2001.*
2) *Подвойский В.П. Профессиональная деформация руководителя М.1997.*


**1.*Фаъолият*** – ҳастии асосӣ дар инкишофи шахсияти одам аст. Фаъолият аст, ки бисёр хулқу атвори инфиродии шахсиятро тағйир медиҳад. Ба хотири муайянсозии имкониятҳои иҷтимоӣ – педагогӣ моро зарур аст, ки тамоми паҳлӯҳои фаъолияти инсонро бо диққат омӯзиш кунем.

***Фаъолият ин роҳи мақсадноки тағйирпазирии табиӣ ва иҷтимоии шахсияти инсон аст.***

Сохтори фаъолият чунин аст:

*Мақсад, моҳият, ашё ё восита, ҳаракат ва натиҷа ё ба тарзи дигар*

*мақсад, моҳият, ашё, муносибат ба фаъолият, ҳаракат бо истифодаи ашё ва натиҷа.*

*Нақшаи 3. Сохтори фаъолият*

**М → Мт → А → Мф → Ҳа → Н (=Н)**

Дар ин ҷо М - Мақсад, Мт - моҳият, А - ашё, Мф - муносибат ба фаъолият, Ҳ-а-ҳаракат бо истифодаи ашьё ва Н-натиҷа.

Ҳар як ҷӯзъи фаъолият нерӯи таъсиррасонии иҷтимоӣ – педагогиро ба субъект барои ба амалбарории мақсад равона мекунад.

***Мақсад*** – ин тахаюлоти идеали натиҷаи фаъолият аст. Мақсад дар алоқамандии синну сол мувофиқшавии инфиродӣ, инкишоф ва тарбияи инсон муайян мешавад. Хислати мақсади фаъолият имконияти табдили субъектро ба шахси таҳқиқҷӯ ва фаъол ва ё шахси иҷрокунандаю созанда фаро меорад.

***Моҳият*** - ин он аст, ки инсонро ба фаъолият водор месозад. Асоси моҳиятро талабот ташкил медиҳад, ки сабаб ва таъсиргузор аст ба интихоби ҳаракат ва ҳолати шахсият.

***Ашё ё восита*** – ин он аст, ки инсон барои ба мақсад расидани фаъолият ва мақсади пешгузоштааш истифода мебарад. *(Дар инҷо бояд дар бораи хусусиятҳои синусолӣ, қобилият, фаъолият, таҷрибаи тахасусӣ сухан гуфт, ҳатто дар бораи кӣ будани шахс*). Аз рӯи интихоби ашёи корӣ кӣ будан ва то чӣ андоза қодир будани шахсиятро низ муайян кардан мумкин аст.

***Ҳаракат*** – истифодаи ашё ва воситаи расидан ба мақсадро ифода мекунад.

***Муносибат*** – ин алоқаи талаботи инсон барои худташаккулёбӣ дар фаъолият мебошад. Муносибат раҳнамуни ҳамагуна фаъолиятҳо мебошад, ки инсонро маҷбур месозад нисбати худ муносибати дуруст намояд, то ки дигарон низ ба ӯ муносибати ҷиддиро раво бинанд. Муносибати одам нисбати худ бо гузашти айём ташаккул меёбад, ки бештар дар фаъолияти касбӣ дида мешавад. Муносибати одамон нисбати хулқу атворашон гуногун мешавад. Масалан: Муносибати объект ба фаъолият, муносибат ба корҳои иҷрошуда, муносибат ба натиҷаи фаъолият.

***Натиҷа*** – он аст, ки инсон дар натиҷаи фаъолият ба даст овардааст ва дар ташаккули шахсияти ӯ нақши муҳим бозидааст. Бо назардошти натиҷаи мусбатро ба даст овардан боварии инсон нисбати худ зиёда мегардад ва аз натиҷаи манфӣ баръакс.

**II.** Ҳамаи ҷӯзъиётҳои фаъолият ба инкишофи шахсият таъсири худро мегузоранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки «компонент»-ҳои фаъолият ба инсон характери шахсӣ доранд. Онҳо дар навбати худ ба тағйири рафтори инсон нисбати фаъолият сабаб мегарданд.

*Ҳаракати* инсон барои ба мақсад расидан ба тағйири донишу малакаю маҳорати ӯ ёрӣ мерасонад. Ин тағйиротҳо рафторӣ буда, инкишофи сифатан хуби шахсиятро дар фаъолияти амалӣ нишон медиҳанд. Ин нишондодҳотаҷассумгари он ҳастанд, ки ҳамаи намудҳои фаъолият ба ғайр аз фаъолияти яксону берангу бӯ *шахсияти* иҷрокунандаи фаъолиятро тағйир медиҳанд. Онҳо метавонанд характери пешбарандаи бо мурури замон инкишофёбанда ва ё баракс характери рӯҳафтодагӣ ва қафобаранда дошта бошанд.

***Фаъолият*** ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

***1. Фаъолияти касбӣ*** – ин фаъолияти махсусан ташкилкардаи мутахасис бе истифода аз воситаҳои муайян барои дастовардҳои натиҷаи пешбинишудаи ҷамъиятӣ мебошад;

***2. Фаъолияти педагогӣ*** – ин намуди муайян ва алоҳидаи фаъолияти фоидаовари ҷамъиятии инсони калонсол аст, ки барои тайёр кардани насли оянда ба ҳаёти мустақилона бо мақсадҳои муайяни иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ равона мегардад;

***3. Фаъолияти иҷтимоӣ– педагогӣ*** бошад, ин фаъолиятест, ки барои ба даст овардани натиҷаи мақсади худ воситаҳоеро истифода мебарад, ки боиси ҳалли мусбати масъалаҳои ичтимоӣ мегарданд.

***4. Фаъолияти иҷтимоӣ*** – ин намуди махсуси фаъолияти касбӣ буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии обйект равона шудааст. Дар ин ҷо *корманди иҷтимоӣ субйект буда*, *обйекти фаъолияти ӯ инсони дорои проблемаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад*. Воситаҳояш бошанд, *иқтисодӣ, табобатӣ, психологӣ, технологияи иҷтимоӣ – педагогӣ,* усулҳо ва техникаи педагогӣ шуда метавонанд.

Ҳамин таъриқ *фаъолияти касбӣ* дар муқоиса бо дигар фаъолиятҳо характери мураккаб, бомақсад ва муташаккил дорад.

**III.*Фаъолияти касбӣ*** дар ҳаёти инсон мавқеи асосиро ишғол менамояд. Вай таъсири ниҳоят бузургро дар ташаккули иҷтимоии инсон, тарзи рафтор ва ҳаёти вай мегузорад. Ин таъсиротҳо метавонанд мусбат ва ё манфӣ арзёбӣ шаванд, ки фардро на фақат обрӯманд, балки беобрӯ низ карда метавонанд.

Таҳлилҳои фаъолияти касбӣ дар инкишоф ва ё таназзули шахсият аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъсири фаъолияти касбӣ на фақат «прогресивӣ» балки «регресивӣ» низ шуда метавонанд. Дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳама гуна фаъолият аз он ҷумла фаъолияти касбӣ мутаносибан баъзан хислати прогресивии созанда ва баъзан регресивии сӯзанда

мегирад. Инсон ҳамеша вақте, ки дорои чизе мешавад ҳамзамон чизи дигареро аз даст медиҳад. Кадом хислате дар ӯ инкишоф ёфта муккамал мешавад ва аз тарафи дигар кадом хислати некеро аз даст дода то дараҷаи ифрот мерасад, ки мутаасифона ҳамсафари якумриаш низ мегардад.

Дар адабиётҳои махсуси муосир барои нишон додани хислати фаъолияти касбӣ ва таъсири ӯ ба шахсияти мутахассис ва рушди вай, мафҳуми ***«тағйирпазирии шахсият»***ва ***«тағйирпазирӣ дар фаъолияти касбӣ»*** истифода мешавад.

***Тағйирпазирии (деформатсия) шахсият – ин тағйиротҳои сифатӣ ва хислатиест, (стереотипҳои қабулшаванда, қабули арзишҳо, хислат, хулқу одат, тарзҳои муошира ва рафтор) ки дар зери таъсири омилҳое, ки барои ӯ аҳамияти беандоза доранд, ба вуҷуд меоянд.***

***Тағйирпазирии касбии шахсияти мутахассис*** – ин тағйиротҳои сифатӣ ва ахлоқиеанд, ки дар зери таъсири талаботҳои касбӣ ба вуҷуд меоянд.

**IV.** Мафҳуми ***тағйирпазирии касбӣ*** ба фаъолияти корманди ҳама соҳа низ дахл дорад. Ба шахсияти корманд омилҳои махсуси ***фаъолияти касбӣ*** таъсир мерасонад. Ба ин шомил шуда метавонад:

1. *Мақоми иҷтимоии касбӣ;*
2. *Фаъолияти касбӣ ва субъекти кор;*
3. *Мазмун ва худи фаъолияти касбӣ;*
4. *Кор бо инсонҳое, ки проблемадошта;*
5. *Меъёрҳои дарозмуҳлат ва дараҷаи меъёрҳои эҳсоси болидарӯҳии мутахасис дар фаъолияти касбӣ.*

***Мақоми иҷтимоии касб ва фаъолияти касбӣ***

Ҳама гуна касб мақоми муайянеро дар ҷомеа соҳиб аст. Он метавонад давлатӣ ва ё вобаста ба муҳит мақоми сазовор дошта бошад. Мақоми давлатӣ бо он хусусият аст, ки ин касб дар ҷомеа чӣ мавқеero сазовор аст

ва дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлат сабт шудааст *(Раиси шурои олӣ, вазирон, намояндагони маҷлис, органҳои ҳуқуқӣ ва иҷроия ва ғайра)*.

Мақоми ҷамъиятии инсон бошад метавонад давлатӣ ва ғайридавлатӣ бошад. Ҳамзамон дар ҳар минтақа дар зери таъсири омилҳои муҳит *мақоми (статуси) муҳитии касб ва фаъолияти касбӣ* ташаккул меёбад. Зери таъсири ин омилҳо мақоми субъективии мутахассис ташаккул меёбад *(мақоми иҷтимоии субйекти фаъолияти касбӣ)*.

*Мақоми иҷтимоии субъект ва худи фаъолияти касбӣ*

Ин омил дорои *зуҳуроте ба мисли мақоми пайдонамудаи мутахассиси кори иҷтимоӣ дар ҷомеа (муҳити иҷтимоии маҳал)* ва *мақоми субъективии корманд* мебошад.

Пайдоиши *мақоми мутахассис (маҳалӣ ё иҷтимоӣ*) дар ҷомеа, муносибати хосеро дар шахсияти интихобнамудаи касб ташаккул дода, таваҷҷуҳи бештареро барои азхудкунии *касб ва фаъолияти касбӣ* бедор менамояд.

Нақши иҷтимоӣ-педагогии ***мақом*** (статус) дар он зоҳир мегардад, ки вобаста аз *мазмуну мундариҷа* метавонад бомасъулият *мартабаи касб ва соҳибкасбро боло бардорад ва ё метавонад бефарқиятӣ ва ҳатто беэътиноӣ* нисбати касбро ба амал бароварад.

*Мақоми субъективӣ* – ин тасвири хаёлии касб аст, ки дар шуури мутахассис ба вуҷуд омадааст. Ӯ дар тафаккури инсоне (довталаб), ки тахассусро интихоб намудааст, ҳамчун натиҷаи тарбияти гирифтааш дар маҷмуъ мавзун андӯхта мешавад.

*Мутахассисонеро* ки нисбат ба касби худ ва *мақоми субъективии он* эҳтирому эътимоди зиёд доранд, дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун нафари мутаассиби «фонат» касби худ ёдовар мешаванд. Ин бештар дар мутахассисони фазои иҷтимоидошта вомехурад. Онҳо барои ба

ҳадафашон расидан ба ҳама мушкилиҳо тайёранд «дастбагиребон» шаванд.

Мутахассисоне, ки ба мақоми субъективии касби худ камтар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, ҳеҷ гоҳ дар соҳаи касби худ эҷодкор намешаванд. Ин дар навбати худ дар ташаккули шахсияти онҳо таъсироти манфии зиёд мерасонад ва тағйирпазирии (манфии) шахсияти онҳо мушоҳида мегардад.

**V.** ***Ҳамаи омилҳое, ки барои фаъолияти касбӣ заруранд дар маҷмуъ муайянкунандаи худидоракунӣ ва ё рушди потенсиали шахсии мутахассис дар роҳи шиддатгирии касбӣ хизмат карда метавонанд. Дар натиҷа мукаммалшавии касбӣ ва тағйирпазирии мусбии шахсию рафторӣ ба амал меояд.***

*Гурӯҳҳои хоси асоси амалидоштаи суратгирии тағйирпазирии касбии мутахассис, ки хусусиятҳои шахсиятӣ ва рафторӣ доранд:*

- *Тағйирпазирии касбии асоси амалидоштаи рафтории мутахассис* – натиҷаи тағйиротҳои рафтории инсон, ки дар натиҷаи иҷрои масъулияти касбӣ ба амал омадаанд:

- *Тағйирпазири касбии мусбии рафторӣ, вобаста аз мақомикасб* – ин тағйироти рафтории мутахассис вобаста аст аз мақоми касбии ӯ;

- *Тағйирпазирии касбии шахсияти мутахассис* – ин дар натиҷаи инкишофи сифатҳои касбии мутахассис аст;

- *Тағйирпазирии маданӣ-касбии мутахассис* – ин натиҷаи корҳои эҷодӣ-касбии мутахассис шуда метавонад;

- *Тағйиротҳои шахсӣ-рафтории мутахассис ҳамчун тағйиротҳои асоси амалидошта* – ин хоси одамоне аст, ки дар зери таъсири масъулиятҳои касбӣ тағйир меёбанд.

Ҳамчунин тағйиротҳо дар рафтори одамоне, ки муддати зиёд дар як вазифа кор мекунанд, ки *масъулияти эшон* аз ҷиҳати омилҳои инсонгароёна онҳоро хеле маҳдуд тағйир медиҳад (инсон-роботҳо).

**Нитсше дар бораи чунин одамон мегӯяд:** *«ба баъзеи онҳо чашм, ба баъзеи дигар гӯш, ба сеюмӣ- пой, ҳатто касони забону бинӣ ва сар гумкардаҳо низ ҳастанд. Одамоне ҳастанд аз «як чашми калон, як даҳони калон, як шикамбаи калон ва умуман аз як чиз иборатанд, ки ман онҳоро маслуқони рондашуда номидаам»*

(Касбу корҳои зиёде низ вуҷуд доранд, ки инсонро манфӣ тағйир медиҳанд…)

Коркарди моҳият ва мазмуни *тағйирпазирии касбии корманди иҷтимоӣ* масъалаи ҳавасманд намудани ӯро барои мукамалшавии касбӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани таъсиротҳои манфӣ ба вуҷуд меорад. Ҳалли онҳо имконияти болоравии *фарҳанги касбӣ ва пайдоиши муҳаббат нисбати касб ва муддати зиёд содиқ будани мутахассисро ба фаъолияти касбӣ фаро меорад.*

Муҳаббати мутахассис нисбати касби худ – ин хусусияти сифатан беҳбудӣ бахшидан ба қобилиятҳои касбӣ ва ба дараҷаи олӣ ҳал намудани масъалаҳои касбӣ дар давоми муддате, ки «сотсиум» барои фаъолияти меҳнатӣ ҷудо намудааст, мебошад. Бо ин тарз мутахассис саломатиашро нигоҳ дошта, *салоҳият, маҳорат ва малакаи касбиеро, ки имкониятҳои олии иҷроиши масъулиятҳои касбиро фаро меорад,* ба иҷро расонида метавонад.

Дар ҳалли ин масъалаи ҳаётан муҳими ҷамъиятӣ аз роҳҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

- *Ҳавасмандгардонии мукамалшавии касбии мутахассис;*

- *Омода намудани мутахассиси ҷавон барои эмин мондани ӯ аз таъсири тағйирпазирии манфии шахсият;*

- *Ба вуҷуд овардани шароитҳои фаъолияти касбии таъсирнопазир аз тағйирпазирии манфӣ;*

- *Роҳҳои ором аз сар гузаронидани таъсиротҳои манфии тағйирпазирии касбии шахсияти мутахасис.*

Барои ҳавасмандгардонии мукаммалоти касбӣ, бояд фаъолиятеро барои баланд бардоштани фарҳанги маънавӣ-касбии мутахассисон ба роҳ монд:

1. *Афзудани мақоми иҷтимоӣ-касбии корманд – ин масъала хусусияти ҳам умумидавлатӣ ва ҳам муҳитӣ дорад;*
2. *Ташаккули баланди инкорнашавандаи (позитивӣ) мақоми иҷтимоии мутахассиси соҳа;*
3. *Системаи корҳои кӯмакрасонӣ барои мутобиқшавии мутахассиси ҷавон ба фаъолияти касбӣ;*
4. *Афзоиши салоҳиятҳои касбии мутахассис;*
5. *Ташкили шароит барои инкишофи фарҳанги маънавӣ-касбии фаъолият;*
6. *Ташкили фазои озоди маънавӣ-психологӣ дар маркази фаъолияти касбӣ, ки сабабгори корҳои эҷодӣ, ташаббусӣ, хоҳиш ва кӯшиши ифшонамоии шахсияти касбии хеш шуда тавонанд.*
7. *Ҷӯстуҷӯ ва ворид сохтани технологияҳои нав, шакл ва методҳои корҳо бо намояндагони мухталифи ҷомеа.*

Ҳамчунин муасиссаҳои олии тайёр намудани мутахассисин дар онҳо маҳорат ва малакаҳои заруриро барои шикастнопазирии шахсияти онҳо ҳангоми фаъолияти корӣ ташаккул медиҳад.

## Мавзуи №6
### *Масъалаҳои тарбиявии инсон дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт аз нигоҳи педагогӣ*

**Масъалаҳои барассишаванда:**

1. *Инкишофи иҷтимоии инсон*
2. *Иҷтимоишавии инсон ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-педагогӣ*
3. *Хусусиятҳои синнусолии иҷтимоишавии инсон*

**Адабиёт:**


1) *Беличева С.А. Основы превентивноӣ психологии М.1993*
2) *Громова М. Т. Педагогические основы образования взраслых М.1993*
3) *Ремшмидт Х. Подростковый и юношескии возраст: проблемы становления личности М.1994.*


**I.** ***Иҷтимоишавии шахсият – ин ҷараёни одии ба ҳаёт мутобиқшавии инсон мебошад, ки вобаста аз қобилият ва фаҳмиши худи инсон мавқеашро дар ҷомеа пайдо мекунад***. Ин ҷараён таъсири зиёд ба ташаккули шахсият, амалишавии неруҳои ақлӣ-фитрии ӯ дар зиндагӣ ба муҳит ва ҷомеаро дорад. Бисёр масъалаҳои ичтимоии инсон ва қобилияти ҳалли мустақилонаи онҳо аз бисёр ҷиҳат аз инкишофи иҷтимоии инсон вобастаанд.

***Инкишофи иҷтимоии шахсият – ин тағйиротҳои сифатию миқдории сохтори шахсият дар ҷараёни ташаккул, иҷтимоишавӣ ва тарбияи ӯ мебошад.*** Ӯ дар худ зуҳуротҳои одиро бо қонуниятҳои табиӣ барои инсоне, ки аз рӯзи таваллуд дар муҳити ичтимоӣ ба сар мебарад таҷассум мекунад.

Инкишофи иҷтимоии инсон хусусияти *ҳамешагӣ* вале *нобаробар* дорад.

Хусусияти ***ҳамешагии*** вай дар он зоҳир мегардад, ки дар он талабот ба тағйирот, худнигоҳдорӣ, аз додани таҷрибаҳои иҷтимоӣ ҳамчун рушди табии инсон ба ҳисоб меравaнд. Иҷтимоъ дар шахсият ғанӣ мегардад, чизеро бо худ мегирад ва ё аз даст медиҳад, меъёри муайяни имкониятҳоро дар худ нигоҳ медорад ва ғайра.

Хусусияти инкишофи ***нобаробар*** бошад, дар он зоҳир мегардад, ки вай характери ҳамешагӣ надошта, росту ҳамвор нест. Ин ҷараён дар вобастагӣ аз ҷанбаҳои синнусолӣ, намуди мизоҷ, боилтифот ва ҷо ба ҷо будан, ҳолати инсон, шароити муҳит, худфаъолиятӣ ва ғайра тағйир меёбад.

Меъёри инкишофи инсонро ба *актуалӣ (бисёр муҳим, мубрам)* ва *неруҳои баъд пайдошаванда (потенсиалӣ) ҷудо менамоянд.* ***Меъёри актуалӣ*** баёнгари ҳалли мустақилонаи вазифаҳои дар пеш истодаи инсон аст. Ё ба тарзи дигар аз рӯи меъёрҳои инкишофӣ вай алакай *шахсият* аст. *Муҳити наздиктарини инкишоф (Л. Г. Выготский)* шаҳодатдиҳандаи имкониятҳои инкишофи бармаҳали инсон мебошанд. ***Нерӯҳои баъд пайдошаванда*** – қобилиятҳои инфиродие ҳастанд, ки шояд баъдтар амалӣ гарданд.

Ҳамчунин ташаккули иҷтимоии инсон ба ҳолатҳои рӯҳии (психикаи) вай алоқамандӣ дорад.

**II.** Чӣ тавре ки А. В. Мудрик қайд менамоядмафҳуми ***«иҷтимоишавӣ»*** ба ҷумлаи илмҳо дар бораи инсон аз «политэкономия», ки дар шакли аввалааш ҳамчун «ҷомеашавӣ-ҷамъиятӣ ва ё умумиҷамъиятӣ» (умумиҷамъиятӣ кардани замин, воситаҳои истеҳсолот ва ғ) ба кор бурда мешуд, ворид шудааст. Ба инсон бошад ин мафҳум аввалин маротиба дар асари иҷтимоъшиноси Амрикоӣ Ф. Г. Гиддингса «Назарияи иҷтимоишавӣ» (1887) инникос ёфт. Дар он ин мафҳум бамаънои муосираш «иҷтимоишавӣ», «инкишофи табиати иҷтимоӣ ва ё хислати фард», «тайёрии моддии инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ» ба кор бурда шудааст.

***Иҷтимоишавӣ*** (аз лотинӣ – socialis – ҷамъиятӣ) – *ҷараёни ташаккули шахсият, сухангӯ шудани фард, доро шудан ба арзишҳои иҷтимоӣ (меъёр, қоида, намунаи рафтор), фарҳанги ҷомеа, ҷамъияти иҷтимоӣ, гурӯҳ,*

*истеҳсолот ва ғанигардии онҳо ба воситаи алоқа ва таҷрибаҳои иҷтимоӣ мебошад.*

Иҷтимоишавӣ ҳамчун *ҷараён, шароит, зоҳиршавӣ ва натиҷаи ташаккули иҷтимоии шахсият ба кор бурда мешавад.*

Ҳамчун***ҷараён*** **-**вай ба маънои иҷтимоишавӣ ва инкишофи шахсият вобаста ба характери алоқаи инсон бо муҳити зиндагӣ ва мутобиқшавӣ ба он бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ фаҳмида мешавад.

Ҳамчун ***шароит*** **-** шаҳодатдиҳандаи он иҷтимоъе ҳаст, ки барои инкишофи табиии иҷтимоии шахсият заруранд.

Ҳамчун ***зоҳиршавӣ*** **-** ин муносибати иҷтимоии инсон бо назардошти синусол ва инкишофи иҷтимоӣ дар системаи муносибатҳои мушахаси ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Ҳамчун ***натиҷа*** ӯ бунёдгузори хислатҳои асосии инсон ва хусусиятҳои вай чун воҳиди иҷтимоии ҷомеа дар алоқамандӣ бо синнусол ба шумор меравад.

**III.** Ҳар як марҳилаи ҳаёти инсон аз ***хусусият ва имкониятҳои*** худ иборат аст. *Фаъолияти мутахасиссон оид ба ҳарҷӣ бештар ба амал баровардани ин имкониятҳо шохаи мустақили педагогикаи мактаби олӣ ба ҳисоб меравад.* Фаъолияти иҷтимоишавии инсонро бошад дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт педагогикаи иҷтимоӣ дар қисматҳои махсус ***ювеногогика, андрогогика ва геронтогогика*** нишон медиҳад.

***Ювеногогика*** *аз калимаи лотинии ҷуниор-junior – хурдӣ, ва агоге – agoge – роҳбарӣ, тарбия – қисмати илми педагогика мебошад, ки проблемаҳои иҷтимоии инсонро дар давраҳои хурдӣ ва ҷавонӣ меомӯзад.*

***Андрогогика*** *аз калимаи юнонии анер –aner андро –andros одами калонсол ва агоге – agoge - роҳбарӣ, тарбия буда, қисмати илми педагогиро ташкил мекунад, ки масъалаҳои инсони калонсолро меомӯзанд. Ин давраи муҳими ҳаёт вобаста ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад.*

***Геронтогогика*** *аз калимаи юнонии геронтос –gerontos муйсафед ва агоге- agoge роҳбарӣ, тарбия мебошад, ки проблемаҳои назариявӣ ва амалии инсонро дар даврони пиронсолӣ меомӯзад.*

## Мавзуи №7
## *Норасоиҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули шахсияти мутахассиси ҷавон*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Меъёр ва норасоиҳо дар тарбияи инсон ва сабабҳои норасоиҳои иҷтимоӣ*
2. *Роҳҳои асосии фаъолияти педагогӣ барои бартараф кардани рафторҳои ношоистаи ҷавонон*

**Адабиёт:**


1. *Байярд Р.Т., Байярд Д. Ваш беспокойный подросток: практическое руководство для отчаявщихся родителей. М., 1995*
2. *Девиантное поведения детей и подростков, проблемы и пути их решения. М., 1996*
3. *Формы и методы предупреждения педагогической запущенности и правонарушений подростков. М., 1989.*


*Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз дар таҳқиқотҳои педагогии Тоҷикистон низ камбудию нуқсонҳои ҷиддӣ дида мешаванд, ки барои фаъолияти маҳсулноки кормандони мактабҳои олӣ дар тайёр намудани мутахассисони ҷавон монеаҳо эҷод менамоянд. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки омӯзиши хусусиятҳои психологӣ – педагогии синнусолии мо дар гузашта дуруст таҳқиқ нашуда, асосан тарҷумаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии олимони дигар миллатҳо мебошанд, ки бо «менталитет» ва психологияи миллати сарбаланди тоҷик созанда нестанд. Инчунин ҳанӯз механизми қабули довталабон ба мактабҳои олӣ тибқи низоми нав дуруст коркард нашудааст ва бинобар ҳамин сабаб ба*

*мактабҳои олии мо ашхоси ғайриинтизори рафтори номатлубдошта низ қабул мегарданд. Акнун моро зарур аст, ки бо онҳо, ки бе баҳс узви комилҳуқуқи ҷомеаи мо ҳастанд корҳои тарбиявӣ-педагогиро тибқи талаботҳои илман асосноки педагогӣ дар мактаби олӣ ба роҳ монем.*

**I.** Барои баррасии педагогии масъалаи мазкур, яъне кор бо ашхоси рафтори номатлубдошта ба мо зарур аст, ки сабаб ва омилҳои пайдоиш ва ташаккули *рафтори номатлубро* муайян намоем. Пеш аз ҳама бояд муайян намуд, ки худи мафҳуми рафтори номатлуб чист?

*Рафтори номатлуб* рафтореро меноманд ки он берун аз «норма»-ҳои қабулшудаи иҷтимоии инсон аст.

Мафҳуми норма вожаи лотинӣ буда, маънояш «ченак», «меъёр»-и муқараршуда мебошад. *Нормаи иҷтимоӣ гуфта, рафтор ва ҳаракатҳои иҷтимоии инсонро меноманд, ки дар зери таъсири ҳаёти иҷтимоии ҷомеа дар муддати муайяни таърихӣ бо шарту усулҳои ҳаёти ҷомеа пайдо шудаанд.* Онҳо стандартҳои қабулшудаи рафтори шахсиятро дар гурӯҳ, ки итоати онҳо барои индивид шарти асосии муносибати байниҳамдигарӣ мебошад, муайян месозанд. Дар *нормаҳои (меъёрҳои) иҷтимоӣ* таҷрибаи иҷтимоии ҷомеа ва истифодаи онҳо барои ҳаёти муосири инсонҳо инъикоси худро меёбанд. Онҳо дар бисёри мавридҳо ба ҳукми қонун медароянд. Ба ғайр аз ҳукми қонунӣ гирифтан онҳо ба меъёрҳои нонавиштаи ҳаёти ахлоқӣ, этикӣ, динӣ ва ғайраҳо ҷудо шуда, дар ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии инсон васеъ истифода мешаванд.

Инсон дар як вақт якчанд нақши иҷтимоиро иҷро мекунад. *Нақши шахрванд, нақши мутахассис, нақши узви оила, гурӯҳ ва ғайраҳоро,* ки дар ҷараёни онҳо ба ӯ муяссар мешавад, ки рафтор ва таҷрибаи иҷтимоияш ба ташаккули шахсияташ нафъ биёранд.

***Норасоиҳои иҷтимоӣ – ин инкишофи нодурусти рафтори иҷтимоии инсон аст, ки ҳамаи муқаддасот ва меъёрҳои қабулшудаи рафтори инсонро инкор карда, қабул надорад.***

Ду намуди норасоиҳои иҷтимоиро ҷудо мекунанд:

*1. Асотсиалӣ* - ин рафтори «ғайринормалии» инсон буда, ба ҷомеа хатар надорад;

*2. Антисотсиалӣ* – ин рафтори «ғайринормалии» инсон буда, баръакс ба ҷомеа хатар ворид месозад.

Ҳар дуи онҳоро бемории иҷтимоии ҷомеа ва ё ***аномия*** дар ҷомеа номидан мумкин аст.

Дар илми сотсиология мафҳуми *аномия*, аз тарафи олими сотсиологи Фаронса – ***Дюркгейм*** ворид шудааст, ки маънояш *норасоӣ ё набудани нормаҳои рафторӣ иҷтимоӣ мебошад.* Сотсиологи америкоӣ Роланд Мертон бошад солҳои 30-юми асри *XX теорияи аномияи иҷтимоиро*пешниҳод кард. Дар он ҳолатҳои бадрафторӣ ва бадахлоқӣ дар ҷомеа, сабаб ва омилҳои даст задани индивид бар онҳоро нишон дод. Ба фикри ӯ ҳама гуна ҷомеа дар назди худ мақсад мегузорад ва барои расидан ба он воситаҳоеро истифода мебарад.

***Ҳангоми вайрон шудани баробарвазнӣ байни мақсаду восита аномия ба вуҷуд меояд***.

Мертон якчанд реаксияи инсонро ҳангоми ***аномия*** ҷудо мекунад:

***1. Корформизм*** - аз лотинӣ амсол, монанд буда, муносибати мусбати мақсад ва воситаҳои дастрасӣ ба онро меноманд;

***2. Иновативность*** – аз лотинӣ азнавсозӣ, барқарорсозӣ буда, муносибати мусбати мақсад ва ба эътибор нагирифтани ягон шакли маҳдудият дар интихоби восита, ки инсонро ба рафтор ва фаъолияти нав водор месозад, мебошад;

***3. Ритуализм*** – муносибати манфӣ ба мақсад, ва роҳгумии ӯ дар нигоҳдошти асосии «аксент» ба воситаҳоро рафтори «ритуалӣ» меноманд (фаъолияти диннӣ, бюрократизм);

***4. Ретризм*** – инкори мақсад ва ҳамаи воситаҳои ба он расидан аст. Ретризм ба ҳаёт падруд гуфтани одамонро мусоидат мекунад (майзадаҳо, наркаманҳо аз ҳамин қабиланд);

***5. Исён (Бунт)*** – қабул накардани ҳама гуна мақсад ва ҳама гуна восита ва ҳатто тағйирот ба онҳо. Дар шакли юриш (переворот) ба вуҷуд омада, тарафдори тағйиротҳои инқилобӣ дар меъёрҳо ва муқадассоти иҷтимоӣ мебошад.

Дар педагогикаи иҷтимоӣ дар бисёри мавридҳо мафҳуми *рафтори ношоиста* истифода мешавад, ки ин илм ӯро бисёртар ба шакли ***рафтори девиантӣ***, ки аз лотинӣ маънояш *қонуншиканӣ ва ё қонунвайронкунӣ* мебошад истифода мебарад.

Инсон яку якбора ба қонуншиканӣ ва ё ба *рафторҳои ношоиста* даст намезанад. Онҳо тадриҷан, вобаста аз муҳит ва омилҳои мухталиф арзи вуҷуд менамоянд.

Марҳилаҳои рафтори ношоиста инҳоянд:

*1. Ба вуҷуд омадани нофаҳмиҳо дар байни меъёрҳои иҷтимоӣ ва шахсият;*

*2. Изҳори норозигӣ - инкори талаботҳои иҷтимоии инсон;*

*3. Ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои зидди қонунӣ (беодобиҳои хурд-хурд фиребу найранг, дуздӣ ва гайра);*

*4. Зам шудани таҷрибаҳои манфӣ дар рафтор (таҷовуз, авбошӣ фоҳишагӣ);*

*5. Дохил шудан ба гурӯҳҳои рафтори ношоистадошта;*

*6. Конунвайронкунӣ;*

*7. Содир шудани ҷиноят.* Барои ҳалли масъалаҳои кор ба нафарони рафтори номатлубдошта моро зарур аст, ки омилҳои асосии ташаккулёбии онҳоро муайян намоем. **Нақшаи №3**

***Гурӯҳи омил ва сабабҳои ташаккул ва пайдоиши инсони рафтори ношоистадошта***




Ин имкон медиҳад, ки ҳамаи паҳлуҳои мураккаби пайдо ва ташаккулёбии *рафтор ва норасоии иҷтимоии инсонро* дар марҳилаҳои мухталифи ҳаёт муайян намоем, ки инҳоянд:

1. *Норасоии инкишофи руҳӣ ва физиологӣ;*
2. *Мувофиқат накардани шароит ва методҳои тарбия ба хусусиятҳои инфиродии наврас;*
3. *Мувофиқат накардани намудҳои тарбия ба хусусиятҳои синнусолии ашхоси тарбияшаванда.*

**II.** Муваффақияти кор бо ашхоси рафтори номатлубдошта бештар ба пешгирӣ намудани пайдоиш ва ташаккули ин рафторҳо ва ё норасоиҳо вобаста аст. Инчунин моро зарур аст, ки системаи тарбиявии ин гуна ашхосро пеш аз ҳама *дар оила, муасиссаҳои таълимӣ, органҳои «админстративӣ», марказҳои давлатӣ ва ғайридавлатии кор бо ин гуна*

*бачаҳо ва наврасон,* ки бо дарназардошти ғамхорию меҳрубонӣ бо бачаҳо бояд пайдо шаванд ба вуҷуд биоварем. Ана дар ҳамин аст воқеияти кори педагогии мо устодон ва кормандони соҳа.

Дар самти оила:

*а) Тайёр намудани волидайни оянда ба ҳаёт ва тарбияи фарзандон. Ба он дохил мешавад:*

- *Асосҳои муносибатҳои оиладорӣ;*
- *Мунокишаҳои оилавӣ, сабаб ва роҳҳои бартарафсозӣ;*
- *Асосҳои поягузории иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ дар оила;*
- *Асосҳои тарбияи оила дар марҳилаҳои мухталифи синнусолии фарзандон;*
- *Асосҳои ҳуқуқҳои оиладорӣ ( Қонуни масъулияти волидайн дар тарбияи фарзандон).*

*б) Муҳайё сохтани фазои солими маънавӣ, муносибат ва муҳити маънавӣ-психологӣ дар оила;*

*в) Огоҳ ва пешгирии хатогиҳо дар тарбияи оилавӣ;*

*г) Ташаккули мавқеъи устувори маънавӣ дар оила;*

*д) Аз хурдӣ тарбия намудани сифатҳои иродавӣ ва шаъну эътибору манзалат ба фарзандон дар оила;*

*е) Қатъиян даст кашидан аз зуроварӣ нисбати фарзандон;*

*ж) Пешгирӣ аз ҳолатҳои моилшавии кӯдакону наврасон ба истифодаи носу сигор, нушокиҳои спиртӣ ва маводҳои мухадир;*

*з) Водор сохтани кӯдакон ба худтарбиянамоӣ.*

*__Нақшаи №4.__ Роҳҳои асосии фаъолияти педагогӣ барои бартараф кардани рафторҳои ношоистаи бачаҳо ва наврасон*




## Мавзуи №8

### *Имкониятҳои тарбияи иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён ва ҷавонон бо истифода аз воситаҳои ахбори омма (ВАО)*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *ВАО: намуд ва вазифаҳои асосӣ*

2. *Методҳои асосии таъсиррасонии ВАО ба шахсият*

**Адабиёт:**

1. *Афанасьев В. Г. Социальная информация и управление обществом. М., 1975.*
2. *Воробьев В.В. Твоя информационная культура. М., 1988.*
3. *Воспитательное воздействие на личности СМИ и учреждений культуры. М., 1979.*

**I.** Воситаҳои ахбори омма (ВАО) имкониятҳои васеъ ва бузурги таъсиррасониро ба шахсият ва омма доранд. Дар бисёре аз ҳолатҳо онҳо метавонанд тарбиятгари насли наврас ва омили аслии ташаккули ҷаҳонбинии оммаи васеи мардум гардида, онҳоро ба ин ё он намуди ҳаракатҳои фаъоли ҷамъиятӣ равона созанд.

ВАО мафҳуми мутаҳидсозандаи ҳамаи «каналҳои» иттиллоотрасонӣ ба оммаи васеи мардум ва ҷомеа (матбуот, ширкатҳои китоббарорӣ, нашрияҳо, радио, телевизион ва ғайра) мебошанд. ***Зери ин мафҳум институтҳои иҷтимоие фаҳмида мешаванд, ки фаъолияташон баҷамъоварӣ, коркард ва чолиши иттилоот ба оммаи васеи мардумони дунё вобаста аст.***

Ба намудҳои асосии ВАО шомиланд:

1. *Радио – таъсири вожаи – садоӣ, «акустикӣ»;*
2. *Матбуот (матбаа) – таъсири вожаӣ ва «графикӣ»;*
3. *Синамо – таъсири бадеӣ-тимсолӣ (хушобуранг);*
4. *Телевизион – баҳамоии таъсири садоӣ ва бадеӣ;*
5. *Технологияҳои компютерӣ (интернет).*

Вазифаҳои асосии ВАО:

1. *Тасири сиёсӣ-ҷамъиятӣ (халли вазифаҳои сиёсии муайян);*
2. *Тарбия (ғоя, арзишҳо, ватандӯстӣ ва ғайра);*

3. *Иттилоотӣ (фаҳмондадиҳӣ);*
4. *Таълимӣ-равшаннамоӣ: аудиторияи пуртаваҷҷуҳи касбӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ;*
5. *Бадеӣ-тазаккурӣ (репродуктивӣ): Ба маъразии тамошо баровардани асарҳои бадеӣ, ки хусусиятҳои иҷтимоӣ-мадании худро гум накардаанд;*
6. *Бадеӣ-сермаҳсул (продуктивӣ): Паҳннамоии намудҳои махсуси санъат – Реклама, телешоу, радиодрамма, филмҳои телевизионӣ ва г.*
7. *Хушгузаронӣ: фарогатӣ (мусиқӣ, суруд, кино ва г.).*

Таҳқиқи таъсири ВАО ба шахсият ва омма бо роҳҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ ба роҳ монда мешаванд. Ҳатто мафҳуми «педагогикаи ВАО» низ арзи вуҷуд дорад…

Ҳамин тариқ ВАО метавонад шароитеро ба вуҷуд орад, ки натиҷаи таъсири дилхоҳашро ба шахсият ва омма ба даст орад.

***Нақшаи №2. Таъсири ВАО ба шахсият ва омма***

| Маҳсули истифодаи ВАО | Натиҷаҳои таъсироти мухталифи ВАО ба аудитория |
|---|---|
| Иттилоотҳои мубрам | Таваҷҷуҳ ба иттилоот, саргармӣ ба вай, мантиқ, ояндабинӣ ва таъсирбахшӣ |
| Мутобиқати иттилоот ба талаботи «аудитория» | Истифодаи фаъоли иттилооти пешниҳоднамудаи ВАО |
| Таваҷҷуҳи иттилооти мазкур ба аудитория | Умедворӣ аз иттилоот ва истифодаи он дар таъбире, ки ВАО пешниҳод менамояд |
| Сироятҳои руҳии мазмуни иттилоот | Кашиши мунтазам ба мазмуни иттилоот ва ҳамдардӣ ба он, ки таъсирнокиро ба аудитория меафзояд |
| Самари хабари боэътимод. Қаробати иттилооти пешниҳодшуда ба ҳаёти воқеӣ, истифодаи омилҳои боэътимод ва наздиктарини он ба воқеият | Ташаккули эътиқод ба иттилоти пешниҳодшуда ва қабули он |

| | |
|---|---|
| Пешниҳоди иттилоот аз ҷониби шахсиятҳои обрӯманд | Фарди обруманд ба аудитория таъсири бештар дорад. Инсон одами обрӯмандро бовар мекунад. |
| Ҳаммонандии пешниҳодоти ВАО ба ҳаёти воқеӣ | Инсон бо дидани ҳаёти воқеӣ ҳамҷоя бо қаҳрамонони асарҳо ва дигар персонажҳо ғамшарик мегардад. Ин ба бачаҳо бештар таъсир мерасонад. |
| Ҳаммонандии пешниҳодоти ВАО ба ҳаёти воқеъӣ | Инсон бо дидани ҳаёти воқеъӣ ҳамҷоя бо қаҳрамонони асарҳо ва дигар персонажҳо ғамшарик мегардад. Ин ба бачаҳо бештар таъсир мерасонад. |
| Ҳассосияте, ки аз мазмуни иттилоот ва тарзи пешниҳоди он ба вуҷуд меояд. | Аудитория фарогири ҳолатҳои ҳассос, носабурӣ ва тайёр будан ба ҳаракатҳои дигар бо ВАО мешавад. |

Дар аксар маврид иттилоотҳое, ки тамошобин мегирад ба тағйиротҳои физиологӣ дар организм низ таъсир мерасонад. (тамошои парнофилмҳо, филмҳои даҳшатафкан, варзиш ва ғ). **Нақшаи №3.**

**Оқибат ва фазои таъсири ВАО**

| Оқибатҳои таъсироти ВАО | Фазои таъсири ВАО |
|---|---|
| Оқибатҳои рафторӣ | Намунаи фаъолияте, ки ВАО пешниҳод менамояд, дастури тамошобин мешавад. |
| Оқибатҳои таъиншуда | Мутобиқати таъиноте, ки ба муносибат ва ҳаракатҳои тамошобин таъсироти ҷиддӣ мерасонад. |
| Оқибатҳои идрокӣ | Тағйири дониш ва ҷаҳонбинии тамошобин |
| Оқибатҳои инъикосгари муносибат ба ҳаёти воқеӣ ва инсонҳо | Хаёлотҳои «виртуалӣ» талаботҳо, намунаи ҳаёт |
| Оқибатҳои психологӣ | Ғамшарикӣ, ҳассосият, тарс |
| Оқибатҳои физиологӣ | Ҳассосияти организм зери таъсири филмҳо |

**II.** Воситаҳои ахбори омма барои паҳн кардани барномаҳояшон ва таъсири онҳо ба шахсият ва омма аз методҳои мухталиф истифода

мебаранд. Ҳамзамон бо пахши барномаҳо онҳо ба ҳолатҳои руҳӣ, тавоноии зеҳнӣ, замони пахши барнома, «аудитория» диққати махсус медиҳанд. Вобаста аз барнома ва вазифаи дар пеш гузоштаи он, «аудитория»-и вай, истифодаи усул ва методҳои мақсадноки муайянро истифода мебаранд.

Ба ин методҳо шомиланд:

1. *Методи иттилоотӣ;*
2. *Методҳои эҳсосӣ;*
3. *Методҳои ватангароёна;*
4. *Методҳои бавуҷудоварандаи тарс;*
5. *Методҳои ташкили ба даст овардани муваффақият;*
6. *Методҳои зарофатсанҷӣ.*

Ҳар кадом аз ин методҳо дорои вазифаҳои муайяни таъсир ба аудитория мебошанд. **Нақшаи №4.**

**Вазифаҳои муайяни таъсири методҳо ба аудитория**

| **Истифодаи методҳои ВАО** | **Волоиятҳои таъсири метод** |
|---|---|
| Методҳои иттилоотӣ | Тамошобини боиттило дар бораи ин ё он рӯйдод, ҳодиса ва инсон |
| Методҳои эҳсосӣ | Ташкили ҳолатҳои ҳассос ва фаъоли тамошобин ба ғамшарикии қаҳрамонони ҳодиса, асар ва ғайра |
| Методҳои ватангароёна | Таъсир ба эҳсосоти ватангароёнаи аудитория , ки ҳисси ифтихор ва ё нафратро бедор менамояд. |
| Методҳои даҳшатафкан | Бо роҳҳои сунъӣ ба вуҷуд овардани тарс бо мақсади ташаккули бадбинӣ нисбати ҳодиса , чизе ё касе |
| Методҳои ташкили ҳолатҳои ба даст овардани мувафақият | Мунтазам бедор намудани тавачҷӯҳи истифодабарандагони иттилоот ва қаноат кунонидани онҳо ба пешрафти корҳояшон ва бор кардани вариантҳои муайяни ҳалли мушкилот |
| Методҳои зарофатсанҷӣ | Тамошобинро бо шӯхиҳои боадабона ва созанда барои дидан ва ислоҳи камбудиҳо ҷалб менамоянд. |
| **Методҳои махсус** | |

| | |
|---|---|
| Маҳсули ҷараёни қабули нодурусти воқеъият | Таасуроти ҳодисае, ки инсонро вобаста ба ҳодисаҳои даҳшатафкан ва афзоиши эҳсоси тарс, ба ваҷд меорад. |
| Ташкили фазои сахти эҳсосии ғамшарикӣ ва ба ӯ ворид сохтани амривоқеъӣ. (Барои бошиддат гузаштан аз мусиқиҳои махсус низ истифода мешавад). | Таъсироти бонуфузи психологӣ ба руҳи инсон, қабули иттилооти муайян ва дар ин муҳит фаро овардани муносибати нодуруст ва ғайривоқеӣ ба вай |
| Маҳсули мунтазам ба тариқи ғайри маҷбурӣ, лекин ба муҳлати дарози маҷбурӣ, лекин ба муҳлати дарози вии руҳӣ мерасонад. | Пурра «бесилоҳ» гардонидани инсон ҳамчун истифодабарандаи иттилоот, ки дар натиҷа ӯ ҳамаи он чизеро, ки экран пешниҳод мекунад, қабул менамояд. |

***Воситаҳои ахбори омма** ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам тарафҳои манфии рушди шахсиятро фаро гирифта метавонанд. Аз ин рӯ корманди педагогиро зарур аст, ки дар ҷараёни фаъолияти кориаш аз онҳо бохабар бошад.* ***Нақшаи №5***

| **Тарафҳои мусбии ВАО** | **Тарафҳои манфии ВАО** |
|---|---|
| Оммавӣ будани иттилоот | Ягонагӣ дар тафакур ва эҳсосот |
| Гирифтани донишҳо дар бораи ҷаҳон | Тасавуроти ғалати дониш (иллюзия) |
| Суръатнокии иттилоот | Вайроншавии ритми дохилӣ |
| Азхуднамоии таҷрибаҳои зиндагӣ | Эҳсоснокии баланд ва корношоямии ақл |
| Тамошои кинофилмҳои зиёд | Пайдоиши завқи бад ба ҳар гуна санъат |
| Фазои озоди истифодаи хонагӣ | Вақтгузарониҳои бемаънӣ |

педагогиро ташкил намоянд.

## Мавзуи №9
## *Маданият ва маданияти педагогии корманди мактаби олӣ*

### Масъалаҳои баррасишаванда:

1) *Мафҳуми «маданият» «маданияти педагогӣ, маданияти иҷтимоӣ – педагогӣ»*
2) *Сохти маданияти иҷтимоӣ - педагогӣ ва хусусиятҳои асосии ҷузъиётҳои вай*
3) *Роҳҳои баланд бардоштани маданияти педагогии корманд*

### Адабиёт:

1) *Грехнев В.С. «Культура педагогического обшение М.1990*

2) *Коджаспирова Г. М. «Культура профессианального самообразования педагога М.1994.*
3) *Хозяинов Г.И. «Педагогическое мастерство преподавателя»*

I. ***Маданияти инсон*** *– ин таҷрибаи рафториест, ки дар муҳити иҷтимоии ҳаёт ва фаъолият ба вуҷуд омада, дар муносибат ва муошира ба инсонҳо ба кор меояд.*

***Маданияти касбӣ*** *– ин як шохаи маданият буда, таҷассумгари санъат ва фаъолияти касбии мутахасис аст, ки тафакккури илмӣ ва таҷрибаҳои амалии аз худкардаашро ба нафъи солими маънавиёти ҷомеа, муҳит ва тараққиёти иҷтимоӣ мебахшад.*

Шахсияти инсонро албатта *маданияти умумӣ* муаррифӣ мекунад, ки *маданияти педагогӣ* фақат як ҷузъе аз он аст.

Зери мафҳуми ***маданияти педагогӣ*** *дар назар аст тамоми меъёрҳои санъати педагогӣ дар муносибат бо худ, бо инсонҳои дигар ва хусусан бо бачаҳою наврасон.*

Бо назардошти он, ки фазои ифшошавии сифатҳои педагогии инсон дар муҳити зиндагӣ хеле васеъ аст, месазад, ***ки фарҳанги иҷтимоӣ-педагогиро*** аз он ҷудо намуд. *Фарҳанги иҷтимоӣ – педагогӣ* таҷасумгари идроки ҳамарӯзаи таҷрибаҳои иҷтимоии фаъолияти педагогии инсон дар мувофиқат бо синнусол ва муҳити зиндагӣ мебошад.

Корманди соҳаи педагогиро зарур аст, ки *фарҳанги касбиро* дар худ пайдо намояд. Чунки хоҳу нохоҳ фаъолияти касбии ӯ *ба одамон* сарукор дорад ва ***фарҳанг ва маданияти педагогӣ*** барои мутахассис ниҳоят зарур аст. *Ӯ меъёри идроки таҷрибаҳои педагогӣ ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти кории мутахассис муайян менамояд.*

II. Барои муайян намудани ин ё он намуди ҷанбаҳои *фарҳанги педагогии мутахассис* зарур аст, ки ба сохтор, ҷузъҳои асосӣ ва маълум

сохтани ***таъиноти вазифавии маданияти педагогӣ*** назар афканем. Аз ин бармеояд, ки ин ҷо сухан на аз меъёри дониш ва малакаҳои педагогӣ меравад, балки сухан дар бораи ташаккули меъёрҳои *шахсиятӣ, идеал, талабот ва моҳияте, ки фазо ва шароитҳои ошкорсозии онро пайдо менамояд,* меравад. Дар маҷмуъ сохтори маданинияти педагогии мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ чунин аст: ***Нақшаи №6. Сохтори маданияти педагогии мутахассис***




Хусусияттҳои хоси азхуднамоии таҷрибаҳои амалии мутахасис ва инкишофи сифатҳои асосии касбӣ, иникоси худро дар натиҷаи

таҷрибаҳои иҷтимоӣ-педагогии шахсӣ, ки таркиби маданияти педагоии мутахасисро ташкил медиҳад, пайдо месозад.

***Нақшаи №7. Сохтори шахсии таҷрибаи иҷтимоӣ – педагогии корманд***




Ҷониби зоҳирии ***маданияти иҷтимоӣ-педагогии*** мутахассис ин истифодаи таҷрибаи шахсӣ дар шакли фаъолияти инфиродист.

***Шакли инфиродии маданияти педагогӣ*** ин намуди хоси нишондоди маҳорат ва техникаи педагогӣ дар ҷараёни фаъолият мебошад. Ба *шаклҳои инфиродии фаъолияти педагогии корманд* дохил мешаванд:

*а) Нишондодҳои мутахассис ҳамчун соҳибкасби асил;*

*б) Идеали маънавии мутахассис дар фаъолияти педагогӣ;*

*в) Муносибати мутахассис бо худ, бо шогирд ва бо кори худ;*

*г) Амалигардонии маҳорати педагогӣ дар ҷараёни фаолияти касбӣ ба воситаи:*

*- Амалигардонии технологияҳои педагогӣ, методҳо, воситаҳо ва усулҳои фаъолияти педагогӣ;*

*- Амалигардонии техникаи педагогии мутахассис (худидоракунӣ, таъсиротҳои бевосита ва ба восита ба инсон, фарҳанги муошира, маданияти нутқ).*

*д) Тактикаи педагогӣ ва одоб (этика) дар ҷараёни фаъолият;*

*е) Меъёри натиҷаҳои бадастомада дар кори мутахассис.*

*Нақшаи умумии нишондодҳои маданияти педагогиро дар* ***нақшаи №8*** *пешкаш менамоем.*

***Сохтори нишондодҳои маданияти педагогии мутахасис***






Ҳаёти воқеӣ нишон медиҳад, ки фазои пайдоиши маданияти педагогии инсон ин: *муносибат бо худ, мукаммалшавии худ, муносибат бо дигарон ва ғайра* мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои педагогӣ ба кор мераванд.

**III**. *Роҳҳои мухталифи ташаккули маданияти педагогии мутахассис* вуҷуд дорад.

Роҳи аввал – *фаро овардани имкониятҳои баланд бардоштани маданияти умумии мутахасис*, ки муайянкунандаи ҳамаҷониба кушода шудани маданияти педагогии шахсият шуда метавонад.

Асоси роҳи дуюмро *истифодаи васеи таҷрибаҳои шахсии педагогии корманд дар амалишавии он* дар шароити фазои иҷтимоӣ-педагогӣ ташкил менамояд:

а) *Баланд бардоштани тайёриҳои назариявии мутахассис дар соҳаҳои тиб, психология, педагогика ва иҷтимоъ;*

*б) Аз худ намудани технологияҳои педагогӣ, метод, восита ва усулҳое, ки барои истифодаи амалии корманди ҷавон заруранд;*

*в) Инкишофи техникаи педагогӣ;*

*г) Ҷамъгардии таҷрибаҳои амалигардонии тайёриҳои педагогии худ дар фазои иҷтимоӣ;*

Роҳи сеюм – *ин ба вуҷуд овардани шароит барои истифодаи фаъоли тайёриҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар ҷараёни фаъолияти корӣ;*

Чорум – *мустақилона ба амал баровардани ҷанбаҳои педагогӣ дар ҷараёни корҳо аз ҷониби мутахассис;*

Панҷум – *омӯзиш ва истифодаи таҷрибаҳои мутахасисони варзида, ки тайёриҳои педагогии худро дар амал татбиқ намудаанд;*

Шашум – *таъмини мақсаднок ва босуботи худи корманд дар мукамалшавии касбӣ-педагогӣ.*

Бо вуҷуди ҳамаи ин нақши асосӣ дар пайдоиши маданияти педагогӣ боз ҳам бештар ба худи мутахассис вобастагӣ дорад.

Дар илми педагогика мафҳуми «*фарҳанги худташаккулёбии касбӣ-педагогӣ» вуҷуд дорад» (Г. М. Каджаспирова).* Ин фарҳанг *шакли олии қаноатсозии талаботҳои тахасусии шахсияти мутахассис, масъулияти баланд ва қобилияти ташкилотчигии* ӯро ифода менамояд. Фарҳанги худташаккулёбии мутахассиси оянда дар натиҷаи таълим, ташаккулёбии касбият дар шароити муассисаи таълимӣ арзи вуҷуд менамояд. Вай рушдиояндаи худро дар ҷараёни мутобиқшавӣ ба кор ҳамчун мутахасиси ҷавон дар вазифа ва фаъолияти меҳнатӣ пайдо месозад.

# БОБИ II
# НАЗАРИЯИ ТАЪЛИМ (ДИДАКТИКА) ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

## Мавзуи №10
## *Ҷараёни педагогӣ ва роҳҳои мукаммалшавии он дармактаби олӣ*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ҷараёни таълимӣ-педагогӣ дар мактаби олӣ*
2. *Хусусиятҳои умумии ҷанбаҳои асосии ҷараёни таълимӣ-педагогӣ*

**Адабиёт:**

1. *Каптерев П.Ф.Педагогический процесс // Избр. Пед. Соч. М. 1982.*

2. *Социальная педагогика / Под ред. В. А. Никитина. М. 2000.*
3. *Стефановская Т.А. Педагогика: наука и искусство. М. 1998.*

**I.** Фаъолияти касбии корманди мактаби олӣ аз системаҳои марҳилавии ҷараёнҳои муайян иборат аст. Мафҳуми «ҷараён» аз вожаи лотинии processus – гузаштан, пешравӣ пайдо шудааст. ***Зери ин мафҳум дар адабиётҳои илмӣ тағйири ҳолатҳои марҳилавиеро меноманд, ки дар алоқамандӣ бо қонуниятҳои марҳилавии инкишоф ҳаракати ягонаро ба вуҷуд меоранд.***

Дар адабиётҳои педагогии муосир мафҳуми «ҷараёни педагогӣ» вуҷуд дорад. Аммо муносибати ягона ба ин мафҳум ҳанӯз арзи вуҷуд накардааст ва намунаи баъзеи онҳо чунинанд:

*а) Ҷараёни махсус ташкилшудаи мақсадноки байни устоду шогирд барои ҳалли вазифаҳои инкишофию таҳсилотӣ (В. А. Сластенин).*

*б) Ҳаракатҳои мутақобилаи устоду шогирд ба мақсади маълумот инкишоф ва ташаккули шахсияти хонанда (Т.А. Стефановская).*

Ба адабиётҳои педагогӣ ин мафҳум аввалин маротиба аз ҷониби педагоги шинохта П. Ф. Каптерев (1849-1922) ворид шудааст. Моҳият ва мазмуни ҷараёни педагогӣ низ аз тарафи ӯ соли 1904 дар китоби ***«Ҷараёни педагогӣ»*** кушода шудаанд.

Зери мафҳуми ҷараёни педагогӣ ӯ ***«ташаккули ҳаматарафаи шахсиятро дар заминаи худинкишофёбии фитрӣ мувофиқ ба идеали иҷтимоӣ»*** мефаҳмид ва ҷараёни иҷтимоӣ педагогиро ба гурӯҳҳои дохилӣ ва зоҳирӣ ҷудо намуд.

***Ҷараёни педагогии дохилӣ*** ба ақидаи Каптерев ин ***«ҷараёни худинкишофёбии инсон вобаста ба хусусиятҳои организм ва муҳит мебошад».*** Дар ин ҳолат организм бо қонуниятҳои ба худ хоси зиндагӣ

амал карда таасуроташро дар худ ҳазм менамояд. Ҳама ҷараён хусусияти табиӣ дошта мутобиқи зарурат ба вуҷуд меояд, на аз ҷонибе.

Ҷараёни иҷтимоӣ – педагогии дохилӣ инъикосгари:

*а) Тасвири умумии инкишофи инсон.* Дар ин ҳолат ӯ (ҷараён) ба сифати намунаи чигунагии раванди инкишофи иҷтимоӣ-педагогии инсон хизмат менамояд ;

*б) Инкишоф, таълим ва тарбияи инсони мушаххас бо хусусият ва сифатҳои инфиродии хеш.*

***Ҷараёни педагогии (таълимӣ) зоҳирӣ (берунӣ)*** ба ақидаи Каптерев ин *«интиқоли таҷрибаҳои гузарондаи насли калонсол ва ҳамчунин ба шакли тайёр аз дигарон гирифтаи онҳо ба насли наврас аст».* Инро ба тарзи дигар ҳамчун *ҷараёни интиқоли маданияти гузаштагону ҳамзамонҳоямон баояндагон* номидан мумкин аст. Чунин муносибат ба ҷараёни педагогии зоҳирӣ ба маънии васеътараш инъикосгари ҷанбаҳои инкишофи ҳама гуна ҷомеаҳо шуда метавонад.

Дар муносибат ба ***инсон*** ҷараёни педагогии зоҳирӣ (берунӣ) ин:

*а) ҷараёни тарбияи инсон дар умум (танзими тарбия, азнавтарбиянамоӣ,ислоҳсозӣ);* Ҷиҳати технологии фаъолияти тарбиявӣ низ дар ҳамин аст.

*б) Ҷараёни ҳалли баъзе вазифаҳои тарбиявӣ дар муносибат ба инсонҳои нуқсонҳои инкишофи рӯҳидошта.* Дар ин сурат «ҷараён» инъикосгари фаъолияти тарбиявии ҷараёни махсуси технологист;

*в) Ҷараёни тарбиявии инсони мушаххас ва ҳалли вазифаҳои муайяни тарбиявӣ – амалигардонии технологияи кори тарбиявӣ.*

Байни *ҷараёнҳои педагогии дохилӣ ва берунӣ дар тарбияи инсони мушахас алоқамандӣ ва баҳамоварии шароитҳо мавҷуданд, ки характери умумии ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии тарбияро* таъкид менамоянд.

***Ҷараёни иҷтимоӣ-педагогӣ – ин муносибати мутақобилаи коргари иҷтимоӣ ва муштарии ӯ барои ҳалли масъалаҳои вуҷуддоштаи иҷтимоии муштарӣ ба воситаи воситаҳои махсуси педагогӣ дар шароити муҳит мебошад.***

II. ***Хусусиятҳои ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ.*** Ҳама гуна ҷараён аз марҳилаҳои инкишоф оғоз меёбад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки хусусиятҳои вай метавонанд тағйиротҳои *синнусолӣ, сифатӣ ва миқдории шахсият* бошанд, ки вобаста аз таъсири муҳити иҷтимоӣ-педагогӣ арзи вуҷуд кардаанд. Тағйиротҳои сифатиро дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун ***марҳила*** хосиятбандӣ менамоянд.

Марҳилаҳо вобаста аз моҳияти ҷараёни тарбия ва инкишоф, шароит ва мухлати он муайян карда мешаванд. Дар ҳар зина вай имкониятҳои тағйиротҳои сифатие, ки як марҳиларо аз дигараш фарқ кунонида баҳогузорӣ менамояд, ҷудо мекунад.

*Бо мазмуни васеъ* ин ҷараёни инкишофи иҷтимоии инсон дар муддати ҳаёти зиндагиаш мебошад. Дар ин ҳолат ***марҳила*** нишондиҳандаи хусусиятҳои хоси ҳар давра буда, ба вазъияти (статус) иҷтимоии инсон – кӯдак, донишҷӯ ва ғайра мувофиқат мекунад. *Ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ* имконият фаро меорад, ки хусусиятҳои хоси инкишофи иҷтимоӣ ва рафтори инсонро дар ҳар *марҳилаи синнусол* дида тавонем. Педагогика ва психологияи синнусолии муосир марҳилаҳои инкишофи синнусолии инсонро вобаста аз тағйиротҳои синнусолӣ бо тамоми хусусиятҳояшон нишон додаанд. Донишҳои онҳо имконият медиҳанд, ки *раванди марҳилавии инкишофи иҷтимоии инсонро дуруст баҳогузорӣ намуда дар муайян намудани мақсад ва хусусиятҳои фаъолияти иҷтимоӣ – педагогӣ вобаста ба шароитҳои муҳит* ба ӯ ёрӣ расонанд.

***Хусусиятҳои ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ.*** Маҳсулнокии амалигардонии имкониятҳои дохилӣ дар бисёр маврид ба воситаи

ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ муайян карда мешаванд. Бо кадом равиш ӯ шароитҳои лозимаро муҳайё месозад, сабабгори рушд ё таназули инкишоф мегардад ба он вобаста аст, ки *потенсиали ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ* чӣ гуна амалӣ гардонда мешавад. Донистани ***моҳияти ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ ва маҳорати истифода кардан аз ӯ*** дар фаъолияти касбии худ барои корманди иҷтимоӣ бисёр муҳим аст.

*Аз рӯи моҳияти худ ҷараёни иҷтимоӣ- педагогии зоҳирӣ – ин ҳаракати бо тартиби мақсадноки педагог (субъект), ки бо зарурати ташхисии инкишофи ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилии инсон (объект) мебошад.* Ин барои дар мӯҳлати кӯтоҳ ва бо роҳи осон ба мақсад расидани мутахассис дар фаъолияти касбиаш кӯмак мерасонад.

Ҳангоми коркарди мундариҷавии ҷараёни иҷтимоӣ – педагогӣ ду намуди муносибатро раво мебинанд: *таҳлилӣ-таркибӣ (структурный) ва вазифавӣ (функциональный).*

***Муносибати таҳлилӣ – таркибӣ*** муайянкунандагони ҷӯзъҳои таркибии ҷараён ба ҳисоб рафта, метавонанд характери шартӣ ва ё вазифавӣ дошта бошанд.

***Муносибати вазифавӣ*** муайянкунандаи хусусиятҳои фаъолияти касбии мутахассиси мушахас дар ҳама марҳилаҳои фаъолият ба ҳисоб мераванд.

## Мавзӯи №11
## *Назарияи фаъолияти таълимии педагог чун сомонаи (система)-и донишҳои илмӣ дар мактаби олӣ*

### Масъалаҳои баррасишаванда:

1. *Ташаккули назарияи омӯзиш – омили асосии инкишофи омӯзиш*
2. *Шароитҳои муайянсоз ва қаноатбахши маҷмӯи донишҳо аз рӯи меъёрҳои назариявӣ*

3. *Асосҳои ташкилкунанда ва сохтории назарияи омӯзишии фаъолияти педагог*
4. *Қонуният ва принсипҳои ҷавҳарзои назарияи омӯзиши фаъолияти педагог*

**Адабиёт:**


1. Ананьев, Б. Г. О проблемах современного человековедения / Б. Г. Ананьев. – М. : Педагогика, 1980. – 317 с.
2. Андреев, И. Д. Теория как форма организации научного знания / И. Д. Андреев. – М. : Наука, 1079. 354 с.
3. Анохин, П. К. Философские аспекти функциональной системы / П. К.Анохин, - Медига, 1978. – 283 с.


I. Ҳолатҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ – омӯзишии педагог замоне қобили истифодаи самарабахш қарор мегиранд, ки онҳо ба як сомонаи (система)-и дониш дар шуури шахс ташаккул ёфта бошанд. Сомонасозии (систематизатсия)-и донишҳо дар шаклҳои мухталиф ба вухуд меоянд. Шакли басо мураккаб вале бисёр манфиатнок – ин ба намоиш ва қобили истифода қарор додани сомонае дар шакли назарияи дидактикӣ-омӯзишӣ мебошад.

Бо ин мақсад айни муддао мешуд агар мо назари нави муосирро ба назарияи таълимӣ – омӯзишии педагог, сохтор ва ташаккули вай пайдо созем. Чӣ хеле, ки таҳлилҳои адабӣ оид ба ин масъала нишон медиҳанд, назария бояд фарогири қисматҳо бошад. ҷузъи асосӣ барои поксозии (аз ҳар гуна суханпардозиҳои зиёдатӣ) дониш дар сомонаи назариявӣ ин поя, асоси (принсип)-и (принсип - аз лотинӣ – маънояш ибтидо, асос аст) назария ба ҳисоб меравад. Сутун ва асоси (принсип)-и назария бошад дар асоси ғоя (идея) пайдо мешавад. Ғоя ва принсип асоси назарияро ташкил дода, замина ва таҷкурсии боэътимоди он мегарданд. Меъёри дигар барои ин - мафҳум, қонун ва қонуниятҳост. Ҷанбаҳои дигар принсип, натиҷа ва қоидаҳо ҳастанд, ки дар ҳошияҳои меъёрҳои номбаршуда ба вуҷуд омадаанд. Ва оқибат

таркиби назарияро далелҳое ташкил мекунанд, ки аз як тараф ҳамчун ашёи аввалӣ барои пайдоиши назарияҳои абстрактӣ дар воридшавӣ ба моҳияти дониш хизмат кардаанд ва аз тарафи дигар объекти назарияи фаҳмондадиҳӣ ва муҳокимаҳое, ки барои сохтори ғоявии сомонаи дониш дар асоси принсипи назария ва қоидаҳои он истифода шудаанд ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тариқ ҷавҳари назарияро ғоя, принсипи назария, мафҳум, қонун ва қонуниятҳо ташкил менамоянд.

Пояи асосии ҷӯзъҳои васлкунандаро ба як сомона дар назарияи илмӣ асос (принсип) меноманд, ки бо такя ба ғоя ташкил шудааст. Ва ҳамин принсип аст, ки маҷмуи донишҳоро дар шакли назарияҳои илмӣ ба ҳамдигар муттаҳид месозад. Ташаккули мақсадноки назария баъд аз ташаккули принсип ибтидо мегирад.

Донишҳои назариявӣ бо мурури замон метавонанд ба назария фақат дар ҳолати пок (синтез) шудани принсип табдил ёбанд. Бояд қайд намоем, ки дар асоси як ғоя метавонад якчанд принсип ба вуҷуд биояд, лекин муҳим нест, ки меъёри умумиятҳои онҳо якхела бошанд. Дар ин ҳолат набояд принсипҳо дар бархурди мантиқӣ ба якдигар қарор гиранд, балки принсипи умумияти хурддошта таҳкимбахши принсипи умумияти калондошта гардад. Аз ин бармеояд, ки назария метавонад дар асоси на фақат як принсип балки дар асоси якчанд принсип сохтор гирад.

Омӯзиш (дидактика) мутобиқи мафкураи мо бояд ҳамчун сомонаи донишҳои илмие, ки инъикосгари моҳияти фаъолияти педагогӣ ва маҳдудсози ҷараёни таълим гардидаанд, ташкил карда шавад. Ҳар як ҷузъи раванди таълим бояд мутобиқи назарияи муайян ба роҳ монда шавад. Бо ин васила барои сохтор ва ташаккули раванди омӯзиш (дидактика) бояд пеш аз ҳама назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог, фаъолияти таълимии шогирдон, мазмуни маълумот, методҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, воситаҳои таълим, метод ва воситаҳои танзимсоз ва моҳиятноки шахсияти шогирд дар раванди таълим сохта шаванд.

ІІ. Ҳамчунон муҳим аст, ки маҷмӯи донишҳо чун назария дар ҳолати қаноаткунанда ва дастраси шароитҳои зерин шинохта шаванд:

- Дар назария бояд донишҳои илмӣ дар бораи ҳақиқати аслии объекти муайян ҷойгир карда шаванд. Яъне бояд он назария маълумоти пурра ва ҳаматарафаро дар нисбати объект дошта бошад;

- Назария метавонад фарогири на ҳама маҷмуи донишҳо дар бораи ашё гардад, балки ҳамчун асоси (принсип)-и сомонавии он, ки дар алоқамандии ҳамдигар пайдо шудаанд ба ҳисоб гирифта шавад;

- Назария бояд фарогири донишҳо дар бораи сабабҳои алоқамандӣ, дар бораи қонуниятҳое, ки таъсири байниҳамдигарии элеменҳои назарияро муайян сохта инкишофи онҳоро маълум намудаанд, бошад;

- Ин гуна сомонаи донишҳо бояд пурра мустақил бошанд, яъне афкори инкоркунандае барои онҳо вуҷуд надошта бошад;

- Назарияи илмӣ бояд асоси худро аз шумораи камтарини (минималӣ) ғояҳои ибтидоӣ (талаботи минимизатсияи назария) пайдо созад. Муҳимияти ин бар он аст, ки назария бояд аз ҷиҳати мазмун инкорнашаванда ва аз ҷиҳати сохторӣ комил бошад.

(Шароитҳои номбаршударо бо далелҳои қонеъкунанда дар корҳои илмии педагоги маъруф И. Д. Андреев дарёфт намудан мумкин аст).

ІІІ. Яке аз вазифаҳои муҳими ташкили раванди таълим ин коркарди назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог ба шумор меравад (аз ин ба баъд ФТОП).

Асосҳои он аз қисматҳои таркибии зерин иборатанд:

1. Принсипи поксози дониш ва ғояи назария;

2. «Аппарати» мафҳумӣ (терминологӣ);

3. Объекти омӯзиши фаъолияти педагог;

4. Сохтори педагогии фаъолияти таълимӣ-омӯзишӣ;

5. Консепсияи омӯзиш (дидактика);

6.Принсипи корӣ-вазифавии сомонаи таълимӣ-омӯзишӣ (дидактикӣ).

Ҳузури принсип ба мо имконият медиҳад, ки бо назарҳои тоза ба ташаккули яке аз назарияҳои дидактикӣ ва билхусус назарияи таълимӣ-омӯзишии фаъолияти педагог бингарем. Ин ба мо имконият медиҳад, ки маҷмуи донишҳои доштаамонро дар як сомона муттаҳид намоем.

Қисмати таркибии назария албатта мафҳум аст. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва пешниҳоди дониши илмӣ фарогири хусусиятҳои умумии ашё ва ҳаққонияте ҳаст, ки инъикосгари пайвандҳои муҳим ба ҳаёт мегардад.

Барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог ҷанбаҳои зерини мафҳумҳо истифода мешаванд:

а) фалсафаи мафҳум – дар навбати аввал унсурҳои мубоҳисавӣ (категорияҳои диалектикӣ), барои мисол, моҳият ва мафҳум, абстракт ва мушахас, объективӣ ва субъективӣ, шакл ва мазмун, сифат ва миқдор ва ғайра;

б) Мафҳуми мантиқӣ – гузаришӣ-ҳамҷояшавӣ (логико-интегративӣ), масалан, система, модел, идора, алоқаҳои баргарданда, алгоритм ва ғайра;

в) Мафҳумҳои умумипедагогӣ, масалан, таҳсилот, таълим, тарбия, таҷрибаи педагогӣ, маҳорати педагогӣ, педагог, шогирдон, таълимот ва ғ.

г) Мафҳумҳои умумиомӯзишӣ, масалан, воситаҳои таълим, методҳои таълим, вазъиятҳои таълимӣ, вазифаҳои омӯзишӣ ва ғ.

Ҳамзамон назарияи ФТОП мафҳум ва воситаҳои махсуси худро инкишоф медиҳад. Ба сифати мисол мафҳумҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог (ФТОП), объекти ФТОП, сомонаи фаъолияти омӯзишӣ,

намудҳои ФТОП, қонуниятҳои ФТОП, базиси дидактикӣ, принсипи фаъолияти сомонаи дидактикӣ ва ғайра.

Таълим ҳамчун сомона замоне ба фаъолият шурӯъ мекунад, ки ҷараёни таълим оғоз мегирад ва бо тамом шудани он анҷом мепазирад. Аз ин бармеояд, ки барои раванди таълим асос ҳолати фаъолияти сомона ба шумор меравад, ки натиҷааш ҳамчун қисмати ташкилии таъсирбахш ба ташаккул ва фаъолияти вай вобаста буда, фарогири ҷанбаҳои худташаккулёбист. Ана ҳамин лаҳза, яъне дарназаргирии натиҷа ҳамчун омили ҳалкунанда маҳдудсозандаи мафҳуми «таъсири байниҳамдигарӣ» дар нисбати ҷузъиётҳои байниҳамдигарии сомона ба ҳисоб меравад. Фақат натиҷа метавонад таъсиротҳои лаҳзаина ва озоди ҷузъиётҳои сомонаро дар нисбати худ пурзӯр намояд.

Чӣ тавре, ки аз ин ҳолатҳо пайдост фурузоншавии натиҷа дар сомона таъсири муфиде ба ташаккул ва фаъолияти вай расонида метавонад. Яъне мафҳуми сомона бояд шакли дигаре нисбати ин мафҳум дар адабиётҳои педагогии анъанавӣ дошта бошад ва мафҳуми сомонаро П. К. Анохин чунин шарҳ медиҳад:

**«Сомона гуфта маҷмуи ҷузъиётҳои интихобан арзи вуҷудкардаеро меноманд, ки дар он таъсир ва муносибати байниҳамдигарии ҷузъиётҳо хусусияти мусоидатии байниҳамдигариро барои ба даст овардани натиҷаи муфид, устувор ва собит месозад»**

Ҷӯзъиётҳои интихобшуда дар фаъолияти сомонаи дидактикӣ бояд фарогири чунин таъсир ва муносибати байниҳамдигарии мутобиқ ба тассавури вазифаи сомонае бошанд, ки он хусусияти мусоидатомезро барои дастрас намудани натиҷае, ки муайянсози мақсад аст фароҳам орад. Натиҷаи охирин ба воситаи натиҷаҳои андармиён ба даст меояд. Натиҷаҳои андармиён имконият медиҳанд, ки ҷараёниислоҳдарорие, ки хусусияти танзимгариро дорост, ба роҳ монем.

Сомонаи дидактикиро мо ба тарзи дигар сомонаи ташкили раванди таълим меномем. Вай фарогири ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим ва алоқаи байниҳамдигарии онҳост. Баъд аз афзалият пайдо намудани ФТОП имкон дорад назария ва афкори асосии нав арзи вуҷуд намоянд.

Таълим аз мавқеи педагог ифодакунандаи сомонаи ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар шакли вазифавии сомонаи омӯзишӣ, ки дар асоси қонуниятҳои характери педагогӣ, маҷмӯи ҷузъиётҳои раванди таълим ифодагари алоқаи байниякдигарии хусусияти мусоидатидошта бо мақсади ба дастоварии натиҷаи лозима гардидаанд, мебошад.

Дар бораи қонун ва қонуниятҳое, ки ба назарияи ФТОП даромадаанд гуфтан роиҷ аст, ки онҳо баёнгари маҷмӯи қонунҳои умумидидактикӣ ва қисмӣ-назариявии инъикосгари махсусиятҳои ҳамон соҳаи фаъолияти педагогӣ мебошанд.

IV. Бо назардошти кушода шудани баъзе меъёрҳои моҳиятии алоқаи таълим дар соҳаи таҳқиқот асоси мукаммале вуҷуд дорад, ки қонуниятҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагогро (ФТОП) чунин баён намоем:

1. Дар ФТОП барои ба даст овардани мақсади таълим педагог бояд вазифаи маълумотноккунонӣ, тарбиявӣ ва инкишофиашро ба сомон расонад, ки вазифаи асосии ФТОП ҳам ҳамин аст;

2. ФТОП нақши роҳбарӣ ва роҳнамоиро дар раванди таълим иҷро намуда, ба фаъолияти таълимии хонандагон алоқаманд ва вазифадор аст. Ин гуна қонуниятҳо дар адабиётҳои мухталифи педагогӣ бисёр во мехуранд;

3. Намуди афзалиятдошта дар ФТОП ин алоқамандии фаъолияти педагог ва хонандагон дар ҷараёни таълим аст, ки ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ҳисоб меравад;

4. Дар сомонаи фаъолиятдоштаи дидактикӣ намуди афзалиятноки ФТОП ин ташкили фаъолияти таълимии хонандагон бо намудҳои дигари ин фаъолият,

ки ба қисмати сохтории педагогӣ медароянд хусусияти мусоидкунандаро соҳиб аст. Дар ин қонуният яке аз хусусиятҳои асосии сомона ба иҷро мерасад;

5. ФТОП ҳар қадаре, ки мафиатовар бошад, ҳамон қадар дар ташкили дидактикии мундариҷаи маълумот ва баҳамоии абстраксия ва мушаххасот дар мувофиқат бо хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии имкониятҳои хонандагон пайдо мегардад;

6. ФТОП ҳар қадар манфиатовар бошад, ҳамон миқдор варианти ба ҳам омадани воситаҳои иттилоотии педагогӣ дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълимӣ муфид аст;

Банақшагирии фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди ФТОП дар замоне манфиатноктар мегардад, ки агар нақшаи ба амал баровaрда дар фаъолияти амалии консепсияи дидактикӣ, ки таълимро аз мавқеи педагог ҳамчун сомонаи ташкили фаъолияти таълимии шогирдон зери назар мегирад, ба эътибор гирифта шавад. Банақшагирӣ ҳамчун намуди фаъолияти педагог ҳадафи ба мақсадрасиро дорад. Лекин манфиатнокиаш аз дар назар гирифтани ҳамаи имконияту воситаҳо барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ вобаста аст.

## Мавзуи №12

### *Таълим ҳамчун системаи функсионалӣ ва қисми таркибии системаи педагогӣ дар мактаби олӣ*

**Адабиёт:**


1. *Давыдов, В. В. Теория развивающего обучения / В. В. Давыдов, - М. : ИНТОР, 1996. – 546 с.*
2. *Кантор, И. М. Понятийно- терминологическая система «педагогика» / И. М. Кантор, - М. : Просвещение, 1980, - 186 с.*

Системаи педагогӣ (минбаъд СП) ифодагари маҷмуи ҷузъиётҳои сохторӣ, функсионалӣ ва алоқамандии байни онҳо барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи мувофиқи мақсад бароҳмондашуда мебошад. СП аз зерсистемаҳо иборат аст ва зерсистема дар навбати худ аз қисматҳои таркибии дигар зергурӯҳҳо иборат мебошад. Чунин тақсимбандиро метавон давом дод, лекин дар ҳама ҳолат ба онҳо ҳангоми таҳлил бояд аз назари ҷузъҳои мустақили системаи педагогӣ назар кард.

Намуди зерсистема дар системаи педагогӣ системаи дидактикӣ ба ҳисоб меравад. Вай аз ҷузъиётҳои сохторӣ ва функсионалӣ таркиб ёфтааст. Ҷӯзъиётҳои сохторӣ чунинанд:

1.Педагогҳо (П). 2) Шогирдон (Ш). 3) Мазмуни маълумот (ММ) 4) Шаклҳои ташкили ҷараёни педагогӣ (ШТҶП). 5) Методҳои ҷараёни педагогӣ (МҶП). 6. Воситаҳои ҷараёни педагогӣ (ВҶП). 7) Мақсади системаи педагогӣ (МСП). 8) Натиҷаи фаъолияти СП (НФ).

Ҳамаи онҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Базаи педагогӣ (педагог, шогирдон, мундариҷаи маълумот) 2. Танзими сохтори педагогӣ (шаклҳои ташкили ҷараёни педагогӣ, методҳои педагогӣ, воситаҳои ҷараёни педагогӣ) 3. Ҷузъиётҳои системаофар (мақсад, натиҷа). Ба ғайр аз ҷӯзъиётҳои сохторӣ ҷӯзъиётҳои функсионалии СП низ мавҷуданд.

Ҷузъиётҳои функсионалии системаи педагогӣ – ин алоқа ва таъсири байниҳамдигарӣ дар ҷараёни гузариш аз ҳолати ибтидоии элементҳои сохтории СП ба натиҷаи охирин ва ё амалиёт дар ҳалли идорӣ, педагогӣ ва вазифаҳои таълимӣ дар системаи педагогӣ, ки натиҷаи умумиашон аз тайёр намудани шогирдон ба дастгирӣ ва инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва таъмин намудани ҳаёт ва фаъолияти худ иборат аст, мебошад. Ба сифати элементҳои асосии функсионалии системаи педагогӣ Н. В. Кузмин элементҳои тадқиқотӣ (Т), банақшагирӣ (Бн), конструктивӣ (Кн), иттилоотӣ (И) ва ташкилотиро (Тш) ҷудо менамояд. Барои мисол

имконияти худсозии алоқа-таъсири байни ҳамдигарӣ ба субъект-субъективӣ ва субъект – объективӣ вуҷуд дорад ва боз ҷудосозии алоқа-таъсири байниҳамдигарӣ ба блокҳо дар алоқамандӣ ба ҷӯзъиётҳои таъсирбахш ба ин ё он гурӯҳ. Дар ин ҷо мо имконият пайдо месозем, ки алоқа-таъсири байниҳамдигарии ҷузъиётҳо ва элементҳои онҳоро, ки ба таркиби базаи педагогӣ, танзими сохтори педагогӣ ва дар гурӯҳи ҷӯзъиётҳои системасоз медароянд, ҷудо намоем. Дар ин ҳолат сатҳи алоқа – таъсири байниҳамдигарӣ аз рӯи меъёри аҳамиятнокӣ муайян мегардад (фақат барои база ва танзими сохтори педагогӣ). Ҳамин тариқ сатҳи аввалро алоқа-таъсири байниҳамдигарии байни ҷузъиётҳои базаи педагогӣ ташкил менамоянд. Сатҳи дуюм ин алоқаи ҷузъиётҳои базаи педагогӣ ва танзими сохтори педагогӣ мебошад. Сатҳи сеюмро бошад алоқаи байни ҷӯзъиётҳои танзимии сохтори педагогӣ ташкил менамоянд. Ҳамаи инро ба шакли нақша дида мебароем. **Нақшаи №8.**

***Сатҳи алоқамандии ҷӯзъиётҳои базаи педагогӣ ва танзими сохтори педагогӣ***



Мукаммалшавии системаи педагогӣ бо тағйиротҳои ҷузъиётҳои сохторӣ ва функсионалӣ алоқаманд аст. Агарчӣ тағйирот дар ҷузъе таъсири худро ба дигар ҷузъҳо расонад ҳам, пешравӣ фақат дар ҳолате руй медиҳад, ки агар мукаммалгардонӣ ба ҳамаи сохтор ва қисмҳои функсионалӣ таъсиррасон бошад.

Ин фақат як намуди тақсимбандии алоқа-таъсири байниҳамдигарии системаи педагогӣ буда, роҳҳои дигари тақсимбандӣ низ вуҷуд доранд.

## Мавзуи №13
### *Фаъолияти таълимӣ ва масъаланокии раванди таълим дар мактаби олӣ*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Ҷузъиётҳои сохторӣ ва вазифавии системаи педагогӣ*
2. *Системаи функсионалӣ-дидактикӣ ва хусусиятҳои вай*
3. *Барқароршавӣ дар системаи функсионалӣ - дидактикӣ*

**Адабиёт:**

*1.Ашмарин Б. А. Теория и методика педагогических исследований в физическом воспитании / Б. А. Ашмарин. – М. : Физкультура и спорт, 1987.*
*2. Давыдов, В. В. Формирование учебной деятельности школьника / В. В. Давыдов, Х. Ломпшер , А.К. Маркова. –М.: Педагогика, 1982,-216 с.*

Дар донишгоҳҳои олӣ системаи таълиму тарбия дар асоси аз худ намудани системаи мундариҷавии фанҳои таълимӣ барои донишҷӯён ба роҳ монда мешавад. Меҳвари фанни таълимиро барномаи таълимӣ ва тайёрӣ ба фаъолияти касбӣ ташкил менамоянд. Барнома мундариҷаи фанни таълимиро инъикос намуда, дар навбати худ характери ҷараёни таълимро муайян месозад.

Мундариҷаи фанҳои таълимӣ бояд фароовари ташаккули тафаккури назариявии донишҷӯён дар асоси материализми диалектикӣ, мантиқ, назарияи азхуднамоӣ ва таъсири психологии вай бошад.

Тафаккури назариявии донишҷӯён ҳангоми иҷрои фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад.

Ин намуди тафаккур бояд бо дарназардошти ҳалли вазъиятҳои педагогӣ созмон дода шавад. Аз ин рӯ моро зарур аст, ки мазмун ва мундариҷаи фанни таълимиро бо дарназардошти хусусиятҳои хос ва сохтори фаъолияти таълимӣ коркард намуда ба роҳ монем. Бо чунин роҳ омӯзонидани фанҳо шароити лозимаро барои фаъолияти таълимии донишҷӯён фаро оварда, дар ташаккули тафаккури назариявии онҳо мусоидат мекунад.

**Таълим дода, тайёр намудани мутахассиси ҷавон ин маънои онро дорад, ки ӯ бояд пеш аз ҳама дорои нигоҳи нав дар ҳалли масъалаҳо, фаҳмиши ояндабинӣ, фароовари шароит ва имкониятҳои инкишоф на фақат дар ин ё он соҳаи истеҳсолот, балки дар маҷмуъ дар ҳама ҷанбаҳои касбӣ бо дарназардошти инфрасохтори иҷтимоӣ бошад. Ҳамчунин ба он маънист, ки ҳар як мутахассиси соҳа дар солимгардонии ҷомеа новобаста аз шароитҳо бояд тавоно бошад.**

Ҳаракатҳои тағйирпазирӣ дар ҷомеаи муосир характери навгонипарварии рӯ ба инкишофро гирифта, дар навбати худ тақсимоти дурусти нишондиҳандаҳои микдорию сифатии неруҳои меҳнатиро пешниҳод менамоянд. Барои ба мақсад расидан моро зарур аст, ки дар ташкили ҷараёни фаъолияти касбӣ, мақсаднокии вай, ояндабинӣ, умумият ва серҳаракатӣ ва вобаста ба ин дар баланд бардоштани сатҳи кордонӣ ва дараҷаи тахассусии кормандони ҳамаи соҳаҳо махсусан кормандони идорӣ ва роҳбарӣ талаботҳои махсусро ба роҳ монем. Барои он, ки инсон монеаи инкишофи истеҳсолоту ҷомеа нагардад, зарур аст, ки ба ҷараёни таълим дар кори тайёр намудани мутахассис ва баланд бардоштани малакаю маҳорати ӯ бо дарназардошти аз худ намудани малакаю маҳорати эҷодии идорӣ ва зуду дуруст дарк намудани моҳияти масъалаҳо диққати махсус диҳем.

Мақсади таълимоти касбӣ дар ҳолати аз худ намудани роҳу усулҳои ҳалли вазифаю масъалаҳо чӣ дар соҳаи касбият ва чӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ба даст меояд. Ҳолати муосири инкишофи ҷомеаҳо тақозои воридсозии муносибат ва мундариҷаи нави ҷараёни таълимро ба донишҷӯён дорад, ки ҳанӯз аз рӯи принсипҳои дидактикӣ коркард нашудаанд. Яке аз роҳҳои пешбурди коркарди консепсияи нави мундариҷаи маълумот, ин пешниҳод ва мутобиқсозии ғоя дар бораи зарурати омӯзиши асосҳои илм бо меъёри баланди умумиятҳои назариявӣ ва мундариҷавӣ мебошад. Имрӯз яке аз хусусияти асосии инкишофи дидактика таҳқиқи ҷараёни таълим дар раванди умумиятҳо ба шумор меравад. Дар адабиётҳои дидактикӣ оид ба мустақилияти хонандагон дар ҷараёни азхуднамоии дониш таҳқиқи чунин нишондодҳо ба роҳ монда шудааст:

1. Маҳорати мустақилона пайдо кардани дониш аз маъхазҳои гуногун ва гирифтани малакаю маҳорат аз роҳи азхуднамоӣ ва ё таҳқиқи мустақилона;
2. Маҳорати истифодаи онҳо дар корҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои зиндагӣ;

Кӯшиши бедор ва равнақ додани мустақилияти эҷодии донишҷӯён маънои онро надорад, ки мо дар ниҳоди онҳо фаъолияти иҷрогариро аз байн бубарем. Ба ин паҳлӯи ҷараёни таълим олимон М. А. Данилов, Р. Г. Лемберг, Ю. К. Бабанский ва дигарон диққати ҷиддӣ додаанд. Онҳо алоқамандӣ ва ҳамдигарпурранамоии ин ду намуди фаъолиятро махсус қайд намудаанд. Ҳамзамон ҷустуҷӯи шароитҳои мусоид барои азхуднамоии дониш ба пайдоиши консепсияи масъаланокии ҷараёни таълим замина гузошт. Ҳангоме, ки фаъолияти таълимӣ характери эҷодӣ мегирад, суоли матраҳ ин аст, ки чӣ бояд кард то ин, ки шакли ҷараёни таълим бо ин талабот мусоидат намояд. Ҳангоми барассии мавзӯи ҷойгоҳ ва мақоми масъаланокии ҷараёни таълим мо бояд ба моҳияти он сарфаҳм равем. Яъне моҳияти масъаланокии ҷараёни таълим бояд

ҷавобгӯи талаботи замон ва мувофиқи дархости давлатӣ дар соҳаи тайёр намудани мутахассисони соҳаҳо бошад.

## Мавзуи №14

### *Мафҳуми тасавур ва тахаюл (хаёлот) - сомонасози ҷанбаҳои ҷараёни эҷодӣ*

**Масъалаҳои барассишаванда:**

*1. Инкишофи ҷараёни эҷодӣ ва тасаввуроти мутахассис дар бозиҳои тадқиқотӣ-эвристикӣ (ҷустуҷӯӣ)*

*2. Мафҳуми хаёл – сомонасози ҷанбаҳои эҷодӣ*

**Адабиёт:**

*1.Альтшуллер, Б. Творчество как точная наука / Б. Альтшуллер.- М. : Наука, 1979. – 244 с.*

*2. Библер, В. С. Мышление как творчество. Введение в логику мысленного диалога / В. С. Библер. –М. : Знание, 1975. -399 с.*

*3. Богоявленская, Д. Б. Интеллектуальная активность как проблема творчества / Д. Б. Богоявленская. – Ростов-на-Дону : ИРУ, 1983, -247 с.*

Болоравии талабот ба кадрҳои дараҷаи баланди интеллектуалӣ ва фарҳангидошта, маҳорати касбии онҳо, фаъолнокии иҷтимоӣ ва нерӯҳои эҷодӣ, имрӯз масъалаест, ки моро маҷбур месозад ҳар чӣ зудтар тайёр намудани чунин мутахассисонро ба роҳ монем. Дар ин ҳолат шароите ба вуҷуд меояд, ки заминасози ҳалли масъалаҳои вуҷуддошта дар ҳама соҳаҳои фаъолият тағйиротҳои сифатан наҷибро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад.

Дар замони муосир бологирии аҳамияти иҷтимоидоштаи тайёр намудани кадрҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда ва асосии фарҳанг арзи вуҷуд намудааст. Бологирии ин нақш дар ҳаёти ҷомеа аз мо тақозо менамояд, ки ба сифати тайёр намудани мутахассисони соҳа диққати махсус диҳем. Ҷараёни

инкишофи дастёбиҳо дар ин соҳа ба ҷанбаҳои интелектуалӣ-эҷодии кадрҳои роҳбарикунанда вобастагии зиёд дорад. Имрӯз сифати асосии мутахассис на фақат ба дониш ва малакаҳои баланди соҳавии ӯ вобаста аст, балки вобастагии зиёдтаре ба қобилиятҳои эҷодӣ ва қобилиятҳои фавқулодаи ҳалли масъалаҳо дорад. Аз ин рӯ мутахассисон бояд бо тасавуротҳои васеъ ва лаёқати қабул ва маънан ҳазм намудани навгониҳои фавқулода фарқ карда шаванд. Мутаассифона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудани чунин мутахассисон корест саҳл мушкил, вале ба ҳар ҳол онҳо ҳастанд ва онҳоро бояд дуруст истифода барем. Бо мақсади инкишофи қобилиятҳои эҷодии хатмкунандагони мактабҳои олӣ моро зарур аст, ки дар ин самт мубоҳисаҳо, бозиҳои интеллектуалӣ, моделикунонии ҳолатҳои амалӣ ва дигар усулҳои фаъолро ҳар чӣ бештар истифода барем. Таваҷҷӯҳи бузургро ба неруи созандаи эҷодии шахсият дар замони муосир пешрафти бемайлони ҳамаи соҳаҳои баъзе мамлакатҳо ба вуҷуд овардааст.

Олимони амрикоӣ роҷиби нақши неруҳои нуҳуфтаи шахс таҳқиқотҳо бурда, масъалаи пайдо намудани неруҳои эҷодии инсонро ба масъалаи аҳамияти умумимиллидошта табдил додаанд. Ин ба он маънист, ки фаъолият ва қобилияти эҷодии шахсият на танҳо таъсиргузори пешрафти илм, балки дар маҷмуъ таъсиргузори пешрафти ҷомеа ва миллатҳост. Миллатҳое, ки аз ӯҳдаи ташаккули шахсиятҳои эҷодӣ баромада, барои онҳо беҳтарин шароити зиндагию корро ба вуҷуд меоваранд, сазовори бартариятҳои зиёде дар зиндагӣ мегарданд. Асоси фаъолияти эҷодӣ ин натиҷаи маҳдуди ашёӣ набуда, балки бавуҷудоварӣ ва мукаммалсозии қобилиятҳои инсон аст. В. В. Давидов ба он ақида аст, ки тафаккури эҷодӣ аз доираи мантиқи ашёӣ ва маонӣ додани ашё берун баромадааст. Дар ҳар соҳае, ки ҷараёни эҷодӣ ба роҳ монда шуда бошад, новобаста аз он, инсон дар лаҳзаҳои эҷод аз доираи неруҳои касбии худ берун мебарояд ва ҳамчун инсони комил ва шахсияти созанда амал мекунад.

Тафаккури эҷодӣ системаи қобилияти худташаккулёбӣ буда, муайянкунанда ва бавуҷудоварандаи ҳалли масъалаҳоест, ки роҳҳои ҳаллашон қаблан дар ягон таҷрибаи гузашта вонахурдаанд ва дар алоқамандии объект бо ҷаҳони берунӣ, ки пеш аз ин номаълум буд, коркард шудаанд. Тафаккури эҷодӣ бевосита қобилияти гирифтан ва истифода бурдани таҷрибаи гузашта ва функсияи табадулофари эҷодро дар алоқамандӣ бо ҷаҳони беруна бо худ ҳамроҳ дорад. Вай як навъи тафаккурест, ки роҳҳои мухталифи пайдоиши худро дорад. Тафаккури эҷодӣ бо далелҳои мавҷудбудаи ашё маҳдуд нашуда, имконияти тағйири роҳҳои ҳалли масъаларо, ки баъзан ба натиҷаҳои ғайри интзор мерасонанд ба роҳ мемонад.

Масъалаи оқибатҳои пайдоиш ва инкишофи қобилияти эҷодӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқотҳои гузаронидаи олимон дар соҳаи қобилияти эҷодӣ ба ин натиҷаанд, ки дар ин дунё нафаре вуҷуд надорад, ки табиат ба ӯ имкониятҳои эҷодро надода бошад.

Алоқаи санъат ба инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ба фикри Э. В. Иленков дар он аст, ки «қувваи тахаюл» дар сарҳади санъат махсусан бурида мешавад ва ногуфта намонад, ки таҳқиқотҳои инкишофи тахаюли инсон дар ҷараёни эҷодиёти бадеӣ аз ҳама бештар давомноктар аст. Ҳамзамон аз лаҳзаи пайдоиши маълумот барои тайёр намудани инсон ба меҳнати фикрӣ хизмат намуда, шогирдро ба ҳама соҳаҳои шуури ҷомеа: илм, ҳуқуқ, идеология, дин, ахлоқ ва санъат ворид месозад.

Лекин маълумоти муосир дар донишкадаю донишгоҳҳо аз нуқтаи назари дидактикӣ донишҷӯро ба соҳаи фаъолияти касбие, ки имконияти инкишофи қобилияти эҷодиро дар ҷараёни таълим дошта бошад, ворид намесозад. Таҳсилот ва таълим дар донишгоҳҳо шаклҳои мушкили фаъолият ва тафаккурро думболагиранд, ки берун аз онҳо қадам мондан корест басо мушкил. Чунин системаи бавуҷудомада, ки бештар дар заминаҳои таҷрибаҳои гузашта ба вуҷуд омадаанд, худро зуд фурӯ мебаранд. Акнун моро зарур аст, ки навгониҳоеро дар соҳаи таълим пайдо намоем, ки ба

инкишофи қобилиятҳои эҷодии таълимгирандагон равона шуда, онҳоро барои ҳалли масъалаҳои пешрафт, барои пешбинии ҳодисаҳои оянда, барои пешакӣ баҳои дуруст додани оқибатҳои ногувор тайёр намояд. Инкишофиояндаи системаи таълимро бояд тарзе ба роҳ монем, ки ташаккули таълимгирандагонро ба воситаҳои нави фаъолияти эҷодӣ, шакл ва тарзҳои тафаккур, ки имконияти мустақилона ва ба тарзи нав аз худ кардани донишро дошта бошанд, равона созад. Низоми матлуби системаи таҳсилотии имрӯза самти худро аз низоми кӯҳнашудаистода поягузорӣ намудааст, ки ин зудгузар буда, ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат ҷавобгӯй нест. Талабот ба таҳсилоти муосир ин зарурати таълимоти «инноватсиониро» барои инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва бархурди ҳолатҳои педагогӣ, пешбинии ҳодисаҳои оянда, баҳогузории натиҷаҳои имконпазир, ки ҳангоми қабули қарорҳои муайяни ҳаракатҳои педагогӣ ба вуҷуд омадаанд, ба роҳ мемонад. Муносибати психологию педагогӣ барои рӯи кор овардани низоми тайёр намудани мутахассисони баландараҷаи муосирба шакли ташкили восита ва методҳои таълимие вобаста аст, ки тавониста бошанд дар ниҳоди мутахассиси муосир қобилиятҳоеро ташаккул диҳанд, ки дар оянда тавлидсози тафаккури эҷодӣ дар муносибат ба фаъолият бошанд. Ба фикри бисёре аз мутафаккирон ва муҳаққиқон системаи қобилиятҳои инкишофёбандаи эҷодии инсон ба дараҷаи қобилиятҳои тахаюлотии ӯ вобаста аст. Тахаюл ва тасаввур дар ҷараёни эҷодӣ ҳамеша бо элементҳои идорӣ алоқаманд буда, соҳибтахаюлро ба ҳама самтҳои дурусти ҷараёни педагогӣ роҳнамун месозад. Тасаввур ва тахаюл бобати ҷараёни таълим дар фазои пурраи педагогӣ на фақат ташкилкунандаи фаъолият балки низомбахши ҳамаи фаъолиятиояндаи ҳаёти инсон мегардад. Дар ҷараёни эҷодӣ бошад ҳамеша «парвози» тасавур ва баҳамоии образҳои нав ба ҳақонияти воқеъии дар оянда ба амал баровардани онҳо ба вуқуъ мепайвандад. Дар як қатор таҳқиқотҳо тасаввур ҳамчун қобилияти алоҳидаи инсон ба қалам дода мешавад, ки инсон аввал натиҷаи кулл ё ҳастии кулли ашёро мебинад ва баъд аз он

қисматҳои таркибии ҳамин натиҷа ва ё ашёро, ки оқибат ба як системаи тасаввуротӣ шакл мегирад. Ин дар мафкураи инсон ашёи тасаввуршударо пеш аз қисматҳои вай намоён карда, ҳолати мундариҷавии тафаккури эҷодиро ташкил мекунад. Дар ҳамин марҳила фаҳмонидани чунин хусусияти хоси тасаввур мушкил аст, аммо баъзе олимон ин кушишро кардаанд. Яке аз баёнияҳои имконпазир ин аст, ки гузариши хаёлии хусусиятҳои як тасаввур ба тасаввури дигар ба худи тасаввури аввала ҷанбаҳои иловагӣ мебахшад ва ҳамин гузариши хаёлии хусусиятҳои як тасаввур дар ҳолати кушодашавии умумиятҳо бояд ҳамчун муҳаррики ташкилкунандаи қисматҳои ташкилии тасаввур хизмат намояд. Дар хотир гирифтан ва нигоҳ доштани умумиятҳо пеш аз қисматҳои таркибӣ (дурусттараш пеш аз пайдоишашон) вазифаи аслии тасаввур аст, ки тафаккурро ба худ хеш (наздик) мегардонад.

Ҳамин тариқ ба сифати хусусиятҳои хоси тасаввур метавон ҷудо кард: а) дар тасавур умумиятҳо пеш аз қисматҳои таркибӣ пайдо ва нигоҳ дошта мешаванд; б) тасаввур имкон медиҳад, ки баъзе хусусиятҳои худро аз дигар хусусиятҳо ҷудо намуда, ин хусусияти ҷудонамударо ба дигар тасаввур пешниҳод намоем; в) тасаввури маҳсулнок ҳақиқати реалӣ ва бунёдгузор дорад; г) Тасаввур бо доштани тахаюли серҳаракат ва қобилияти гузаришҳои гуногуни он ба тафаккурҳои озмоишӣ такя мекунад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ дар фаъолият ба муносибати бевоситаи шахсият ба худи фаъолият алоқаманд аст. Хусусияти фаъолият эҷодсози шароити нақшҳои тасаввур аст. Ҳар гуна фаъолияти инсон ҳамеша аз ибтидо, ҷараён ва то анҷом бо ширкати тасаввур сурат мегирад. Инсон ба воситаи тасаввур маҳсули фаъолияти худро ба нақша мегирад. Ҷараёни ташкилшавӣ ва ба вуҷудоварии тахаюлро ба тасаввур назорат карда, ӯро бо образи идеалии он, чи ки тавлид мешавад муқоиса мекунад, то кион чизе, ки тасаввур мекард арзи вуҷуд кунад.

Дар фаъолияти эҷодӣ на фақат заминаҳои субъективӣ ва объективии қобилият, балки худи қобилияти тасаввур пайдо мегардад. Тасаввуре, ки дар ҷараёни таҷриба пайдо мешавад ба ҷанбаи асосии фаъолияти фаннии (тахассусии) инсон табдил меёбад. Ҳамин тариқ барои ташаккули неруи эҷодӣ ва инкишофи қобилияти инсон моро лозим меояд, ки ҳамаи шароити фаъоли худамалиро дар фаъолияти фаннӣ-дигаргунсозӣ ташкил созем. Барои ташаккули қобилиятҳои фавқулода ва сифатии шахсият шароити ҷавобгӯйи фаъолияти эҷодӣ лозим аст ва дар ҳамин асно бояд тасаввур ва фаъолият дар ҳолати баробарвазнӣ қарор дошта бошанд. Ба ақидаи бисёр олимон таҳлилҳои системавии рефлексивӣ-шахсиятии паҳлуҳои тафаккури эҷодӣ фақат шурӯъ шуда, дар ҳолати ҳозира фақат дар коркарди ҷанбаҳои танзимкунанда маҳдуд мегарданд. Ба ин нигоҳ накарда, кӯшишҳои истифодаи ин паҳлӯи фаъолияти эҷодӣ, методҳои системавӣ ва озмоишӣ дар таҳлилҳо аллакай интизори хуби натиҷаҳои амалиро дода истодаанд, ки яке аз намунаҳояш ин имкониятҳои пайдоиши намудҳои нави ташаккули шахсияти эҷодкор аз роҳи муккамалсозии намудҳои фаъолияти эҷодӣ бо таъсири рефлексивии сохтори худшиносии инсон аст.

Аммо мутаассифона мавзуҳои инкишофи қобилиятҳои эҷодии фаъолияти шахсият дар ҷараёни таълимро омӯхта, бояд қайд намоем, ки ҳозир дар тайёр кардани мутахассисони ҳамаи соҳа ва сатҳҳо дар Тоҷикистон ташаккули худшиносии рефлексивии инсон ҳамчун заминаи психологии фаъолияти эҷодии аслӣ ба эътибор гирифта нашудааст.

Эътироф ва фаҳмиши таълим ҳамчун мувофиқаткунонии мутахассисиояндаба касб аз одитарин талаботҳои педагогӣ ба шумор меравад. Имрӯз ҷараёни таълимро ба сӯи пайдоиши назари таҳлилии донишҷӯ ва инкишофи қобилияти эҷодии ӯ бояд самт дод.Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ки даҳсолаҳо боз дар ҳама ҷанбаҳои таҳсилот мавриди амал қарор доранд собит

намудаанд, ки таълим ин фаъолияти гуногунҷанба буда, дар худ ҳам бозиҳои дидактикӣ, ҳам меҳнат ва ҳам эҷодро муттаҳид сохтааст.

Ҳамин тариқ лозим меояд ба мазмуни маълумот назари ҷадид ворид сохта, дар он методҳои фаъоли таълимро аз қабили бозиҳои кории дидактикии мухталиф ҷорӣ созем. Дар ҳоли ҳозир бозиҳои корӣ мутобиқ ба се ҷанба сурат гирифта истодаанд:

1. Бозӣ –таълим; 2. Бозӣ- тренинг; 3. Бозӣ -тадқиқот.

# БОБИ 3. ТАШКИЛИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ –ЭВРИСТИКӢ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

## Мавзуи №15

***Сохтори ташкил ва технологияи бозиҳои озмоишӣ-таҳқиқотии эвристикӣ***

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

*1. Роҳҳои алоқаи фаъолияти эҷодӣ ба тафаккури касбӣ*

*2. Ҷанбаҳои ташкилӣ ва сохтори технологияи бозиҳои эвристикӣ-таҳқиқотӣ*

Зӯри бозӯро чӣ тавон аст пеши ақли ҳиллагар,
Рустам аз тадбир зад дар хоку хун Сӯҳробро

Таҳлили бозиҳои таълимӣ баръало нишон медиҳанд, ки таъсири онҳо дар инкишофи шуур ва шахсияти касбии мутахассис хеле назаррас аст. Бозӣ аз рӯи табиати худ мутааллиқи ҷараёнҳои эҷодӣ аст.

Бояд қайд намуд, ки бозиҳои эвристикӣ вобаста аз ҳолатҳои пайдоиш ба тахаюлот пайваста буда, ҳангоми иваз намудани «бозингар» инкишофи фаҳмишҳои касбӣ аз маҳорати дигар «бозингарон» дар ҷараёни ташаккул қарор мегирад. Иштироки васеъ дар ҳалли вазифаҳои таълимоти касбӣ, ки дар давоми як «сессияи бозиҳо» ба вуҷуд омадаанд, асоси фаъолнокии қобилияти эҷодии афроди «бозингар» мегарданд ва таҳкурсии инкишофи шуур ва шахсияти онҳоро ба вуҷуд меоваранд.

Таҳлили методологии бозиҳо ҳамбастагӣ ва ҳамкаринии панҷ намуди таҷрибаро нишон медиҳад:

- бо кор (ҳаққонияти касбӣ) дар ин ва ё он соҳа;

- бо азхуднамоии донишҳои мукаммали алоҳида (фавқулода)

- бо бозӣ ҳамчун шакли қадимии шароитҳои моддии ҳаёти инсон;

- бо санъати тавлидсози тарзҳои тахайюлот, рамз ва тавлиди объектҳои озод;

- бо банақшагирӣ ҳамчун соҳаи талабот ба оянда ва таҳлили шароитҳои истифодабарӣ.

Ҳамин тариқ бозиҳои эвристикӣ таҷассумгари лаҳзаҳои азхудкунии дониш, худи бозиҳо, фаъолнокии корӣ, санъат, банақшагирӣ, ташкилӣ ва идора кардан аст. Болотар аз ин бозӣ ҳамчун намуди таҷриба ва фаъолият бо соҳаи «комлексии» таҳлил алоқаманд аст. Бозӣ ҳамчун такрорёбии (имитатсия) фаъолияти касбӣ, даричаест барои ҷалб намудани донишгирандагон ба фаъолияти касбӣ ва амалҳо барои инкишофи сифатҳои махсуси касбӣ ва қобилиятҳои эҷодии ташаккулёбии тафаккур, шуур ва дар маҷмуъ ба вуҷуд омадани шахсият аст.

Лаҳзаҳои ҳалкунандаи бозиҳои таълимии созандаи тафаккур яъне эвристикӣ (ҷустуҷӯӣ) ин дар мавриди ба амалбарории тахаюлот (идея) ба фаъолияти амалӣ ва алоқаи онҳо ба фаоълияти касбист.

Ташкили шакл ва методҳои пешбари касбии характери эҷодӣ-таҳлилидоштаро моделикунонии бозиҳои ҳаққонияти касбидошта бо ҳама ҷанбаҳои мухталиф ва масъалаҳояш ба вуҷуд меоварад. Моделикунонии «имитатсионӣ» дар шакли бозӣзарурати тарзҳои ташаккули неруҳои эҷодии фардро дар раванди таҳсилоти донишгоҳӣ, ки имконияти тайёр намудани ҳаматарафаи мутахассиси соҳибкасбро, ки ҷавобгӯи талаботи ҷомеаи муосир бошад бояд ба вуҷуд биорад.

Дар бозиҳои коркардшуда методи нормативӣ-низоӣ (Г. Якобсон, К. Ф. Буадзе, А. А. Тюков) истифода шуда, ҳамчунин баъзе тарзҳои ташкили онҳо низ ба эътибор гирифта шудааст:

а) Муайян кардани модели фаъолияти касбӣ дар асоси таҳлили шаклҳои аслии ба амалбарории он;

б) тайёр намудани мутахассис бо роҳи мувофиқати амалҳои эҷодии ӯ ба модели бозиҳо;

в) Тарбияи шуур ва тафаккури муносиб бо роҳи истифодаи эксперименти шаклгирифта;

г) Баланд бардоштани меъёри донишҳои касбӣ бо роҳиазхуднамоии меъёрҳои ташкил ва иҷрои фаъолияти эҷодии мутахассис;

д) Баланд бардоштани такмили ихтисоси мутахассис тағйирот ва муайянсозии шуур ва тафаккурро, ки дар таҷрибаи корӣ пайдо шудааст талаб менамояд.

Методикаи коркард ва истифодаи бозиҳо дар заминаи мавқеъҳои шаклгирифта асос ёфтаанд:

а) Восита ва методҳои назариявӣ-методологии таҳлилҳои имитатсионӣ, банақшагирӣ, моделикунонӣ ва ғ. набояд худ аз худ дар ҷараёни таълим ва тайёрии мутахассис пайдо шаванд, балки бояд онҳо ҳатман дар контексти кори мундариҷаи мавзӯъ бошанд;

б) Истифодаи восита ва методҳои тарҳрезишуда ва азхуднамоии онҳо аз ҷониби иштирокчиёни бозиҳо фақат ба воситаи муҳокимаи рефлексивии махсус ташкилшудаи мавод имконпазир мегардад:

в) Ҳамаи ҷараёни таълими бозиҳо дар асоси мундариҷа ва муҳокимаи мавзуи бозӣ ва тафаккури имитатсионии мавқеи роҳбарии иштирокчиёни бозӣ ташкил мешавад;

г) Таълими тафаккури имитатсионӣ аз нигоҳи якчанд мавқеъ (мавқеъи «таҳлилӣ», «танқидӣ», «баҳогузорӣ» ва рефсексивӣ»);

д) ташкил кардани мубоҳисаҳои умумигуруҳӣ ва муҳокимаи онҳо дар дохили гуруҳҳо бояд ба воситаи таълими консепсияи тасаввури худ дар шакли гуфтор, тасаввурот, гипотеза, савол, норозият (низоъ), мавқеияти фикрии дигар ва ҳамчунин дар шакли дигари фаҳмишҳо ба роҳ монда шавад.

Ҳангоми баррасии модели бозиҳои таҳқиқотӣ-эвристикӣ бояд қайд намуд, ки ҳамин бозӣ мувофиқ ба тасаввурот буда, дар шакли таълими аломатӣ-контекстуалӣ ба роҳ монда мешавад, чунки дар он баъзе хусусиятҳои бозӣ инъикоси худро меёбанд. Бозӣ метавонад ҳамчун аломати модели фаъолияти касбӣ, ки матнаш тибқи аломатҳо – ба воситаи забони моделикунонӣ, имитатсия ва алоқа ва худи забон муайян мешавад ба роҳ монда шавад.

Ба сифати намояндаи таълими контекстуалӣ шакли бозигии таълим ва тайёр намудани мутахассисин дар чараёни таълимӣ-тарбиявӣ сифати дигари навро аз рӯи нишондоди хусусиятҳои зерин пешниҳод менамояд:

- мундаричаи системавии маводи таълимӣ дар шакли модели имитатсионии ҳаққонияти касбӣ;

- ташкили сохтор ва қисматҳои функсионалии фаъолияти ояндаи касбӣ дар модели бозии таълимӣ;

- наздик кунонидани шароити чараёни таълим ба шароитҳои реалии пайдоиши талабот ба дониш ва истифодаи он, ки фаъолгардонии шахсии таълимгиранда, гузариши мотиватсияи идрокиро ба касбӣ таъмин менамояд;

-Ҳамоҳангии таълим ва тарбия аз рӯи хусусияти бозиҳои таълимӣ, ки иҷрои бечунучарои нормаҳои амалҳои коллективиро тақозо мекунанд;

- Таъмини гузариши ташкил ва танзими фаъолияти таълимии устод-барандаи бозӣ ба худташкилӣ ва худтанзимии амал ва фаъолияти худи бозингарон.

Хусусиятҳои бозиҳои таълимӣ, механизми дохилии онҳоро таҳлил карда, диққати асосиро ба ҷанбаҳои инкишофи элементҳои қобилияти эҷодӣ ва имкониятҳои фард додан зарур аст.

## Мавзуи №16
## *Имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ*

### Масъалаҳои баррасишаванда:

1. *Имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ-варзишӣ*
2. *Тадқиқотҳои муосир дар соҳаи назария ва технологияи тайёр намудани кадрҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш*

*Адабиёт:*

*1. Анисимов, О. С. Педагогическая акмеология. : общая и управленческая/ О. С. Анисимов. – Минск, 2002. – 788с.*

*2. Давидов, В. В. Организационно – имитационные игры как новая форма подготовки кадров / В. В. Давыдов, С, Д. Неверкович, А. А Тюков // Теория ипрактика физической културы, - 1985. -№9. –С. 40-43*

Аз замонҳои қадим ба омӯзиши бозиҳои инкишофдиҳандаи нерӯҳои ақлонӣ ва ҷисмонии одам аҳаммияти калон медоданд. Ба ақидаи А. Ф. Лосев ба ин масъала ҳанӯз дар замони антиқа аҳаммияти махсус додаанд. Ӯ чунин

мешуморад, ки бозӣ нерудиҳанда ва ҷузъи ҷудонопазири фаъолиятҳои ҳайётии инсон буда, воситаест барои инкишофи ҷисмонӣ ва руҳии инсон.

Маонибахшии ҷойгоҳ ва аҳамияти педагогию фалсафии бозиро дар тарбияи кӯдак мо дар асарҳои философи бузург Платон низ вомехурем. Мутафакири барҷастаи халқи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба ин масъала аҳаммияти ҷиддӣ дода онро дар таҷрибаҳояш истифода мебурд. Ӯ миёнашро бо ресмон дар масофаи 5-6 метр бо дарахт баста, дар гирди он то ҳолати мадҳушӣ мечархид ва дар он ҳолат эҷод карда ба муридонаш мефармуд, ки бинависанд.

Бозиҳои таълимӣ ҳамчун воситаи қадимтарини педагогӣ инкишофи минбаъдаи худро дар асарҳои Ҷон Локк, Жан Жак Руссо, Ян Амос Каменский ва дигарон пайдо намудаанд. Инчунин омӯзиши имкониятҳои бозиҳои таълимию тарбиявиро мо дар асарҳои И. Б. Песталотси, Ф. А. Дистервег, П. Ф. Лесгафт вомехурем. Онҳо исбот намудаанд, ки бозӣ дар боз ҳам беҳтар азхуд намудани фанни таълимии бачаҳо ва инкишофи ҷисмонии мактаббачагон нақши муҳим дорад. К. Д. Ушинский мавқеи бозиҳои дидактикиро дар тарбияи ақлонии кӯдак муҳим шуморидааст.

Аввалҳо бозиҳои таълимӣ ҳамчун воситаи пурқудрати педагогӣ фақат дар таълиму тарбия ва инкишофи бачаҳои томактабӣ ва синни хурди мактабӣ истифода мешуданду халос. Асосан имконияти бозӣ дар омӯзиши қобилиятҳои эҷодии синни хурди мактабӣ, инкишофи мустақилияти тафаккур, мустаҳкамнамоии дониши хонандагон, фаъолгардонии фаъолияти донишазхудкунии онҳо ва инкишофи қобилиятҳои даркнамоӣ ва фаҳм намудани маводи таълимӣ истифода мешуданд. Оҳиста-оҳиста бозӣ мавқеи худро дар таълими калонсолон низ пайдо намуд. Имкониятҳои истифодаи бозиҳо ҳамчун воситаи таълими калонсолон ҳангоми истифодаи онҳо дар раванди омӯзиши корҳои низомӣ кашф гардид. Бозиҳои низомӣ ҳамчун паёмовар дар пайдо ва таҳлил намудани ҳолатҳои ҷангие, ки имконияти пайдоишашон дар муҳориба, ҳамчунин барои амиқу дуруст ва дарҳол омода

ва дарк намудани ҳолатҳои ҷангӣ дар вазъиятҳои мураккаб, чолокона аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромадан истифода мешуданд. Анна ҳамин бозиҳо дар оянда тавлидсози бозиҳои корӣ гардиданд.

Тадқиқотҳои муосир дар соҳаи назария ва технологияи тайёр намудани кадрҳои соҳаҳои гуногун тасдиқ менамоянд, ки барои болоравии маҳсулнокии ҷараёни таҳсилот дар мактабҳои олӣ моро зарур аст, ки шароитҳои лозимаро пайдо созем, то ки донишҷӯй дар он имконияти мустақилона таҳлил намудани маводи таълимӣ ва ҷараёни педагогиро дошта, бавуҷудоварандаи алоқаи ҳолатҳои таълимӣ, ҳаракатҳои педагогӣ ва реаксияи ҷавобӣ буда, мантиқ, пайдарпайи ҳаракатҳои педагогиро дарк намояд. Донишҳои то ин замон гирифтаашро ба донишҳои навгирифтааш муқоиса намуда, онҳоро дар ҳалли вазифа ва масъалаҳои педагогӣ истифода бурда тавонад. Ба ибораи дигар мо бояд шароитеро муҳайё созем, ки дар он донишҷӯ аз мавқеияти «объекти таълим» ба «субъекти таълим» интиқол шавад. Таҳлили корҳои истифодашудаи бозиҳои корӣ дар ҷараёни таълими мактабҳои олии педагогӣ нишон медиҳанд, ки тадқиқотчиён онҳоро бо номгузориҳои мухталиф аз қабили «бозиҳои педагогӣ», «бозиҳои ташкилӣ-таълимӣ», «бозиҳои таълимӣ», «бозиҳои корӣ-таълимӣ», «бозиҳои дидактикӣ» ва ғайра ёдовар мешаванд. Лекин фикр мекунем, ки барои бозиҳои корие, ки дар мактабҳои олии педагогӣ гузаронида мешаванд, аз ҳама олияш мафҳуми «бозиҳои педагогӣ» муфидтар аст. Аммо бисёре аз муаллифон ба хотири муайян намудани самти бозиҳои истифодашаванда аз мафҳуми «бозиҳои дидактикӣ» ва ё «бозиҳои таълимдиҳанда» истифода мебаранд. Бо дарназардошти шакли умум гирифтани ин намуди таълим дар мактабҳои олӣ бисёр хуб мешавад агар ҳамагон аз мафҳуми «бозиҳои педагогӣ- дидактикӣ» истифода барем.

## Мавзуи №17

***Банақшагирии системаи бозиҳои дидактикӣ барои ташаккули малакаи касбӣ- педагогии донишҷӯён***

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Аҳамияти банақшагирии бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули малакаҳои касбӣ-педагогии донишҷӯён ва намудҳои онҳо*
2. *Коркарди технологии системаи бозиҳои дидактикӣ*

Адабиёт:


*1. Анисимов, О. С. Педагогическая акмеология. : общая и управленческая/ О. С. Анисимов. – Минск, 2002. – 788с.*

*2. Давидов, В. В. Организационно – имитационные игры как новая форма подготовки кадров / В. В. Давыдов, С, Д. Неверкович, А. А Тюков / / Теория ипрактика физической културы, - 1985. -№9. –С. 40-43*


Барои муккамалсозии ҷараёни ташаккули малакаҳои касбӣ-педагогии донишҷӯён дар раванди таълими донишкадаю донишгоххо коркарди системаи бозиҳои дидактикие, ки сохт ва истифодаи мантиқи малакаҳои лозимаро ба вуҷуд меоранд зарур аст. Ба сифати мисол хусусиятҳои банақшагирӣ, «конструксия» ва гузаронидани бозиҳои дидактикиро аз рӯи фанҳои педагогӣ-психологӣ дар мактабҳои олӣ дида мебароем.

Барои коркарди системаи бозиҳои дидактикӣ ба мо муносибати системавӣ лозим меояд. Муносибати системавӣ ин ягона усулест, ки имконияти ташкили таълимро аз рӯи принсипи умумияти ягона ва пайдарпайи таълим фаро меорад. Ташаккули системаи бозиҳои дидактикӣ тобеи гирифтани натиҷаҳои муайяни муфиде, ки ифодагари системаи малакаҳои касбӣ-педагогии донишҷӯёни мактабҳои оли ҳастанд, мебошанд.

Мукаммалии система кушоиши ҷузъҳои таркибӣ, сохтори системаро ҳамчун таркиби дохилӣ, хусусиятҳои алоқаҳои муккамали байни ҷӯзъҳо, таъминоти мустақилият дар ҷараёни фаъолиятро пешниҳод менамояд.

Ҷудо намудани сохтори ҷӯзҳои система аз рӯи критерияҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

1. Бо хусусияти лозимияташон дар таркиби система, яъне, аз рӯи нақш ва фаъолияташон дар муносибатҳои умумӣ;
2. Бо принсипи фаъолияти байниякдигарӣ дар дохили система.

Ҳамин тариқ намудҳои бозиҳои дидактикӣ бо чунин хусусиятҳо муайян шудаанд: аввал бо хусусияти инкишофии тафаккур дар бозӣ; дуюм бо хусуситҳои мураккабияти худи бозӣ.

## Мавзуи №18

## *Методи бозӣ дар системаи такмили ихтисос ва тайёр намудани кадрҳо дар мактаби олӣ*

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

1. *Моҳияти методҳои бозӣ дар системаи такмили ихтисос*
2. *Намудҳои бозиҳои таълимӣ дар системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш*

**Адабиёт:**


1. *Анисимов, О. С. Педагогическая акмеология: Общая и управленческая Минск 2002 – 788 с.*
2. *Бельчиков, Я.М. Деловые игры/ М. М.Бирштейн. – Рига: 1989.-303с.*
3. *Вазина, К. Я. Коллективная мыследеятельность-тип развивающая обучения: учебная пособие / Горький 1989,-73 с.*


Дар замони муосир дар мамлакати мо ҳолати фарҳанги иҷтимоӣ ва таҳсилот бисёр бошиддат тағйир меёбанд. Талаботҳои иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ва илм, ки зери таъсири инкишофи соҳаи маориф ва илми дигар мамлакатҳо қарор дорад, бисёр зуд инкишоф меёбанд.Аз ин рӯ муаллим дар муҳити ҳамеша инкишофёбандаи соҳаи таҳсилот қарор мегирад ва наметавонад бурун аз таъсири ин зуҳурот бошад, балки субъекти асосии фаъоли ин ҷараён мегардад. Илова ба ин сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва илм ва модерникунонии ин соҳа низ ӯро ба ин роҳнамоӣ менамояд. Мавқеи шаҳрвандӣ ва касбии муаллим, ки ояндаи миллат ва ҷомеа дар дасти ӯст ба ӯ иҷозат намедиҳад, ки кори худро бесифат анҷом диҳад. Дар алоқа бо ин

такмили ихтисос муҳити таҳсилотиест, ки аз гузариш ва таъғиротҳо дар ҷомеа ва ҷаҳон инчунин тағйиротҳои педагогӣ ба муаллим кӯмак мерасонад. Такмили ихтисос муайянкунадаи муташаккилӣ дар система ва худикишофёбии муаллим мебошад. Тағйиротҳое, ки ахиран пайдо мешаванд асоси мундариҷа ва муташаккилиро ба вуҷуд оварда, барои ҳалли масъалаҳои соҳа равона мешаванд. Система бояд аз рӯи принтсипи инкишофи касбияти педагогии муаллим ба иҷро расад. Ба иҷро расидани ин принсип ҳолати созиши инкишофи шахсият ва фаъолияти муаллими фанниро дар асоси таҷрибаҳои педагогӣ, нерӯҳои нуҳуфтаи эҷодӣ, интизорӣ ва кӯшишҳои иҷтимоӣ-педагогиро пешбинӣ менамояд. Фақат дар курсҳои такмили ихтисос дар шароити андешаронии коллективӣ бо истифодаи технологияҳои интелектуалӣ ба иҷро расидани рефлекси фаъолияти педагогӣ, ҳолати масъалавӣ ва ҳалли масъалавӣ ба вуҷуд меояд, ки ба инкишофи педагогии касбияти муаллим мусоидат менамояд. Бояд қайд намуд, ки масъалаи мазкур бо ду асос мураккаб аст. Якум ҳолати иҷтимоӣ-фарҳангии муаллим дар ҷомеа ва муносибати ҷомеа ба ӯ. Дуюм коркарди номукамали технологияи маълумот дар ин соҳа. Таҳлили адабиётҳои илмӣ-педагогӣ ва методологӣ нишон медиҳанд, ки воситаи сермаҳсули такмили ихтисоси муаллимон ин методи фаъоли таълим ва методҳои бози моделикунонӣ ҳастанд (аз рӯи терминологияи О, С. Анисимов). Аз рӯи ақидаи мутахассиси машҳури бозиҳои таълимӣ С.Д. Неверкович назария ва амалияи дидактикаи навро дидактикаи маълумоти калонсолон дар асоси тарзҳои бозигии таълим бояд созиш диҳем.

Дар замони муосир масъалаи таълимоти бозиҳои таълимии калонсолон инкишоф ёфта, дорои намудҳои гуногун мебошанд. Намудҳои асосии бозиҳои таълимӣ дар системаи такмили ихтисоси мутахассисон васеъ истифода мешавад (**Нақшаи 9).**

***Намудҳои бозиҳои таълимӣ дар системаи такмили ихтисос ва***

*бозомӯзии мутахассисон*

| №№ | Намуди бозии таълимӣ | Муаллифон | Мақсад аз гузаронидани таълим | Шакли ташкили фаъолияти таълимӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бозиҳои дидак-тикӣ | И.Хозяинов | Ташаккули донишва малакаи педагогӣ | Хабарӣ-вазифавӣ ва вазифавӣ-мақ-саднок |
| 2 | Бозиҳои корӣ-таълимӣ | Вербитский Борисова | Ташаккули дониш малака ва маҳорати касбӣ | Хабарӣ-вазифавӣ ва вазифавӣ мақсаднок |
| 3 | Бозиҳои ташкилӣтаълимӣ | Сергей Неверкович | Ташкил ва инки-шофи фаъолнокӣ-ҷустуҷӯӣ, намуди тафаккури эҷодӣ, инк. шуур ва шахсияти мутахассис | Вазифавӣ-мақсаднок ва масъалавӣ ҳолатӣ |
| 4 | Б-ҳои ташкилӣ-педагогӣ | Палчевский Масюкова | Таш-л ва инкиш-и фарҳанги педаго-гии муаллим | Вазифавӣ мақсаднок ва масъалавӣ-ҳолатӣ |
| 5 | Б-ҳои ташкилӣ-тафаккурӣ | Анисимов | Инк-и инфиродӣ ва гурӯҳии фаъолияти андешаронӣ | Масъалавӣ-ҳолатӣ |
| 6 | Б-ҳои ташкилӣ фаъолиятӣ | Щедровский | Инк-и фаъолиятӣ-тафаккурӣ дар асоси касбият | Масъалавӣ-ҳолатӣ |

## АДАБИЁТҲОИ ИЛОВАГӢ:

1. Абрамова Г.С. Введение в практическую психологию. М., 1996. Професиональная деформация руководителя. М., 1997.
2. Азаров Ю.П. Семейная педагогика. М., 1993.
3. Беличева С.А. Основы превентивной психолгии. М., 1993.
4. Буянов М.И. Ребонек из неблагополучной семьи: Записки детского психиатра. М., 1998.

5. Басюк В.С. модель организации службы социально – психологического сопровождения в условыях десткого дома: теоретико-психологический аспект. М., 2001.
6. Боголомолова Н.Н. Социальная психология печати, радио и телевидения. М., 1991.
7. Бобнева М.И. Социальные нормы и регуляция поведения. М., 1978.
8. Васильев В.П. Юридическая психология. СПб., 1997.
9. Воспитание и развитие детей в детском доме / Ред.-сост. Н.П. Иванова. М., 1996.
10. Герасимов В.Н. Основы превентивной педагогики. М., 1995.
11. Голицын Г.А., Петров В.М. Информация – поведение – творчество. М., 1991.
12. Годфруа Ж. Что такое психология: В 2 т. М., 1993.
13. Грушин Б.А. Эффективность массовой информации и пропаганды: понятие и проблемы измерения. М., 1979.
14. Гражданский кодекс Российской Федерации // Полный сборник кодексов Российской Федерации. М., 2002. Ст. 31-33, 36, 39-40.
15. Девиантное поведения детей и подростков: проблемы и пути их решения / Под ред. В.А. Никитина. М., 1996.
16. Детский дом: уроки прошлого. М., 1990.
17. Декларация о социальных и правовых принципах, кашающихся защиты и благополучия детей, особенно при передаче детей на воспитание и их усыновлении нацианальном и международном уровнях // Всемирные федеральние законы об образовании и правах ребенка с комментариями. Р/н-Д., 2002.
18. Дюгейм Э. Социология образования. М., 1996.
19. Закон Российской Федарации «О средствах массовой информации» // Ведомости Верховного Совета РФ. 1992. №7.
20. Кащенко В.П. Педагогическая коррекция: Исправление недастатков характера у детей и подростков. М., 2000.
21. Курчинка М.Ш. Ребенок «с характером». СПб., 1996.
22. Лешан Э. Когда ваш ребонек сводит вас с ума. М., 1990.
23. Лесгафт П. Семейное воспитание ребенка и его значение. М., 1988.
24. Мардахаев Л.В. Введения в социальную педагогику. М., 1996.
25. Мардахаева Л.В., Липский И.А. Социальная педагогика: пути развития // Ученые записки: Науч.–теор. сборник МГСУ. 1996. №2
26. З. Ҷ. Наимов, Низоми миллии ташаккули шахсият аз нигоҳи педагогӣ, - Маърифати омӯзгор,- Маҷалаи таълимӣ, методӣ, илмӣ ва оммавии Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №6, 2012. С. 2-5.
27. Назри Яздонӣ. Ҳикмати озодагон. – Душанбе, 2009. – 276 саҳ.
28. Немов Р.С. Психология образования: В 2 кн. М., 1994. Кн. 2.
29. Основы педагогического мастерства / Под ред. И.А. зязюн. М., 1989.

30. Практическая психология для преподавателей. М., 1997.
31. Профессиональная деформация руководителя. М., 1997.
32. Рабочая книга социального педагога: В. 2 ч. Орел, 1995 Ч. II.
33. Ремшмидт Х. подростковый и юношейкий возраст: проблемы становления личности. М., 1994.
34. Назаров Р. Философии образования таджикского народа. Душанбе: 2010 -216 с.
35. Назаров Р. Философия качества образования транформирующегося Таджикистана. Душанбе, «Дониш», 2011, -345 с.
36. Сайидҷаъфари Қодирӣ. Муъаллим. Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 248 саҳ
37. Сорока – Росинский В.Н.педагогические сочинения М., 1991.
38. Степанов В.Г. Психология трудных школьников. М., 1998.
39. Сулаймонӣ С. Педагогикаи ислом: тарбия ва таълим дар Ирон (текст) / Зери наз. Х. Афзалов; АТТ ҶТ; ПРМ илмҳои педагогӣ; Атташеи фарҳанги ҶИИ. –Душанбе, 2008, - 250 саҳ.
40. Сухомлинский В.А. Трудные дети // Избр. произв: В 5 т. Киев, 1980.
41. Шарифзода Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. /Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон,2012,-562с.
42. Шепель В.М. Управленческая психология. М., 1984.
43. Шибаева Л.В. программы психологической реабилитации школьников. М., 1996.